ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

ВБД: 07:327 (575+430)

**АНҶУМ МАҲМУД АҲМАД**

# ОСИЁИ МАРКАЗӢ ДАР ОИНАИ РАСОНАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ АВРУПОӢ (ДАР МИСОЛИ ШИРКАТИ РАДИО ВА ТЕЛЕВИЗИОНИ «МАВҶИ ОЛМОН»)

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор
аз рӯйи ихтисоси 6D051600 – Рӯзноманигории байналхалқӣ
(6D051601 – Рӯзноманигории байналхалқӣ)

**Роҳбари илмӣ:**
номзади илмҳои филологӣ,
дотсент Гулов Сангин Нурович

ДУШАНБЕ – 2026

# МУНДАРИҶА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ................3**

**МУҚАДДИМА...........................................................................................4-13**

**БОБИ I. ОМИЛҲОИ ТАЪСИСИ РАСОНАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ...............................................................................14-64**

1.1. Мурури ба таърихи таъсиси расонаҳои байналмилалӣ...................14-36

1.2. Таърихи таъсис ва фаъолияти ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон»..........................................................................................36-64

**БОБИ II. РАСОНАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР ФАЗОИ ИТТИЛООТИИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ.................................65-106**

2.1. Ҳадаф ва нақши расонаҳои байналмилалӣ дар фазои иттилоотии кишварҳои Осиёи Марказӣ...........................................................65-83

2.2. Фаъолияти расонаҳои байналмилалӣ дар Тоҷикистон................83-106

**БОБИ III. ВАЗИФА ВА ҲАДАФҲОИ БАРНОМАҲОИ ШИРКАТИ РАДИО ВА ТЕЛЕВИЗИОНИ «МАВҶИ ОЛМОН».........107-147**

3.1. Ҳадаф ва вазифаҳои барномасозӣ дар ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон»..........................................................................107-128

3.2. Ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон» – сарчашмаи маълумот барои расонаҳои дигар.................................................128-147

**ХУЛОСА...................................................................................................148-152**

**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ...........................................................................153-154**

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ.............................................................................155-170**

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

1. AFP – Agence France Press – Агентии Франс-Пресс
2. АМИТ «Ховар» – Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон «Ховар»
3. АП – Ассошиейтед Пресс
4. BBC – British Broadcasting Corporation – Ширкати пахши телевизионии Британия
5. ВАО – Воситаҳои ахбори омма
6. ВКХ – Вазорати корҳои хориҷӣ
7. ДМТ – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
8. DW – Deutsche Welle – Мавҷи Олмон
9. ИА – Иттиҳоди Аврупо
10. ИМА – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико
11. ИҶШС – Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ
12. CNN – Cable News Network – Шабакаи иттилоотии кабелӣ
13. ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон
14. ҶФО – Ҷумҳурии Федеролии Олмон

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Расонаҳо аз замони пайдоиши худ то имрӯз дар фазои иттилоотии олам нақши бағоят муассиру барозанда доранд. Саҳифаҳои таърихи башарият гувоҳи он аст, ки рӯзномаву маҷаллаҳо ва баъдан радиову телевизион чӣ сон муассирона амал карда, дар тақдири инсоният рақам задаанд.

Таваҷҷуҳ ба фаъолияти воситаҳои ахбори омма ҳамчун рукни муҳимми ҷомеа ҳамеша дар авлавият қарор дошта, кишварҳои бузург ба фаъолияти онҳо таваҷҷуҳи хосса зоҳир кардаву имрӯз низ чунин амалҳои худро бомаром идома дода истодаанд, зеро моҳияти фаъолияти расонаҳо ва иқтидори таъсиргузории онҳоро пурра дарк кардаанд ва аз ин нигоҳ бо онҳо муносибат барқарор намудаанд. Дар ҳақиқат, воситаҳои ахбори омма бо он таъйиноту вазифаҳо ва имконоти фаровоне, ки барои иҷрои вазифаҳои худ доранд, дар ҳаёти башарият нақши муассир мегузоранд.

Муҳимтарин вазифаи воситаҳои ахбори омма таъсир ба афкор аст ва муқаддамтарин ҳадафи сиёсӣ низ идораи ҳамин афкор мебошад, аз ин рӯ, бештар аз ҳама, мавриди таваҷҷуҳу бознигарӣ қарор дорад. Аз нуқтаи назар ин расонаҳо ҳамеша барои кишварҳое, ки ҳадафи аслии онҳо идораи афкори инсонҳо дар ҳама гӯшаву канори олам аст, муҳимму зарурӣ боқӣ мемонанд. Инро воқеиятҳои таърихии даҳсолаҳо қабл ва фаъолияти имрӯзаи расонаҳо собит менамояд, зеро барои мо маълум аст, ки расонаҳо чӣ сон дар амалисозии ҳадафҳои кишварҳои ба истилоҳ, абарқудрат нақши бузургу интизордоштаро бозидаанд. Бинобар ин, фаъолияти расонаҳо, махсусан, расонаҳои хусусияти байналмилалидошта беш аз пеш мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифта, барои густариши доманаи амали онҳо кӯшиш карда мешавад ва ҳамчунин, ба афзоиши сатҳи маблағгузории онҳо ҳам диққат дода мешавад, ки ин ҳама нишони аҳаммиятнокии фаъолияти чунин расонаҳо барои ҳамон кишварҳо аст.

Аз ин нукоти назар, омӯзиши расонаҳое, ки хосияти байналмилалӣ доранд, аз лиҳози илмӣ низ аҳаммиятнок аст, зеро ин расонаҳо дар фазои

иттилоотии аксар кишварҳо амал карда, дар танзиму идораи афкор саҳм мегиранд ва барои огоҳ будан аз самту василаҳои фаъолияти соҳоти дахлдори кишварҳои алоҳида амри зарурист, зеро дарки фазои иттилоотии худӣ ба ин васила имконпазир мегардад.

Дар баробари ин ҷойи эътироф аст, ки расонаҳои байналмилалӣ аз лиҳози касбӣ дар сатҳи баландтар қарор доранд ва намунаи хуби иҷрои назариявии таълимоти рӯзноманигорӣ ба таври амалӣ дар онҳо амиқтар ба назар мерасад. Манзур он аст, ки кормандони чунин расонаҳо сатҳи хуби касбиятро доро мебошанд ва огоҳ будан аз самту равиши кори онҳо барои назарияи касб ва ташаккули он дар сатҳи байналмилалӣ аҳаммиятнок мебошад, яъне, дар амали чунин расонаҳо моҳияти байналмилалии фаъолияти расонаҳо бештар ҳувайдо мегардад ва ин раванд намунае барои рӯзноманигории кишварҳои алоҳида аст, то дар онҳо низ ин паҳлуи фаъолияти рӯзноманигорӣ, яъне рӯзноманигории байналмилалӣ, ташаккулу такмил ёбад.

Ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон» ҳам аз шумори расонаҳои байналмилалиест, ки ба қатори бонуфузтарин расонаҳои ҷаҳонӣ дохил мешавад ва дар фазои иттилоотии кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, амал мекунаду эътибор дорад. Аз ин лиҳоз, зарурати мавриди омӯзиш қарор гирифтани самту равияҳо ва тартиби фаъолияти ин расона вуҷуд дорад ва ҳамин зарурат мубрамияти мавзуъро асоснок меномад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Таърихи таъсис, ташаккул ва таҳаввули низоми радио ва телевизион, услуби барномасозӣ, интихоби мавзуъ ва муҳтавои барномаҳо, истифодаи имконоти жанрҳо дар барномасозиҳои радио ва телевизион ҳамчун мавзуъҳои муҳимми соҳавӣ ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи олимони зиёди дохилу хориҷи мамлакат будааст ва дар аксар таҳқиқоти илмӣ доир ба он изҳори назар шудааст.

Дар илми рӯзноманигории тоҷик ин мавзуъ ҳамчун яке аз мавзуъҳои бунёдии рӯзноманигории муосир мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифта, аз ҷониби устодон – бунёдгузорони илми рӯзноманигорӣ дар асарҳояшон ба таври

муносиб инъикос ёфтааст. Мо дар назар дорем осори илмию таҳқиқотии муҳаққиқон А. Саъдуллоев, А. Нуралиев, И. Усмонов, М. (Ҷовид) Муқимов, М. Муродӣ, М. Абдуллозода, Ҷ. Саъдуллоев, А. Азимов, Ш. Муллоев, З. Муъминҷонов, С. Хоҷазод, С. Мирзоалӣ, инчунин, муҳаққиқони насли нисбатан ҷавон И. Ҳамидиён, Х. Раҳимҷон, Д. Рустамзода, Х. Сафаров, Б. Соҳибова, З. Эшматов, М. Сафарзода, Ҳ. Каримов, О. Саидзодаро, ки дар онҳо доир ба мавзуи таҳқиқи мо андешаҳо ҷой доранд. Дар мақолаҳои алоҳидаи муҳаққиқон С. Ҳайдаров, С. Гулов, И. Ҳамидиён низ дар ин мавзуъ андешаҳо баён гардидаанд.

Масалан, дар дастурҳои таълимии муаллифон А. Саъдуллоев ва С. Гулов «Жанрҳои журналистикаи радио» (иборат аз ду қисм) [85; 86], А. Саъдуллоев ва М. Шоев «Асосҳои журналистикаи телевизион» [87] доир ба моҳияти фаъолияти радио, имконоти радиошунавонӣ, вусъати фарогирии мавҷ, ҳамчунин, дар дастури баъдӣ мафҳуми телевизион ва фаъолият дар он ба таври маҷмуӣ андешаҳо фароҳам омадаанд, ки заминае барои дарки моҳияти ширкатҳои радиоӣ ва телевизионӣ мебошанд.

Дар силсилаасари «Журналистика» [98; 100; 102]-и профессор Иброҳим Усмонов низ ба мавзуи мавриди баррасии мо таваҷҷуҳ зоҳир шуда, махсусан, дар қисмати сеюми он, ки қисме аз мусоҳибаҳои профессор И. Усмоновро дар матбуот фаро мегирад, дар бораи фаъолияти расонаҳои байналмилалӣ мушаххасан ишораҳо ҳастанд.

Дар «Асосҳои эҷоди журналистӣ» [65]-и профессор М. Муродов ҳарчанд таваҷҷуҳи асосӣ ба матбуот аст, аммо мавзуъҳои умумии касбӣ, ки тавзеҳ ёфтаанд, ба ҳама навъҳои воситаҳои ахбори омма дахл доранд.

Мавзуи таҳқиқи мо, асосан, ба самти таҳқиқи профессор Муҳаммадӣ Муқимов алоқаманд аст, зеро таҳқиқоти ин олими соҳа ва чанд асари дигараш ба фаъолияти расонаҳои байналмилалӣ бахшида шудааст. Китобҳои ӯ: «Мақоми жанрҳо дар Радиои «Озодӣ» [53], «Радиои Би-Би-Си: дирӯз ва имрӯз» [56], «Мавҷи Олмон» – шабакаи байналхалқӣ» [54], «Сиёсат ва ҷанги иттилоотӣ» [55], «Расонаҳои ҷаҳонии тарғиботии ИМА» [59] муҳимтарин масъалаҳои фаъолияти расонаҳои байналмилалиро ба таҳқиқ кашида, доир ба

онҳо маълумоти муфиди илмӣ пешниҳод мекунанд. Ин муҳаққиқ ба таври маҷмуӣ таърихи таъсис, мақсад ва вазифаҳои расонаҳои байналмилалӣ, аз ҷумла бахшҳои тоҷикиву минтақавии онҳо, мавқеъ ва истифодаи жанрҳо дар ин расонаҳо, нақши расонаҳои байналмилалӣ дар муборизаҳои иттилоотӣ ва ғайраро таҳлилу баррасӣ намудааст.

Таҳқиқоти илмии муҳаққиқ Суҳроби Мирзоалӣ «Фаъолияти агентиҳои иттилоотии хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли ИРНА ва РИА «Новости»)», ки дар шакли маҷмуаи алоҳида бо номи «Хабар: аз Машриқ то Мағриб» [51] низ ба табъ расидааст, ба фаъолияти расонаҳои байналмилалӣ бахшида шудааст. Ин асар аз таҳқиқоти арзишманди бахши расонаҳои байналмилалӣ мебошад.

Таҳқиқоти илмии Хуршед Сафаров «Место средств массовой информации России в информационном пространстве Республики Таджикистан» ҳам ба фаъолияти расонаҳои хориҷӣ дар фазои иттилоотии Тоҷикистон бахшида шудааст [128] ва дар он ҳам маводди лозима вуҷуд дорад. Ҳамчунин, дар маҷмуаи мақолаҳое, ки фарогири маводди конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ҳастанд ва аз тарафи масъулони кафедраҳои факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, ба монанди силсилаи «Журналистикаи байналхалқӣ» [27; 28; 29; 30] доир ба мавзуи таҳқиқи мо маводди лозима вуҷуд дорад.

Шоистаи зикр аст, ки дар илми рӯзноманигории тоҷик вобаста ба радио ва телевизион чанд таҳқиқи арзишманди дигар сурат гирифтааст, аммо дар онҳо, асосан, ба шабакаҳои радио ва телевизиони дохилӣ таваҷҷуҳ шудааст. Дар ин миён таҳқиқи Моҳира Сафарова, ки ҷанбаҳои равонии таъсири телевизионро [127] баррасӣ намудааст, муносиб ба тазаккур аст, зеро яке аз самтҳои муҳимми мавҷудияти телевизионро дар маҷмуъ фаро мегирад.

Дар маҷмуъ, сарчашмаҳои илмиву публисистӣ, ки вобаста ба мавзуъ дар маҷмуаи мақолаҳову матбуоти даврӣ чоп шудаанд, барои омӯзишу таҳқиқи мавзуъ муҳим ба шумор мераванд.

**Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Мавзуи кори диссертатсионӣ як ҷузъи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи

журналистикаи байналхалқии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

**Мақсади таҳқиқ.** Муайян намудани омилҳои пайдоиш ва ташаккули расонаҳои байналмилалӣ, вазъи фаъолияти онҳо дар фазои иттилоотии кишварҳои дигар, махсусиятҳои фаъолияти ин навъи расонаҳо, таваҷҷуҳи хос ба таъсису ташаккули шабакаи радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон» ҳамчун расонаи байналмилалӣ ва фаъолияти он мақсади таҳқиқи мазкурро ташкил медиҳад.

**Вазифаҳои таҳқиқ.** Дар доираи таҳқиқи мавзуъ иҷрои вазифаҳои зерин зарур шуморида мешавад:

– баррасии омилҳое, ки ба пайдоиши расонаҳои байналмилалӣ мусоидат менамоянд;

– равшанӣ андохтан ба заминаҳои зуҳури расонаҳои байналмилалӣ ва таърихи таъсиси онҳо;

– мавриди баррасӣ қарор додани нақши расонаҳои байналмилалӣ дар фазои иттилоотии кишварҳои дигар;

– муайян намудани махсусиятҳои барномасозиҳои ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон»;

– баррасии таъсири барномаҳои ин навъи расонаҳо ба мафкураи ҷомеаҳои кишварҳои дигар;

– таснифоти жанрии барномаҳои ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон».

**Объекти таҳқиқ** ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон» мебошад.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқ.** Таҳлили матлаб ва барномаҳои расонаҳои байналмилалӣ, махсусан, барномаҳои ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон»предмети таҳқиқро ташкил менамояд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқ.** Азбаски бори аввал дар бораи ин ширкати радиоӣ ва телевизионии байналмилалӣ таҳқиқ сурат мегирад, хронологияи таҳқиқ аз замони пайдоиши он шуруъ шуда, мушаххасан барномаҳои солҳои охири онро баррасӣ менамояд.

**Асосҳои назарии таҳқиқ.** Дар диссертатсия таҳқиқоти олимон – А. Саъдуллоев, А. Нуралиев, И. Усмонов, М. Муродӣ, М. Муқимов, Ҷ. Саъдуллоев, А. Азимов, Ш. Б. Муллоев, З. Муъминҷонов, З. Сайидзода, С. Хоҷазод, Б. Ҳошимзода (А. Қутбиддинов), С. Гулов, С. Мирзоалӣ, И. Ҳамидиён, З. Эшматов, Х. Сафаров, М. Сафарзода, Н.А. Бруснитсин, В.В. Ворошилов, Э.П. Прохоров, Ф. Эвершор ва дигарон ба ҳайси маводди назариявии таҳқиқ истифода шудаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқ.** Ҳангоми навиштани диссертатсия аз методҳои таърихӣ-муқоисавӣ, таҳлилӣ-муқоисавӣ, таҳлили анъанавӣ ва контентӣ (муҳтавоӣ)  истифода шудааст. Ҳамчунин, ҳангоми таҳлил ва баррасии барномаҳо шарҳу тафсири илмӣ ба кор бурда шудааст. Истифода аз ин усулҳо имкон фароҳам меорад, ки мақсаду вазифаҳои расонаҳои байналмилалӣ дар муқоиса муайян карда шавад.

**Сарчашмаҳои таҳқиқ.** Дар таҳқиқи мазкур муаллиф ба сифати сарчашма аз барномаҳои расонаҳои байналмилалӣ, ки аз ҷониби муҳаққиқон тазаккур ёфтаанд ва ё ин ки худ бевосита баррасӣ намудааст, фаровон истифода гардидааст. Шоистаи зикр аст, ки истифодаи фаровон аз таҷрибаи рисоланависони дигар, хабару мусоҳибаҳои нашршуда дар матбуоти даврӣ дар ин мавзуъҳо аз сарчашмаҳои дигари диссертатсия ба шумор меравaнд. Ҳамчунин, ҳангоми таълифи рисола таҳқиқоти қисме аз муҳаққиқони муосир барои муқоиса ва таҳлил истифода гардидаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқ** дар он аст, ки бори нахуст дар фазои илмии журналистикаи тоҷик ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон» ҳамчун расонаи байналмилалӣ мавриди пажуҳиши алоҳидаи илмӣ дар доираи кори таҳқиқотӣ қарор мегирад. Ҳарчанд доир ба дигар расонаҳои байналмилалии фазои кишварҳои Осиёи Марказӣ таҳқиқҳо сурат гирифта бошанд ҳам, ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон» аз лиҳози

илмӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Муҳтавои ин таҳқиқ ҳам, асосан, ба ҳамин ширкати радиоӣ ва телевизионӣ нигаронида шудааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Пайдоиш ва таъсиси расонаҳои байналмилалӣ ба талаботи замон ва вазъи сиёсиву иҷтимоии олам робитаи мустақим доранд. Дар тули фаъолият расонаҳои байналмилалӣ марҳила ба марҳила дар робита ба таҳаввулоти замону ҷомеаи инсонӣ ва пешрафти техникӣ ташаккул ёфтаанд. Расонаҳои байналмилалӣ яке аз унсурҳои муҳимми журналистикаи ҷаҳонӣ ба шумор мераванд, зеро мавҷудияти онҳо ба сабабу омилхое вобаста аст, ки дар маҷмуъ, мазмун ва аҳаммиятнокии фаъолияти иттилоърасонӣ ва рӯзноманигориро ифода менамоянд. Ба вуҷуд омадани онҳо аз нақши барҷастаи рӯзноманигорӣ дар ҷомеа гувоҳӣ медод ва заруратү аҳаммияти истифодаи расонаҳо хеле хуб дарк мегардад.

2. Нақши расонаҳои байналмилалӣ дар фазои иттилоотии кишварҳои дигар ҳамчун масъалаи муҳимми фазои иттилоотӣ баррасӣ гардида, махсусиятҳои барномасозӣ дар шабакаҳои радиоӣ ва телевизионии байналмилалӣ, аз ҷумла ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон»-ро мушаххас ва тасниф намудан мумкин аст. Зеро барномаю барномасозӣ аз шеваҳои муҳимми ҷалби аудитория ба ҳисоб мераванд. Ҳар як расона вобаста ба манфиату ҳадафҳои кишвари худаш сиёсати барномасозӣ ва иттилоотии худро пеш мебарад. Дар баробари додани иттилоъ табиист, ки расонаҳои байналмилалӣ ҳадафҳои стратегиеро тарғибу ташвиқ мекунанд.

3. Ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон» дар фазои иттилоотии кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон мавқеи муҳимме дорад. Дар давлатҳои дигар расонаҳои байналмилалӣ ва ё расонаҳои кишварҳои дигар дар такя ба асноди байналмилалии марбут ба ҳуқуқи инсон ба дастрасии иттилоъ ва дар асоси созишномаҳои дутарафаю байналмилалӣ фаъолият менамоянд. Дар фазои иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон расонаҳои кишварҳое, монанди Федератсияи Русия, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Британияи Кабир, Эрон ва ғайра ба фаъолияти

иттилоърасонӣ машғул ҳастанд. Ин фаъолият шаҳодати ҷузъи ҷомеаи ҷаҳонӣ будани Тоҷикистон ва озодии суханро эҳтиром доштану риоя намудани ҳукумати кишвар мебошад. Дар ин кори таҳқиқӣ зарурат доштан ё надоштани фазои иттилоотии Тоҷикистон ба фаъолияти расонаҳои байналмилалӣ баррасӣ мегардад.

4. Ҷойгоҳи жанрҳо дар барномасозӣ, нақшу таъсири барномаҳои расонаҳои байналмилалӣ дар ташаккули афкори ҷомеаи дигар кишварҳо яксон нест. Дар наазарияи журналистикаи Ғарб жанр на ба он мафҳумест, ки дар журналистикаи кишварҳои пасошуравӣ фаҳмида мешавад. Дар фаъолияти расонаҳои байналмилалӣ аз жанр ном намебаранд, аммо хабар, гузориш, мусоҳиба ва суҳбат истифода мешавад. Ҳамчунин, ба унсурҳои жанрҳои ҳисобот, табсира, лавҳа ва очерк дучор шудан мумкин аст. Расонаҳои байналмилалӣ барои ташаккули афкори ба худашон мувофиқ дар ҷомеаи кишварҳои дигар таъсиргузоранд.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ.** Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки яке аз бахшҳои камтаҳқиқшудаи журналистикаи муосирро дар мавриди фаъолияти расонаҳои байналмилалӣ мавриди омӯзиш қарор додааст. Натиҷаи таҳқиқи мавзуъ барои пешбурди кори шабакаҳои радиоӣ ва телевизионии дохилӣ истифода шуда, дар ташаккули онҳо саҳм мегузорад, зеро дар он аз таҷрибаи расонаҳои байналмилалӣ ба таври васеъ нақл мешавад.

Ин таҳқиқот то андозае дар рушди илми журналистикаи тоҷик саҳм гузошта, дар баробари дигар пажуҳишҳо мавзуи таърихи пайдоишу ташаккул ва фаъолияти расонаҳои хориҷиро дар Тоҷикистон такмил медиҳад.

Мавод ва натиҷаҳои пажуҳишро метавон ҳангоми таълифи китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълимӣ, машғулиятҳои амалии соҳаи рӯзноманигорӣ истифода кард. Хулосаҳои асосӣ ва ҷанбаҳои амалии диссертатсияро дар раванди таълими фанҳои рӯзноманигорӣ, бахусус, дарсҳои «Таърихи журналистикаи хориҷӣ», «Фазо ва амнияти иттилоотӣ», «Маҳорати журналистӣ» ва курсҳои махсусу дарсҳои интихобӣ ва семинарҳои

ихтисосии тахассуси журналистикаи байналхалқӣ метавон корбаст намуд. Ҳамчунин, муҳтавои рисола ҳамчун мавод барои муҳаққиқони соҳа, ки мавзуи фаъолияти расонаҳои байналмилалиро баррасӣ мекунанд, метавонад мавриди истифода қарор дода шавад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи «Осиёи Марказӣ дар оинаи расонаҳои байналмилалии аврупоӣ (дар мисоли ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон»)» ба доираи масоили таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 6D051601 – Рӯзноманигории байналхалқӣ мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ** дар ҷамъоварии маводди зарурӣ, тасвиби натиҷаҳо, омода намудани мақолаҳо ва маърузаҳо доир ба мавзуъ зоҳир мегардад. Диссертант дар коркарди мавзуъ, дараҷа ва робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифа, объект, фарзия, марҳила, макон ва давраи таҳқиқот, асосҳои назариявию методологӣ ва навгонии илмӣ саҳми шахсии худро гузоштааст. Масъалаҳои асосии таҳқиқ тарҳрезӣ гардида, ҷустуҷӯ ва натиҷагириҳои илмии унвонҷӯ дар диссертатсия, мақолаҳои илмӣ, маъруза дар конференсияҳои донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ инъикос ёфтаанд.

Бо назардошти боло рафтани нақши ширкатҳои радио ва телевизиони байналмилалӣ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҳассосияти инъикоси масъалаҳо унвонҷӯ фаъолияти ин ширкатҳоро амиқан мавриди таҳқиқ қарор дода, аз натиҷаи он дар маҳфилу конференсияҳои донишгоҳию байналмилалӣ баромад намудааст. Таҳқиқи мазкур заҳмати чандинсолаи муаллиф буда, дар шакли диссертатсия ба анҷом расонида шудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Мундариҷа ва қисматҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалии илмию амалии зерин: конференсияи ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Матбуоти даврии тоҷик дар шароити инкишофи технологияи муосир» (Душанбе, ДМТ, 13.03.2018), конференсияи байналмилалии «Дипломатияи об ва омилҳои фарогирии он дар бозтоби ВАО-и

кишварҳои Осиёи Марказӣ» (Душанбе, ДМТ, 25-26.05.2019), конфронси 8-уми байналмилалии «Тадқиқоти илмӣ дар асри XX1» (Оттава, 06-08.03.2021), конфронси 3-юми байналмилалии «Тадқиқоти байнисоҳавӣ» (Гамбург, 16-18.03.2021), инчунин, дар конфронсҳои ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба натиҷагирии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ (солҳои 2017-2023) дар шакли маърузаҳо баён шудаанд.

Диссертатсия дар ҷаласаи васеи кафедраи журналистикаи байналхалқии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (суратмаҷлиси №2 аз 23.09.2025) муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Мазмуну моҳияти асосии диссертатсия дар 8 мақола, аз ҷумла, 3 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2 мақола дар маҷмуаҳои илмӣ ва 3 мақола дар маҷаллаҳои хориҷӣ ба чоп расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, шаш фасл ва хулосаву рӯйхати адабиёт таркиб ёфтааст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 170 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

# БОБИ I
# ОМИЛҲОИ ТАЪСИСИ РАСОНАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

## 1.1. Мурure ба таърихи таъсиси расонаҳои байналмилалӣ

Аз замони пайдоиши инсоният одамон ба иттилоъ зарурат доштанд. Ва ҳамин зарурат дар ниҳоят ба пайдоиши василаву воситаҳои иттилоърасонию иттилоъгирӣ овард, ки мо имрӯз воситаҳои ахбори омма (расонаҳо) ном мебарем. Ва дар ҳамин замина расонаҳо вобаста ба тарзи фаъолият ва ҳадафҳояшон ба шаклу намудҳо ҷудо мешаванд, аз ҷумла расонаҳои миллӣ ва байналмилалӣ. Расонаҳои байналмилалӣ яке аз унсурҳои муҳимми журналистикаи ҷаҳонӣ ба шумор меравандд, зеро мавҷудияти онҳо ба сабабу омилҳое вобаста аст, ки дар маҷмуъ, мазмун ва аҳаммиятнокии фаъолияти рӯзноманигориро бармалотар месозанд. Яъне, ба вуҷуд омадани онҳо аз нақши барҷастаи рӯзноманигорӣ дар ҷомеа гувоҳӣ медод ва зарурату аҳаммияти истифодаи расонаҳо хеле хубтар дарк мегардид. Роҳбарони давлатҳое, ки худро аз қудратҳои олам мешумурданд, барои нигоҳ доштани нуфузу эътибор ва густариш додани ону иҷрои ҳадафҳои геополитикии худ ба расонаҳо таваҷҷуҳи хосса зоҳир мекарданд ва ҳамин буд, ки барои таъсису фаъолияти онҳо берун аз ҳудуди худ бо забонҳои дигар кӯшиш менамуданд.

Таъсири ҷаҳонишавии воситаҳои ахбор, имконияти дохилшавии онҳо ба фазои бегона дар шароите, ки моҳвораҳо ба вуҷуд омадаанд, торафт зиёд мешавад. Маҳдуд кардани қабули мавҷҳо ба ғайр аз чораҳои маъмурӣ илоҷи дигаре надорад. Бо ин сабаб, дар шароити ҳозира гӯё ҳамаи телевизионҳо хусусияти байналмилалӣ пайдо мекунанд, яъне дар ҳар гӯшаи олам, дар дилхоҳ кишвар қабул карда шудани онҳо имконпазир аст, аммо ин фаҳмиши шаклии воситаҳои ахбори байналмиллалӣ аст.

Аслан, телевизиони байналмилалӣ хамон телевизионе буда метавонад, ки ҳадафаш байналмилалӣ аст. Барномае, ки пешниҳод мекунад ва проблемае, ки дар он баррасӣ мешавад, барои аудиторияи як мамлакат нест. Ҳатто матлабҳои рекламавию тиҷоратиаш хусусияти умумӣ пайдо

мекунад. Масалан, шабакаи якуми Россия – ОРТ ва канали худи Россия (РТР) ҳам каналҳои махсуси байналмилалие доранд, ки онҳо барои мамлакатҳои дигар шабу рӯз барнома пахш мекунанд. НТВ низ чунин хусусият дорад ва Созмони Милали Муттаҳид хусусияти байналмилалии онро эътироф кардааст. Ин барномаҳо монанди телевизионҳои СНН-и ИМА, ВВС-и Британияи Кабир телевизионҳое мебошанд, ки, аз як тараф, хусусияти миллӣ доранд, аз тарафи дигар, моҳияти байналмилалӣ доранд. Яъне моликияти як мамлакати дигар ҳастанд, аммо барои кишварҳои дигар намоиш пахш мекунанд.

Маъмулан, ин телевизионҳо бо забони расмии давлатии худ намоиш доранд. Гарчи онҳо бо забонҳои дигар низ тарҷума мешаванд. Албатта, танҳо бо забони дигар тарҷума шудан ҳанӯз хусусияти байналмилалии телевизионро муайян намекунад. Масалан, телевизиони Туркманистон-4 бо 6 забон дар  як вақт барнома пахш менамояд, вале ин расонаи байналмилалӣ нест, балки ин телевизион телевизиони миллии Туркманистон аст ва сиёсату муваффақиятҳои кишвари худро ба мамлакатҳои дигар муаррифӣ кардан мехоҳад. Айнан чунин кӯшишро телевизиони «Ҷаҳоннамо»-и Тоҷикистон дорад.

Ба гунаи телевизионҳои байналмилалӣ, ки тобеият ба мамлакати дигар надорад, Евронюсро номбар кардан мумкин аст. Ин телевизиони иттилоотӣ, ки аз Франсия бо ҳашт забон матолиб пахш мекунад, телевизиони ҳеҷ кишваре нест, балки онро якчанд кишварҳои Аврупо ташкил додаанд. Сиёсат ва мавзуи он ҳам ба мамлакати алоҳида тааллуқ надорад. Мувофиқи асноди ташкилиаш, телевизиони мазкур ҳадафи объективона инъикос намудани воқеаҳои ҷаҳонро дорад. Аммо то чӣ андоза ин дар амал дида мешавад, саволи мантиқист.

Дар баробари телевизион низоми ҷаҳонии радио ҳам хусусияти глобалӣ пайдо кардааст. Радиои ҷаҳонӣ мисли Евронюс хусусияти умумидошта нест, балки монанди телевизионҳои дигаре, ки зикр шуданд, моли ин ё он давлате мебошанд, ки барои миллатҳои дигар таблиғ мекунанд  ва, бешакку шубҳа, манфиати давлатеро ифода мекунанд, ки

сармоягузораш мебошанд. Масалан, радиоҳои «Озодӣ» ва «Европаи озод» таъсисдодаи Конгресси Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, «Би-Би-Си» - радиои Британияи Кабир, «Маяк» – радиои Федератсияи Россия ва радиои «Садои Хуросон» дастгоҳи таблиғотии Ҷумҳурии исломии Эрон аст, вале онҳо ҳадафи байналмилалӣ доранд. Аслан, низоми байналмилалии радио аз солҳои 30-юми қарни XX шуруъ шудааст ва баъди Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ, соли 1949 дар Тоҷикистон ҳам Саридораи гуфторҳо барои мамлакатҳои хориҷӣ таъсис ёфта буд, ки бо 6 забон (англисӣ, арабӣ, форсӣ, дарӣ, ҳиндӣ ва пашту) барнома пешниҳод мекарду хусусияти байналмилалӣ дошт. Соли 2007-ум бо таъсиси радиои «Овози тоҷик» дар заминаи ин Саридора, хусусияти байналмилалии радиои Тоҷикистон коста шуд.

Агар ба таърихи таъсиси расонаҳои байналмилалӣ назар кунем, мебинем, ки онҳо таърихи куҳан доранд, зеро ин сана ба таъсиси агентиҳои иттилоотӣ бармегардад, чунки агентиҳои иттилоотӣ ҷузъи муҳимму ҷудонопазири низоми воситаҳои ахбори омма ба шумор меравconfigured. Аз ин рӯ, таърихи расонаҳои байналмилалӣ ба таъсиси агентиҳои иттилоотӣ вобаста мебошад.

Гавас ё худ Франс Пресс аз нахустин агентиҳои иттилоотии олам ба шумор меравад. Таърихи таъсиси он ба асри XIX иртибот мегирад. Дар соли 1832 аввал «Бюрои тарҷумаи Гавас» ба вуҷуд омад ва баъд дар соли 1835 ба «Агентии Гавас» табдил ёфт [36].

Баъдтар Гавас шабакаи васеи мухбирони аврупоиро ташкил кард, ки аз мамлакатҳои дигари Аврупо маълумот мефиристоданд. Дар соли 1852 Гавас шуъбаи махсуси рекламавӣ таъсис дод. Идораи Гавас дар як кӯча бо почтаи марказии Париж воқеъ буд, ки ин имконияти зуд фиристодани маълумотро метезонд ва дар соли 1853 қариб ҳамаи рӯзномаҳои Париж дар рубрикаи «Хабарҳои агентии телеграфӣ» маълумотҳои дастраскардаи Гавасро чоп мекарданд.

Муштариёни агентӣ рӯзномаҳои ҳукуматӣ ва матбуоти хусусии музофотӣ буданд. Иттилооте, ки рӯзномаҳо аз агентӣ мегирифтанд, бо салоҳдиди худ истифода мебурданд. Агентии Гавас аз соли 1870 мубодилаи

иттилоотро бо бузургтарин агентиҳои иттилоотии ҷаҳон (Reuters, UPI, AP) оғоз кард ва соли 1879 ба ҷамъияти саҳҳомӣ табдил ёфт.

Бо оғоз шудани Ҷанги якуми ҷаҳон агентии Гавас аз ҳуқуқи фиристодани ахбор маҳрум шуд ва хадамоти он Бюрои иттилоотии Фаронса номида шуд. Агентии муосир (агентии Франс Пресс (фр. *Agence France-Presse, AFP*)) соли 1944 дар натиҷаи якҷояшавии агентии де-Голл дар Лондон ва агентии France Afrique, ки дар қаламрави таҳти назорати Фаронса (дар давраи Ҷанги дуюми ҷаҳон) таъсис дода шудааст [106].

Заминаи таъсиси Франс Пресс агентии Гавас буд, ки пеш аз ҷанг вуҷуд дошт ва тавре зикр шуд, дар давраи ҷанги якуми ҷаҳон фаъолияташ барои ҳамкориҳои мамнуъ ва ғайриқонунӣ аз ҷониби давлати Фаронса манъ карда шуда буд. Ҳукумати таҳти идораи генерал Шарл де Голл ин агентиро барҳам дод, ин ҳам дар замони ҳассосе, ки ба Фаронса агентии иттилоотие лозим буд, ки манфиатҳои мамлакатро дар ҷаҳон ба таври бояду шояд ифода карда, матбуоти мамлакатро бо ахборот таъмин намояд.

Ҳамин зарурат буд, ки дар солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳон таъсиси агентии Франс Пресс ба вуқуъ пайваст. Фаъолияти агентии Франс Пресс мебоист ба мустаҳкам шудани нуфузи Фаронса дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун мамлакати дорои иқтидори бузурги дастрасу паҳнкунандаи иттилоот мусоидат мекард. Аммо бар хилофи рақибони худ аз кишварҳои дигари аврупоӣ Франс Пресс, асосан, таҳти назорати ҳукумати Фаронса боқӣ монд ва тибқи қонуне, ки соли 1957 қабул шудааст, агентӣ ҳақ надорад саҳмияҳои худро ба фурӯш гузорад ва инчунин, вазифадор аст, ки ҳамасола ба ҳукумати Фаронса ҳисоботи мутавозини молиявӣ пешниҳод кунад.

Дар соли 1997 агентии Франс Пресс аввалин бор дар Интернет бо роҳандозии хадамоти иттилооти молиявӣ дар ҳамкорӣ бо брокери пешбари фаронсавӣ Groupe Roussin баромад кард. Худи ҳамон сол ширкат ба эҷоди бойгонии аксҳои худ, ки яке аз бузургтарин бойгониҳои тасвирӣ дар ҷаҳон аст, оғоз кард. Мувофиқи маълумоти соли 1978, Франс Пресс яке аз бузургтарин агентиҳои иттилоотӣ дар ҷаҳон ба шумор мерафт [3].

Аз нигоҳи ташкилӣ ва идоракунӣ Франс Пресс ташкилоти хусусӣ бо оинномаи махсус буда, тибқи қоидаҳои тиҷоратӣ (Organisme privé à statut particulier, fonctionnant selon les règles commerciales) амал мекунад. Саҳмдорон надорад. Бо сардории шурои директорон (conseil d'administration), ки аз 16 аъзо иборат аст, 8 нафари онҳо директорони рӯзномаҳои пешқадамро намояндагӣ мекунанд (2 нафар аз National Daily Press Syndicate, 2 Regal Daily Press Syndicate, 1 нафар аз департаменти Daily Press. Синдикат), 2 нафар кормандони интихобшуда, 2 нафар намояндагони радио ва телевизиони Фаронса (ҳоло президенти ширкати миллии France Media Monde ва директори France Enfo, сарвазир, вазири молия, вазири корҳои хориҷӣ ва президент (president directeur général), ки аз ҷониби худи шурои директорон интихоб карда мешавад [105].

Идораи марказии агентии Франс Пресс дар шаҳри Париж ҷойгир аст ва маълумотро дар 150 кишвари ҷаҳон паҳн мекунад. Он дар Вашингтон, Гонконг, Никосия ва Монтевидео шуъбаи байналмилалӣ ва дар 110 кишвари ҷаҳон намояндагиҳои худро дорад. Хабарҳои агентӣ бо забонҳои фаронсавӣ, англисӣ, арабӣ, испанӣ, олмонӣ ва португалӣ дастрасанд. Узви Иттиҳодияи Агентиҳои иттилоотии Аврупо мебошад. Агентии Франс Пресс дар амалияи байналмилалии худ мафҳуми «франкофония»-ро васеъ ба кор мебарад ва дар ин самт фаъолияти Франс Пресс сиёсати давлатии Фаронсаро вобаста ба забон дар ҷаҳон идома медиҳад. Фаъолияти Франс Пресс берун аз минтақаи франкофонӣ (забони франсавӣ) як қатор вазифаҳои марбут ба рушди сохторҳои минтақавии худ, яъне, интишори маълумот ба забони бюрои Франс Пресс дар он макон ҷойгирбударо анҷом медиҳад.

Чунин фаъолият барои аз байн бурдани монеаи забонӣ дар кишварҳои ғайрифрансавизабон анҷом дода мешавад, ки ин яке аз вазифаҳои муҳимми агентиҳои иттилоотӣ ба шумор меравад.

Ассошиэйтед Пресс (АП; англ. *Associated Press*, *AP*) яке аз бузургтарин агентиҳои иттилоотии ИМА ва ҷаҳон мебошад, ки соли 1848

таъсис ёфтааст [134]. Ассошиэйтед Пресс монополияи бонуфуз буда, якҷо бо агентии «Юнайтед пресс интернэшонал» тамоми корҳои иттилоотии ИМА-ро ба манфиати табақаи ҳукмрон пеш бурда, ин ҷанбаи муҳимро комилан назорат мекунад. Зиёда аз 100 ҳазор корманд дорад. Аз иттилооти Ассошиэйтед Пресс агентиҳои бисёр давлатҳо истифода мебаранд.

Ассошиейтед Пресс маводди худро ба рӯзнома, радио ва телевизионҳои Амрико ройгон медиҳад. Ҳамкорони Ассошиейтед Пресс ҳаққи узвият месупоранд. Ҳамаи матолиби он ройгон аст, аз навиштаҳои мустақилонаи журналистони касбӣ низ истифода мебарад.

Ассошиейтед Пресс ҳайати бузургеро бо ба вуҷуд овардани афкори умум муттаҳид намуд. Аз ҷумла, дар соли 2005 маҷмуи иттилооти ин агентиро бештар аз 1700 рӯзнома бо иловаи 5000 телевизион ва радио нашр кардаанд [134]. Дар китобхонаи суратҳои он бисёртар аз 10 млн расм маҳфуз аст.

Ассошиейтед Пресс 243 шуъбаи хабарӣ дар 120 давлат бо кадрҳои сатҳи ҷаҳонӣ дар ихтиёр дорад. Он маводди ҷолиби махсусгардонидашудаи радиоӣ низ омода мекунад. Бисёре аз рӯзнома ва ширкатҳои радиоӣ берун аз Амрико низ ба Ассошиейтед Пресс обуна ҳастанд, ки барои истифодаи маводди он озодона ва ихтиёрӣ пардохт ҳам мекунанд [134].

Як қисме аз ин рӯзномаву маҷаллаҳо бо Ассошиейтед Пресс шартнома доранд, бештар созмонҳои хабарӣ ба таври ихтиёрӣ барои истифода аз иттилооти маҳалхо ба ин агентӣ бартарӣ медиҳанд ва маблағи истифодаи онро пардохт менамоянд. Масалан, дар ду саҳифаи ҳар нашри рӯзномаи «Вашингтон пост» (The Washington Post) хабарҳо аз ҳаёти минтақа чоп мешавад, ки аз Ассошиейтед Пресс гирифта шудааст. Ассошиейтед Пресс ба хотири ҷолибият ва фаромӯшнашаванда будани иттилоъ аз усули «пирамидаи чаппа» ё «аҳроми воруна» кор мегирад, кормандони он кӯшиш менамоянд, ки гузоришҳоро маҳз бо ҳамин усул таҳия намоянд [134].

«Рейтер» – аз аввалин оҷонсиҳои иттилоотӣ дар ҷаҳон ва яке аз чор оҷонсии иттилоотии бузургтарини олам. Қароргоҳаш дар шаҳри Лондони Британияи Кабир ҷойгир буда, моликаш Томсон Рейтер (Thomson Reuters) аст. Он бо забонҳои англисӣ, франсавӣ, арабӣ, итолиёӣ, партугалӣ, русӣ, ҷопонӣ ва хитоӣ иттилоот ҷамъоварӣ мекунад.

Reuters дар соли 1851 аз ҷониби Пол Ҷулиус Ройтер таъсис ёфтааст, ки аввалин дафтари агентии ояндаро дар Лондон кушод, то бо истифода аз сими нави телеграф хабарҳои биржавиро ба Париж интиқол диҳад. Пештар ӯ аз кабӯтарҳои интиқолдиҳанда барои интиқоли гузоришҳои биржавӣ байни Ахен ва Брюссел истифода мекард. Дере нагузашта ширкати Reuters Telegram таъсис дода шуд ва маҷмуи иттилоотии ширкат ба хабарҳои тиҷоратӣ асос ёфт.

Аввалин рӯзномае, ки ба Рейтер обуна шуда буд, «Субҳи рекламадеҳ» (Morning Advertiser)-и чопи Лондон дар соли 1858 мебошад. Баъдтар нашрияҳои дигари чопӣ ба он ҳамроҳ шуданд. Ин ширкат дар ибтидо ба иттилооти тиҷоратӣ, хадамоти бонкӣ, фурӯши хона ва ширкатҳои тиҷоратӣ сару кор дошт. Баъдтар чун агентӣ фарогирии мавзуъҳои ба доираи таваҷҷуҳи худ дахлдоштаро васеъ намуд ва ба зудӣ ҳамчун пойгоҳи пурсамари иттилоотӣ шуҳрат пайдо кард.

Давоми солҳо Рейтер нахуст дар Аврупо, баъдан дар тамоми ҷаҳон шуҳрат ёфт ва нахустин оҷонсие буд, ки аз хориҷа гузориш медод. Имрӯз қариб тамоми васоити ахбори оммавии ҷаҳон аз матолиби Рейтер истифода мебаранд. Оҷонсии Рейтер дар бештар аз 200 шаҳр ва 94 намояндагӣ дошта, ба 20 забон ахбор интишор мекунад. Охирин намояндаи оилаи Рейтерҳо Маргарита Баронесс де Рейтер 25 январи соли 2009 дар синни 96-солагӣ, баъд аз бемории фалаҷи майна вафот кард [168].

Рейтер барои нигаҳ доштани беғаразии рӯзноманигорӣ сиёсати ҷиддиро пеш гирифтааст. Ин сиёсат барои он аст, ки рӯзноманигорон ба ҳассосият роҳ надиҳанд. Махсусияти Рейтер ҳамчун агентии иттилоотии ҷаҳонӣ он аст, ки дар ин агентӣ аз истилоҳи «террорист» умуман истифода намешавад ва дар ин мавзуъҳо сухан гуфтан ҳам мумкин нест. Муҳаррири

иттилооти глобалӣ Стефен Ҷекс навишта буд: «Мо ҳама медонем, ки як марди террорист аз дигар мардони озоди мубориз бо чӣ фарқ мекунад ва Рейтер принсипи истифода накардан аз мафҳуми „террорист»-ро нигоҳ медорад» [168].

Ин принсип муҳимтарин нишондод ва талаботи касбӣ барои журналистони ин оҷонсии иттилоотӣ буда, таҷрибаи бесобиқа дар фаъолияти ВАО-и ҷаҳонӣ ба шумор меравад, ки сабаби он ҳодисаи моҳи сентябри соли 2001 дар Амрико мебошад.

Дойче Прессе-Агентур (бо забон олмонӣ: Deutsche Presse-Agentur GmbH, мутасар DPA (ДПА) – бузургтарин хабаргузории Олмон аст, ки хабарҳоро бо забонҳои олмонӣ, англисӣ, испанӣ ва арабӣ пешниҳод менамояд [48, с. 156].

Соли 1848 Бюрои телеграфии Волф таъсис дода шуд. Соли 1934 он бо Иттифоқи телеграфӣ муттаҳид шуда, Идораи иттилоотии Олмон (Deutsches Nachrichtenbüro) ташкил карда шуд. Соли 1946 он ба Агентии иттилоотии умумии Олмон (Allgemeine Deutsche Nachrichtendienst, ADN) табдил дода шуд, дар баробари он, дар сарзаминҳои шимолӣ Хадамоти матбуоти Олмон (Deutscher Pressedienst, dpd) ва Агентии иттилоотии Олмон (Deutsche Nachrichtenagentur, DENA) таъсис дода шуд. Дар қисмати ҷанубу ғарбии мамлакат агентии иттилоотии Олмони Ҷанубӣ (Суддейче Нахрихтенагентур, Сюдена) таъсис дода шуда буд.

18 августи соли 1949 ҳамаи ин агентиҳо муттаҳид карда шуда, Дойче Прессе-Агентурро ташкил доданд. 1 сентябри соли 1949 аввалин паём дар шабакаи навигариҳои Дойче Прессе-Агентур пайдо шуд [48, с. 156].

Соли 1972 агентӣ дар 66 кишвари ҷаҳон намоянда ва зиёда аз 100 муштарии хориҷӣ дар мисоли рӯзномаву маҷалла ва шабакаҳои радиоиву телевизионӣ дошт. Дар соли 2004 Дойче Прессе-Агентур зиёда аз 800 корманд дошт ва буҷаи солонаи он 94 миллион евро буд [144].

Аз соли 1988 инҷониб танҳо аз хизмати мухбирони худ истифода мебарад. Дар Олмон 12 шуъбаи минтақавӣ ва зиёда аз 50 бюрои он мавҷуд аст. Идораи маркази Дойче Прессе-Агентур дар Гамбург ҷойгир аст.

Дойче Пресс-Агентур дар 80 мамлакат намояндагӣ дорад. Дафтари асосии хадамоти англисии Дойче Пресс-Агентур дар шаҳри Корки Ирландия аст, хадамоти испанӣ дар шаҳрҳои Буэнос-Айрес ва Мадрид, хадамоти арабӣ дар шаҳри Қоҳира ҷойгир аст.

Дойче Прессе-Агентур бо агентиҳои иттилоотии Австрия ва Швейтсария зич ҳамкорӣ мекунад. Дойче Прессе-Агентур ҳамчун ширкати мустақил аз ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳо, ширкатҳои бузурги молиявию иқтисодӣ ва ҳукумат вобаста набудани худро эълон кардааст. Аз нигоҳи сохтор ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд аст [164].

Имрӯз Дойче Пресс-Агентур (DPA) яке аз оҷонсиҳои пешрафтаи байналмилалии хабарӣ буда, танҳо ба захираҳои худ такя мекунад, то дар саросари ҷаҳон ахбор пахш кунад.

Хидматҳои иттилоотии он ба беш аз 2500 муштарӣ дар 100 кишвари ҷаҳон, аз ҷумла 75 агентии иттилоотии миллӣ пешниҳод карда мешаванд.

Дар муаррифии агентии Дойче Пресс-Агентур зикр мешавад: «Эътимоднокӣ рамзи мост. Мо дар саросари ҷаҳон тақрибан 1000 корманд дорем. Ҳадафи мо ин аст, ки аз моҳияти хабар ё ҳодиса пеш аз интишори зуд, мухтасар ва дурусти он огоҳӣ ёбем» [145].

Яке аз агентиҳои иттилоотии таъсиргузор дар замони муосир Агентии иттилоотии Синхуаи Ҷумҳурии мардумии Чин мебошад, ки моҳи ноябри соли 1931 ҳамчун агентии иттилоотии сурхи Чин таъсис ёфтааст [156].

Соли 1937 номи кунунӣ – Синхуаро гирифтааст. Дар соли 1944 пахши байналмилалии он ба забони англисӣ оғоз ёфт. Қароргоҳи Синхуа дар Пекин ҷойгир аст. Имрӯз хабарҳои агентии иттилоотии Синхуа дар бисёр мамлакатҳои Осиё, Шарқи Наздик, Америкаи Лотинӣ ва Африка паҳн мешавад ва ин агентии иттилоотӣ дар аксар кишварҳои ин қитъаҳо намояндагии худро дорад. Синхуа зиёда аз 100 филиал ё худ намояндагии худро дар кишварҳои гуногуни олам дорад ва дар саросари олам бо ҳафт забон – чинӣ, англисӣ, фаронсавӣ, русӣ, испанӣ, арабӣ ва ҷопонӣ маълумот паҳн менамояд [45].

Дар баробари агентиҳои иттилоотӣ, ки дар фазои иттилоотии на танҳо як минтақаи муайян, балки дар ҷаҳон нақш доранд, боз расонаҳои алоҳидае ҳастанд, ки онҳо низ дорои чунин нақшу мавқеъ мебошанд. Ширкати радио ва телевизиони Би-Би-Си, радиои «Озодӣ», ширкати садо ва симои «Мавҷи Олмон» аз ҷумлаи ҳамин гуна расонаҳо ҳастанд.

BBC (аз англ. BBC – British Broadcasting Corporation – Ширкати пахши Британиё, BBC) созмони расонаии пахши ҳамагонии умумибританиёӣ мебошад.

BBC соли 1922 таъсис ёфта, аз маҷмуи барномаҳои радиоиву Интернет ва телевизион иборат аст. BBC ширкати ғайридавлатист; он созмони ҷамъиятӣ буда, дорои шурои назорат (иборат аз 12 сарпараст) аст, ки аз ҷониби маликаи Британиё таъйин мешаванд [94, с. 554].

BBC дар дохили Британия беш аз 20 шабакаи гуногуни телевизионӣ, аз ҷумла шабакаи шабонарӯзии BBC News ва 14 шабакаи радиоӣ дорад, ки охирин таҳаввулоти кишвару ҷаҳон, навгониҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, варзишӣ ва монанди инҳоро баррасӣ мекунад.

Офариниши филмҳои мустанад аз дигар самтҳои фаъолияти BBC аст. Он пиромуни асрори Замин ва Кайҳон, олами наботот, ҳайвонот, парандагон ва ғайра силсилаи филмҳои мустанад таҳия кардааст, ки ба дигар забонҳо низ тарҷума шудаанд.

Хадамоти ҷаҳонии BBC аз соли 1932 ба кор шуруъ кард ва имрӯз ба 27 забон, аз ҷумла, ба забони форсӣ барномаҳо дорад. Бахши форсии BBC фаъолияташро 29 декабри соли 1940 бо пахши як соат барнома дар ҳафта оғоз кард. Ҳоло ҳафтае 20 соат барнома пахш мекунад. Пас аз соҳибистиқлолии Тоҷикистон намояндагии он дар кишвар ба фаъолият оғоз намуд. Шабакаи форсии телевизиони BBC аз январи соли 2009 бо 8 соат барнома дар як рӯз ба кор оғоз намуд. Шуои амвоҷи он аз Эрону Афғонистону Осиёи Марказӣ то Ховари Миёнаву Аврупо мерасад [137].

Ин ширкат дар Хонаи расона дар Лондон қарор дорад ва куҳантарин созмони расонаии миллии ҷаҳон мебошад, ки бар асоси омори соли 2014, бар пояи теъдоди коркунон бо 20 950 корманд ва 16 672 нафар дар бахши расонаи

умумӣ, дар маҷмуъ бо 35 402 корманд бузургтарин расонаи пахши ҳамагонӣ дар ҷаҳон аст. Шиори Би Би Си ин аст: «Ҳар миллат бояд бо сулҳ ва оромиш бо миллати дигар суҳбат кунад» [137].

Бинобар маълумоти саҳифаи тоҷикии сомонаи BBC, он як созмони расонаии бузурги байналмилалӣ аст, ки талош мекунад ахбор ва иттилоотро ба сурати бетарафона дар ихтиёри мухотабони форсизабони худ дар саросари дунё қарор диҳад, бавижа дар ихтиёри мухотабон дар Эрон, Афғонистон ва Тоҷикистон. Би-Би-Си-и форсӣ як ниҳоди хабарии чандрасонаӣ аст, ки ахбор ва иттилоотро аз тариқи телевизиюн, сомонаи интернетӣ (вебсайт), радио, телефони ҳамроҳ ва воситаҳои электронии қобили ҳамл ба мухотабон ироа мекунад [140].

Барномаҳои Би-Би-Си-и форсӣ дар шаҳри Лондон – пойтахти Британияи Кабир омода мешаван. Ҳоло мухбирони он аз шаҳрҳои дигар низ дар таҳияи барномаҳо саҳми муносибе доранд. Дар Би-Би-Си-и форсӣ аз имконоти ҷамъоварии иттилоъ дар с саросари ҷаҳон, ки дар маҷмуаи куллии BBC фароҳам шуда, баҳра мебаранд. Аз ҷумла, ин имконоти дастрасӣ ба гузоришҳои 250 хабарнигор дар шаҳрҳои мухталифи дунё, таҳлил ва гузоришҳои шоҳидони айнӣ аст.

Телевизиони форсии BBC аз 14 январи 2009 пахши барномаҳои худро оғоз кард. Ин телевизион рӯзона 16 соат барнома барои мухотабони форсизабони худ дар Эрон, Афғонистон, Тоҷикистон, Осиёи Марказӣ, Ховари Миёна ва Аврупо пахш мекунад [140].

Хабар меҳвари барномаҳои телевизиони форсии BBC аст ва тақрибан ниме аз барномаҳои онро ташкил медиҳад. Дар канори барномаҳои хабарӣ, барномаҳои тоза, мутанаввеъ ва таҳлилӣ низ аз ин телевизион пахш мешавад. Мухотабони телевизиони форсии BBC дар соли 2012 ба шаш миллиону 800 ҳазор расидааст. Шумори мухотабон дар соли 2009 се миллиону сад ҳазор нафар буд.

Барномаҳои телевизиони форсӣ аз моҳвораҳои Ютелсет, Ҳотбурд 6, W3A, Телистор 12, Юрубурд 2 ва аз тариқи сомонаи интернетӣ (вебсайт) bbcpersian.com низ пахш мешавад.

Сомонаи форсии BBC (bbcpersian.com) дар моҳи майи 2001 роҳандозӣ шуд ва ҳамакнун ахбор ва иттилоотро ба таври 24-соата ба хонандагони сомона ироа мекунад. Ин сомона дар сафаҳоти ҷудогона, аз ҷумла сафҳаи аслӣ ва сафҳаҳои Эрон, Афғонистон, Тоҷикистон, ҷаҳон, фарҳанг ва ҳунар, дониш ва фан, варзиш ва иқтисод ва бозаргонӣ ҷиддитарин ахбор, тасвир, гузориш ва таҳлилҳоро ба корбарон ироа медиҳад.

Бар замми ин, сафҳаи омӯзиши забони англисӣ барои алоқамандон ба омӯзиши забон аз тариқи ахбор роҳандозӣ шуда, сафҳаи «Навбати Шумо» низ минбаре барои изҳори назари корбарон дар бораи масоили гуногун ва ширкат дар барномаи телевизионии «Навбати Шумо» аст.

Барномаҳои радио ва телевизиони форсии BBC низ ба сурати зинда бар рӯйи сомонаи форсӣ қобили дарёфт аст.

Сомонаи форсии BBC, ки нахустин сомонаҳои хабарии форсизабон аз навъи худ аст, тавониста дар муддате, ки аз оғози кори он мегузарад, мухотабони бисёреро аз кишварҳои мухталиф ба худ ҷалб кунад. Ҳамакнун бо вуҷуди масдуд шудани ин сомона дар Эрон ҳар моҳ ҳудуди 50 миллион муроҷеъа дорад, ки умдатан аз Эрон, Аврупо ва Амрикои Шимолӣ аст. Ҳар ҳафта ҳудуди 850 ҳазор нафар аз сомонаи форсии BBC боздид мекунанд [140].

Барои пахши ахбор ва иттилоот барои форсизабононе, ки аз хатти кириллӣ истифода мекунанд, сафҳаи BBC ба хатти кириллии тоҷикӣ низ фаъолият мекунад. Дар ин сафҳа дар бораи тозатарин таҳаввулоти Тоҷикистон ва ҷаҳон матолиби хабарӣ ва таҳлилӣ нашр мешавад.

Дар сафҳаи BBC ба хатти кириллӣ ҳамчунин акс, видео ва гузоришҳои савтӣ мунташир мешаванд. Ин сафҳа дар миёни форсизабонон дар Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Русия ва соири нуқоти ҷаҳон алоқамандони зиёде дорад [140].

Бахши форсии BBC 29 декабри соли 1940 кори худро бо пахши як соат барнома дар ҳафта оғоз кард. Аз ҳамон замон садои форсии BBC дар миёни форсизабонон шунавандагони бисёре ёфт.

Имрӯз радиои бахши форсии BBC ҳар рӯзи ҳафта рӯзе як соат барнома ба забони форсӣ дорад, ки тавассути амвоҷи кӯтоҳ ва мутавассит ва дар Афғонистон бар рӯйи мавҷи FM пахш мешавад. Дар садри барномаҳои радиои BBC ахбор ва гузоришҳои хабарӣ дар бораи таҳаввулоти ҷаҳон, Эрон ва минтақа қарор дорад.

Бахши форсии BBC на танҳо дар кишварҳои форсизабон, яъне Эрон, Афғонистон ва Тоҷикистон, балки дар сойири ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна ва Қафқоз ва дар кишварҳои ҳавзаи халиҷи Форс ва Аврупои Ғарбӣ низ шунавандагони фаровон дорад [140].

Дар бораи Бахши ҷаҳонии BBC. Бахши ҷаҳонии радиои BBC ба унвони як расонаи воқеан ҷаҳонӣ дар саросари дунё беш аз 150 миллион шунаванда дорад ва дар як моҳ беш аз 75 миллион бор ба сомонаҳои интернетии он муроҷеа мешавад.

Маҳбубияти Бахши ҷаҳонии BBC бештар ба далели гузориши ҳамаҷониба аз рухдодҳо ва пардохтан ба баррасии инъикоси масоили ҷаҳонӣ аст, ки ба ҳамин далел ҷоизаҳои байналмилалии зиёде низ ба даст овардааст. Барномаҳои радиои BBC ба 27 забон пахш мешавад ва ҳамаи ин барномаҳо тавассути интернет бо имкони пахши садо қобили дастрасӣ аст [140].

Хабарҳои байналмилалӣ дар маркази кори Бахши ҷаҳонии BBC қарор дорад. Илова бар барномасозон, ки дар 27 Бахши ҷаҳонии BBC фаъоланд, 250 хабарнигор низ ба таври шабонарӯзӣ муҳимтарин таҳаввулоти байналмилалии таъсиргузор дар зиндагии мардумро ба ин забонҳо ба дунё ироа мекунанд.

Гуногунии барномаҳо яке аз омилҳои дигари муваффақияти бахши ҷаҳонии BBC аст. Барномасозони BBC ба ҳамаи 27 забон, илова бар хабар ва таҳаввулоти рӯзона, омезаи бонишоте аз мусиқӣ ва ҳунар ва барномаҳои мустанади илмӣ, намоишнома ва матолиби варзиширо ба шунавандагон пешниҳод менамоянд.

Барномаҳои Би-Би-Си-ро метавон дар саросари ҷаҳон рӯйи амвоҷи кӯтоҳ, мутавассит ва дар баъзе кишварҳо рӯйи мавҷи FM шунид. Ин

барномаҳоро дар баъзе аз кишварҳо метавон тавассути шабакаҳои моҳвораӣ ва диҷитол низ дарёфт кард, ё метавон тавассути интернет онҳоро шунид [140].

Бо вуҷуди ин ҳама маълумоте, ки аз саҳифаи тоҷикии ин расона бо хатти кириллӣ бармеояд, боз ҳам дар ҳамин саҳифа дар соли 2014 чунин иттиллоъ пахш шуд, ки аз анҷоми амали саҳифаи мазкур бо сабаби мушкилоти молиявии ширкат ва ихтисори шумораи зиёди хабарнигорони ширкат хабар медод: Хадамоти ҷаҳонии BBC эълон кард, ки сафҳаи вижаи Тоҷикистон дар сомонаи форсии BBC ба хатти кириллӣ дар пайи коҳиши ҳазинаҳои хидматрасониҳои ҷаҳонии BBC баста мешавад. Аз аввали апрели соли 2014 пахши матолиб тавассути саҳифаи кириллии бахши форсии BBC қатъ мешавад.

Ин иқдом дар ростои коҳиши буҷети Бахши ҷаҳонии BBC ба маблағи панҷ миллион фунт аст, ки бар асоси он 105 нафар аз кормандони BBC то моҳи апрели соли 2015 кори худро аз даст медиҳанд.

Хадамоти ҷаҳонии BBC ҳамроҳи дигар бахшҳои он сиёсати инқибозиро дар мавриди буҷети худ иттихоз кардааст ва коҳиши нерӯи инсонӣ яке аз равишҳои пойин овардани хазинаҳо аст.

Дар чорчӯбаи ҳамин тасмим сафҳаи кириллии сомонаи Би-Би-Си-и форсӣ баста мешавад ва 7 нафар дар Тоҷикистон шуғли худро аз даст медиҳанд.

Содиқи Сабо, раиси бахши форсии BBC, дар ин маврид мегӯяд: «Бо ин ки сафҳаи кириллии бахши форсии BBC баста мешавад, мо ҳамчунон ба пӯшиши хабарии рӯйдодҳои Тоҷикистон дар сомонаи форсии BBC идома хоҳем дод ва мухотабони мо дар Тоҷикистон илова бар сомонаи форсии BBC метавонанд ба сомонаҳои русӣ ва англисии BBC ҳам муроҷиа кунанд. Мо ҳамчунон дар Тоҷикистон хабарнигор хоҳем дошт ва мардуми Тоҷикистон метавонанд хабарҳои марбут ба кишварашонро аз тариқи телевизион ва радиои форсии BBC дунбол кунанд» [153].

Дар идомаи ин хабар доир ба саҳифаи тоҷикии сомона маълумоти бештаре фароҳам омадааст, ки бозгӯйи таърихи он ва ҳамчунин, бахши

тоҷикӣ аст: Сафҳаи Тоҷикистони сомонаи интернетии форсии BBC муддати кӯтоҳе баъд аз роҳандозии ин сомона дар соли 2001 ба хати форсӣ ба кор оғоз кард ва пас аз ҳудуди ду сол хати кириллӣ низ ба он изофа шуд.

Дар замони Иттиҳоди Шуравӣ иддае аз фарҳангиёни тоҷик ба таври махфӣ ба радиои BBC гӯш медоданд, аммо пас аз касби Истиқлоли Тоҷикистон бахши форсии BBC дар соли 1991 вориди фазои иттилоотии расонии ин кишвар шуд.

Би-Би-Си-и форсӣ дафтари худро дар Тоҷикистон дар соли 1993 боз кард. Боз шудани ин дафтар ба номи Муҳиддин Олимпур, рӯзноманигор ва аккоси маъруф, иртибот дорад, ки аз ӯ ба унвони нахустин хабарнигори BBC дар Тоҷикистон ном мебаранд. Қабл аз он хабарнигорони бахши форсии BBC мустақиман аз Лондон ё бо анҷоми сафар ба Душанбе таҳаввулоти Тоҷикистонро дунбол мекарданд [153].

Муҳиддин Олимпур тавонист, на танҳо аз масоили доғ дар замони ҷанги дохилӣ гузориш бидиҳад, балки гуногунии гузоришҳои фарҳангии ин радиоро афзуд ва шунавандагони форсизабонро бо Тоҷикистон бештар ошно кард. Ӯ дар соли 1995 ба дасти афроди мусаллаҳ кушта шуд ва ҳамкорони ӯ ироаи гузоришҳоро аз Тоҷикистон идома доданд.

Дар байни солҳои 2004 ва 2006 барномаи радиои BBC рӯйи мавҷи FM дар шаҳрҳои Душанбе ва Хуҷанд, дар шимоли Тоҷикистон пахш мешуд. Ҳарчанд пахши барномаҳои BBC рӯйи мавҷи FM ду сол пас мутаваққиф шуд, аммо ин амр барои рӯйи кор омадани радиоҳои зиёди маҳаллӣ, ки рӯйи мавҷи FM пахш мешаванд, замина гузошт.

Бахши вижаи «Тоҷикистон» дар сомонаи форсии BBC низ аз нахустин сомонаи хабарӣ буд, ки аз соли 2001 инҷониб аввал ба ҳуруфи форсӣ ва баъдан кириллӣ барои мардуми Тоҷикистон ахбор ва гузоришҳо пахш мекард. Дар соли 2009 сафаҳоти ҷудогонае барои матолиби кириллӣ ва форсӣ кушода шуд.

Баста шудани саҳифаи вижаи Тоҷикистон дар сомонаи форсии BBC ба маънои рахт бастани BBC аз Тоҷикистон нест. Ин расонаи байналмилалӣ аз ин ба баъд ҳам рӯйдод ва таҳаввулоти Тоҷикистонро

тавассути сомонаи форсӣ ва русии BBC ва телевизиони форсии BBC инъикос менамояд. Як хабарнигори бахши русӣ ва ду хабарнигори бахши форсии BBC дар Тоҷикистон ба инъикоси рӯйдод ва таҳаввулоти кишвар идома хоҳанд дод [153].

Ин иттилоъ барои дигар расонаҳои Тоҷикистон низ хабарсоз гардид ва сомонаи «Спутник Тоҷикистон» низ ба ин масъала таваҷҷуҳ намуда, дар ин бора дар саҳифаи худ хабар дода, ба ҳамин васила дар бораи бахши тоҷикиии ин расонаи байналмилалӣ низ маълумоти заруриро пешниҳод намудааст: BBC (ВВС) қисми зиёди кормандонашро дар Тоҷикистон ҷавоб дода, тасмим гирифтааст, торнамои тоҷикии ин расонаро низ бубандад» Ҳарчанд дар саҳифаи расмии BBC доир ба далели чунин тасмим маълумот дода шуда, онро сабабҳои молияӣ гуфтаанд, аммо расонаҳое, ки ба ин масъала таваҷҷуҳ карданд, аз ҷумла, сомонаи «Спутник Тоҷикистон» менависад, ки «аммо расман гуфта нашудааст, далели ин тасмим чист» [149].

«То кунун 6 рӯзноманигори бахши тоҷикии ин расонаи байналмилалӣ – Мардони Муҳаммад, Искандари Фирӯз, Шамсияи Қосим, Зарринаи Хушвақт, Зеваршоҳи Муҳаммад дар Душанбе ва Урунбой Усмонов, хабарнигори бахши ӯзбекии он дар Хуҷанд аз кор ҷавоб шудаанд.

Искандари Фирӯз, хабарнигори ҳоло собиқи BBC, рӯзи 31 март гуфтааст, раҳбарияташон ҷуброни пеш омадани чунин вазъро пардохт кардаанд. Вале ӯ мегӯяд, ду моҳи пеш, баъд аз он ки барояшон гуфтанд, хабарнигорони бахши тоҷикии BBC-ро ихтисор хоҳанд кард, барои кор ба расонаи дигар гузаштааст.

Ҳоло дар Душанбе хабарнигори телевизиони форсии BBC — Сӯҳроби Зиё ва масъули бахши русии BBC Анора Саркорова ба фаъолияташон идома хоҳанд дод. Инчунин, Исфандиёри Одина ба ҳайси масъули намояндагии BBC боқӣ мондааст [149].

BBC, ки дар оғоз танҳо аз радио иборат буд, дар даврони Шуравии пешин мамнуъ буд ва танҳо хабарнигорони он баъди азҳампошии ин низом

ба Тоҷикистон роҳ ёфтанд. Аз ҷумла Маъсумаи Турфа, аз нахустин хабарнигорони BBC буд, ки дар оғози солҳои навадум аз Лондон ба Душанбе омада, даргириҳои дохилии кишварро аз наздик пайгирӣ кардааст.

Искандари Хатлонӣ – шоир ва рӯзноманигори саршиноси тоҷик аз нахустин гузоришгарони бахши форсии BBC дар Русия буд.

Дар аввал BBC дар Тоҷикистон фақат аз радио иборат буд ва барномаҳояш рӯйи мавҷи FM низ пахш мегардид. Аммо баъд аз интихоботи парлумонии соли 2005 мақомоти Тоҷикистон дигар ба пахши барномаҳои BBC рӯйи амвоҷи FM иҷозат надоданд. Баъдан торнамо ва сипас бахши форсии телевизиони BBC ташкил шуд [149].

Ҳамин тавр ҳам шуд ва шуруъ аз соли 2015 то имрӯз бахши тоҷикии ин расона дар ҳайати бахши форсии он аз ҷониби ду хабарнигор намояндагӣ карда мешавад ва доир ба Тоҷикистон низ дар ин шабака маълумот пахш карда мешавад. Яъне, бо вуҷуди мушкилоти молиявӣ, боз ҳам ба хотири нигоҳ доштани нуфузи байналмилалии худ ширкати BBC кӯшиш менамояд, ки то ҳадди имкон ягон кишвари олам аз доираи фарогирии он берун намонад.

Ҳарчанд мавзуи фасли сеюми ин боб аст, аммо мухтасаран таъсиргузории расонаҳои байналмилалиро ба фазои иттилоотии кишварҳои дигар дар мисоли ҳамин маълумоте, ки аз ҷониби сомонаи «Спутник Тоҷикистон» дар истинод ба радиои «Озодӣ» зикр шудааст, метавон эҳсос намуд, ки гуфта мешавад, «баъд аз интихоботи парлумонии соли 2005 мақомоти Тоҷикистон дигар иҷозаи пахши барномаҳои BBC рӯи амвоҷи FM-ро иҷозат надоданд». Мо ин масъаларо дар фасли дахлдор муфассалан баррасӣ хоҳем кард.

Яке аз расонаҳои бонуфузи байналмилалӣ, ки дар муқоиса бо расонаҳои дигари байналмилалӣ, барои мисол ширкати BBC, тақрибан ба мушкилоти ҷиддӣ гирифтор намешавад ва дар ҳоли пайдо шудани чунин мушкилот роҳбарияти воломақомаш барои бартараф кардани он фавран чораҷӯӣ мекунанд, Радиои Аврупои Озод ё худ Радиои «Озодӣ» мебошад.

Радиои Аврупои Озод / Радиои «Озодӣ» (англисӣ: Radio Free Europe / Radio Liberty) RFERL) муассисаи мустақили амрикоист, ки тавассути Конгресси Иёлоти Муттаҳидаи Америка таъмини молӣ мешавад. Барномаҳои Радиои «Озодӣ», ки ба 28 забон дар ҳудуди кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва Ҷанубу Шарқӣ, Русия, Қафқоз, Осиёи Марказӣ ва Ховари Миёна пахш мешаванд, беш аз 35 миллион шунаванда доранд. Радиои «Озодӣ» маҷмуан ҳафтае 1000 соат барнома ва ҳамарӯза ахбори тозаву объективӣ нашр мекунад. Маркази пахши барномаҳои Радиои Аврупои Озод дар шаҳри Прага, пойтахти Ҷумҳурии Чехия ва маркази идории Радиои Аврупои Озод дар шаҳри Вашингтон, пойтахти ИМА ҷойгир аст.

Радиои Аврупои Озод / Радиои «Озодӣ» ба инъикоси ҳаёти рӯзмарраи минтақаҳои нашароти худ аҳаммияти вижа медиҳад. Ҳадафи он гӯё расондани иттилои дақиқ ва мутавозин ба шунавандагонаш мебошад, ки хеле баҳсбарангез аст.

Бо назардошти он ки ин расона фаъолияти худро аввалин қадам ба сӯйи демократия ва дастрасии мардум ба иттилоот маҳсуб медонад, «Радиои Аврупои Озод / Радиои «Озодӣ» расидан ба аҳдофи зерро аз авлавиятҳои худ медонад:

– Пешниҳоди хабар, таҳлил ва баҳсҳои мутавозин ва дақиқ дар мавзуоти маҳалливу минтақавӣ, ки барои демократия ва гузариш ба иқтисоди озод зарур аст.

– Тақвияти ҷомеаи шаҳрвандӣ тавассути бозтоби арзишҳои демократӣ.

– Мубориза бо таҳаммулнопазирии қавмӣ ва мазҳабӣ ва кумак ба рушди тафоҳум миёни одамон.

– Намунаи ибрат будан барои расонаҳои маҳаллӣ, мусоидат ба рушди маҳорати касбӣ ва Истиқлоли онҳо тавассути кумак дар омӯзиш ва тақвияти ҳамкорӣ бо онон.

– Мусоидат ба густариши муносибатҳои наздик миёни кишварҳои минтақа ва кишварҳои демократии ҷаҳон» [141].

Дар ҳоли ҳозир барномаҳои Радиои «Озодӣ» бо забонҳои зерин дар радио ва сомонаҳои интернетӣ дастрасанд: аварӣ, албанӣ, англисӣ, арабӣ,

арманӣ, белорусӣ, боснияги, бошқирдӣ, гурҷӣ, дарӣ, курдӣ, қазоқӣ, қирғизӣ, македонӣ, молдавӣ, озарӣ, пашту, руминӣ, русӣ, сербӣ, тоторӣ, тотории Қрим, тоҷикӣ, туркманӣ, узбакӣ, украинӣ, форсӣ, хорватӣ, черкессӣ, чеченӣ.

Барномаҳои тоҷикии РАО / РО ҳар шаб 3 соат (19:00 – 22:00 ба вақти Душанбе) ва ҳар бомдод 3 соат (06:00 – 09:00 ба вақти Душанбе) пахш мешаванд. Хабару гузоришҳо ва таҳлилу мусоҳибаҳо доир ба таҳаввулоти Тоҷикистон, Осиёи Марказӣ ва ҷаҳон, дар мавзуъҳои сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ ва варзишӣ тақдим мешаванд.

Хабарнигорони бахши тоҷикии Радиои «Озодӣ» дар шаҳри Душанбе, чаҳор минтақаи Тоҷикистон, ҳамчунин, аз Прага ҳамвора шуморо дар ҷараёни тозатарин таҳаввулот қарор медиҳанд.

Сомонаи Радиои «Озодӣ» яке аз аввалин сомонаҳои интернетии хабарӣ бо забони тоҷикӣ аст, ки аз соли 1999 инҷониб ҳамарӯза бо гузориш, мусоҳиба ва хабарҳои тоза нав мешавад. Сабти барномаҳо низ қобили дастрасианд. Ба ғайр аз сабти мукаммали барномаҳо, сомонаи интернетии Радиои «Озодӣ» матни намунае аз гузоришҳо ва таҳлилҳои мухталифро ҳам дар ихтиёри мухотабон мегузорад. Бойгонии ғаниро аз гузоришу таҳлилҳо доир ба Тоҷикистон дар сафҳаи собиқи интернетии Радиои «Озодӣ» пайдо кардан мумкин аст.

Ин маълумотест, ки дар такя ба сомонаи Радиои «Озодӣ» бахши тоҷикии донишномаи электронӣ таҳия ва пешниҳод намудааст. Мо низ вобаста ба мавзуъ онро тазаккур додем. Иловатан, дар сомонаи ин радио дар бахши «Дар бораи «Озодӣ» чунин маълумот дода мешавад: «Радиои «Озодӣ» ахбореро нашр ва масъалаҳоеро инъикос мекунад, ки дар расонаҳои давлатии Тоҷикистон намебинед ва ё расонаҳои дигар аз инъикоси онҳо худдорӣ мекунанд. Мо ба мардум хабарҳои саривақтӣ ва санҷидашударо мерасонем ва гузоришҳои таҳлилӣ, мусоҳибаҳои ҷолибро бо сиёсатмадорон ва афроди хабарсоз пешкаш мекунем» [141].

Маълум аст, ки Радиои «Озодӣ» бахше аз Радиои Аврупои Озод / Радиои «Озодӣ» буда, бо сармоягузории Конгресс ва тавассути Оҷонсии

Суханпарокании Байналмилалии Амрико (USAGM) кор мекунад. Мақомоти давлатии Иёлоти Муттаҳида, аз ҷумла USAGM, гӯё ҳақ надоранд, ба мазмуни гузоришҳои он дахолат кунанд. Аммо таърихи фаъолияти ин расона нишон медиҳад, ки ҳеҷ гоҳ Радиои «Озодӣ» иттилое ё гузоришеро пахш накардааст, ки зидди манфиатҳову хостаҳои Иёлоти Муттаҳидаи Амрико бошад. Яъне манфиати ИМА асоси фаъолияти ин расона мебошад.

Дар идома гуфта мешавад: «Рисолати Радиои Аврупои Озод / Радиои «Озодӣ» тарғиби арзишҳои демократӣ бо пешниҳоди ахбори дақиқу бидуни сензура ва баҳсҳои ошкор дар кишварҳоест, ки озодии баён зери хатар монда, пахши маълумоти бардурӯғ фарогир шудааст. Радиои «Озодӣ» аз фишор намеҳаросад, дар бораи ҳодисаҳо асоснок гузориш медиҳад.

РАО / РО талош мекунад, ба баландтарин меъёрҳои журналистикаи объективӣ ҷавобгӯ бошад ва хабару маълумотро бе тарс аз фишор ё талоши таъсиррасонӣ пешкаш кунад» [141].

Ин ки ин маълумот ва як навъ даъвои касбияти баланд, ки аз ҷониби ин расона пешниҳод мешавад, пажуҳиш мехоҳад ва мо дар робита ба мавзуъ дар ин кори хеш ба ин масъала бармегардем.

Боиси тазаккур аст, ки Агентии иттилоотии Ҷумҳурии Исломии Эрон (ИРНА) низ яке аз он расонаҳои байналмилалие аст, ки дар фазои иттилоотии кишварҳои дуру наздик нақш дорад, яъне ба он истинод мешавад ва аз маълумоташ истифода мегардад. ИРНА дар Эрон 60 ва дар дигар мамлакатҳо 30 намояндагӣ дорад. «Ин агентӣ минтақаи фаъолияти худро ба чаҳор тақсим кардааст, ки ҳар яки онҳо дафтари асосии худро доранд: Шарқи Наздик ва Африқо бо қароргоҳ дар Бейрути Лубнон, Аврупо ва Амрико, ки дафтари асосӣ дар Лондон аст ва шуъбаҳои агентӣ дар Бонн, Вена, Париж, Рим, Сараево, Афина, Мадрид, Ню-Йорк ва Вашингтон фаъолият мекунанд. Сеюм, Осиё ва Уқёнусия бо қароргоҳ дар Куала-Лумпури Малайзия, ки шуъбаҳои он дар шаҳрҳои Токио, Пекин,

Исломобод, Алмаато, Душанбе ва Ишкобод ҷойгир шудаанд. Чаҳорум, минтақаи асосӣ, ки дар Теҳрон ҷойгир буда, филиалҳо дар тамоми вилоятҳои кишвар фаъолият доранд» [146].

Дар баробари ин агентиҳои иттилоотӣ ва расонаҳои байналмилалӣ, ки зикрашон рафт, дар фазои иттилоотии кишварҳои Осиёи Марказӣ агентиҳои иттилоотӣ ва расонаҳои байналмилалии Федератсияи Русия нақши муассир доранд.

Дар низоми ҷаҳонии воситаҳои ахбори омма Интернет низ мавқеи умда дорад, вале вай нисбат ба ҳар василаи ахбори дигар имкнияти бештари пахши фаврии матолибро дорад ва имконияти пахши матолиби беасосро ҳам дорад.

Ин нукта шоистаи таъкид аст, ки мувофиқи маълумотҳои касбӣ ва илмии рӯзноманигорӣ, нақши расонаҳои русӣ ба мазмуну моҳияти рӯзноманигории ин кишварҳо, ки ба истилоҳи дигар, фазои пасошуравӣ номида мешавад, хеле назаррас аст ва ҳамзамон, худи расонаҳои моҳворай ва байналмилалии русӣ дар фазои иттилоотии ин кишварҳо нақши барҷаста доранд, зеро дар аксар ҳолат маводди расонаҳои русӣ барои онҳо сарчашмаи ахбор маҳсуб меёбад.

Расонаҳое монанди Агентии иттилоотию телеграфии Русия (ИТАР - ТАСС), «РИА Новости», «Россия сегодня», шабакаҳои телевизионии марказии Федератсияи Русия ва монанди инҳо аз расонаҳое ҳастанд, ки дар фазои иттилоотии кишварҳои Осиёи Марказӣ нақши мушаххас доранд. Шоистаи зикр аст, ки мувофиқи маълумоти донишномаи электронии байналмилалӣ, ки ба ахбори Маркази рӯзноманигории аврупоӣ такя мекунад, «ТАСС ҳамчун яке аз чаҳор агентии калонтарин ва таъсиргузор дар ҷаҳон дар қатори Reuters, Associated Press ва Agence France-Presse шинохта мешавад» [158].

Дар баробари он ки расонаҳои байналмилалӣ фазои иттилоотиро комил месозанд, бояд ба арзишҳои журналистӣ содиқ бошанд. Дар фаъолияти худ журналистон меъёрҳои касбӣ, ҳуқуқӣ ва ахлоқиро риоя намоянд, то ба ин васила эътимоди аудиторияро ба даст оранд. Ин вазифа

барои татбиқ дар амалияи фаъолият ва эҷоди асари журналистӣ бисёр муҳим аст. Журналист бояд маълумоти даркориро ба факту рақам ва воқеаҳо ҷудо карда тавонад. Журналист новобаста аз мавқеи муассис ва расона бояд назди виҷдони худ ва аудитория масъулият эҳсос намояд. Ба ин хотир дар кишварҳо вобаста ба масъулияти ахлоқии журналистон асноди этикӣ қабул кардаанд ва ба ин восита масъулияти касбии онҳоро боло бурдаанд.

Асли фаъолияти журналистӣ эҳтиром ба ҳақиқат ва инъикоси воқеии рӯйдод аст. Ҳангоми омода сохтани матлаб набояд ба ҳангомасозию таҳрифкорӣ ва тахмину пешдоварӣ роҳ дод. Ҳатман пеш аз нашру пахши иттилот он бояд ба таври дақиқ санҷида шавад. Муҳтавои матлаб ба сарлавҳа мутобиқ бошад. Талаботи дигар усули қонунии ҷамъоварии иттилоот аст. Ба манфиати шахсию гурӯҳӣ истифода бурдани расонаҳо ва омехташавии матлаби журналистию маводди рекламавӣ аз ҷониби журналистон ҷоиз нест. Дар матлаби журналистӣ набояд шеваи табъизи динию мазҳабӣ, наждию миллӣ, забонию иҷтимоӣ роҳ ёбад. Аммо фаъолияти расонаҳои байналмилалӣ то кадом андоза ба ин талабот мутобиқат менамояд, ин ҷанбаҳое ҳаст, ки мо то андозае барои равшанӣ андохтан ба онҳо кӯшиш кардем.

Мо дар ин қисмати кори худ ба расонаҳои байналмилалӣ ва таърихи таъсису фаъолияти имрӯзаи онҳо таваҷҷуҳ намудем, зеро заминае барои фаслҳои баъдии кор мебошанд.

Дар ҳақиқат, таърихи пайдоиш, заминаҳои таъсису ташаккули расонаҳои байналмилалӣ омили муҳимми шинохти онҳо ба шумор меравад, чун маълумоти зарурири дар ин бобат пешниҳод менамояд. Ба таври хулосаи мухтасари ин бахши таҳқиқ метавон гуфт, ки фаъолияти расонаҳои хориҷӣ дар фазои кишварҳои дигар, аз ҷумла Осиёи Марказӣ, аз як тараф, пешниҳоди иттилову гузоришҳо дар бораи воқеоти муҳимми ҷаҳон ва минтақа бошад, аз ҷониби дигар, таблиғу ташвиқи ҳадаф ва пиёдасозии сиёсати кишварҳои дахлдор мебошад, зеро ҳеҷ гоҳ як кишваре

бо нияти неку созанда ба хотири таъмини ҳуқуқи мардуми кишвари дигар бо иттилоъ маблағ намедиҳад.

## 1.2. Таърихи таъсис ва фаъолияти ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон»

Пеш аз он ки дар бораи ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон» сухан ронем, бояд ба баъзе масъалаҳои пайдоиши воситаҳои ахбори оммаи Олмон, аз ҷумла матбуоти он назар андозем. Зеро асоси таърихи журналистика дар ҳама мамлакатҳои олам ба пайдоиш ва таъсиси нашрияҳо иртибот дорад. Як хусусият ва рукни муҳимми инкишофи имрӯзаи матбуоти Олмонро аз аввал мавҷуд будани матбуоти маҳалливу минтақавӣ ташкил медиҳад. Аввалин нашрияҳои олмонӣ дар музофоту минтақаҳои гуногуни ин сарзамин (Страсбург, Лейпсиг, Волфенбютеле) таъсис ёфта буданд. Дар қиёс бо нашрияҳои маҳаллӣ бозори иттилоотии имрӯзаи Олмонро шумораи хеле ками нашрияҳои умумимиллӣ ташкил медиҳанд.

Ҳанӯз аз солҳои ҳафтодуми асри гузашта аз ҷониби муҳаққиқон ин ақида роиҷ аст, ки дар ин кишвар дар навбати аввал васоити ахбори маҳаллӣ рушд намудааст. Асоси матбуоти имрӯзаву гузаштаи онро низ маҳз ин навъи матбуот ташкил медиҳад. Ҳазорон номгӯи матбуоти феълии ин кишвар аудиторияи васеи олмониро мутаваҷҷеҳ карда, ин раванд махсусан баъди Ҷанги дуюми ҷаҳон бо суръати баланд ба як ҷараёни бузург ҳам табдил ёфтааст. Ин ҷиҳат ба он вобаста буд, ки баъди бохти Олмон дар ҷанги дуюми ҷаҳонӣ иттифоқчиёни ғарбӣ теъдоди зиёди нашрияҳои миллатгароёнаро бастанд. Ҳатто имконе боқӣ намонд, ки онҳо чун нашрияҳои фирорӣ фаъолият кунанд.

Бештари нашрияҳои фашистӣ дар замони ҷанг таъиноти сартосарӣ доштанд ва дар қаламрави забтнамудаи Олмон паҳн мегардиданд. Аксари онҳо аз миён рафтанд ва ҳатто имконе нашуд, ки бо табдили ном ва таъиноти нав фаъолият кунанд.

Дар раванди тақсими ҳудуди Олмони забтгардида дар байни иттифоқчиён чунин мақсаде матраҳ гардид, ки бояд дар ҳар як минтақаву шаҳру ноҳияҳо нашрияҳои алоҳидаи нав таъсис дода шаванд. Оғози ин раванд ба соли 1949 марбут мебошад, ки иттифоқчиёни ғарбӣ дар минтақаҳои ишғолнамудаи худ (ҶФО) нашрияҳо ва радиову телевизионҳоро таъсис медоданд. Рақиби онҳо дар ин сабқат Иттиҳоди Шӯравӣ ба шумор мерафт, ки он ҳам дар минтақаҳои ишғолкардаи худ (ҶДО) васоити ахбори минтақавию музофотиро таъсис медод. Дар ин сабқат иттифоқчиёни ғарбӣ фаъолтар ба назар мерасиданд, ки ба ин омилҳои забониву сиёсиву фарҳангӣ бештар мусоидат мекард.

Дар ин масъала таъсири ҷанги дуюми ҷаҳонӣ сабаб ва омили ягона нест. Хосияти минтақавии онро ба равандҳои иҷтимоиву сиёсии асри 19 низ марбут медонанд: «Матбуоти Олмон хосияти хоси минтақавӣ дорад. Ин бар асари он буд, ки Германия дар асрҳои тӯлонӣ дар парокандагӣ зиндагӣ карда, танҳо дар охири асри 19 ҳамчун давлати ягона муттаҳид гардид» [70, 46]. Ба андешаи мо, ин парокандагиҳо дар замони хатми Ҷанги дуюми ҷаҳон доираи бештарро фаро гирифт ва матбуот дар минтақаҳо бештар рушд намуд.

Феълан матбуоти олмонӣ дар маҷмуъ ба се бахши азим – рӯзномаҳои умумимиллӣ, минтақавию байниминтақавӣ ва матбуоти маҳаллӣ тақсим мешавад. Бозори иттилоотии Олмон фаъолу устувор аст ва фаъолияти матбуот бештар ба доираи молиявию иқтисодии ширкатҳои табъу нашр (Бертелсман, Шпирингер ва Бурда) вобаста мебошад. Ширкатҳои табъу нашри бонуфуз таваҷҷуҳи бештар ба нашрияҳои маҳаллӣ доранд. Сабаб он аст, ки хонандаи матбуоти маҳаллӣ дар ин кишвар ба маротиб аз нашрияҳои умумимиллӣ бештар аст. Аудиторияи олмонӣ низ ба ин навъи матбуот бештар одат кардааст. Ширкатҳои табъу нашри олмонӣ ҳамчун як навъи истеҳсолоти сармоядорӣ ба он нуқтаҳое менигаранд, ки дар онҷо хонандагон бештар бошанд.

Табиист, ки дар минтақаву музофотҳо шумораи ин нашрияҳо зиёдтаранд. Сокинони ин маҳалҳо дар навбати аввал ба фазои иттилоотии

маҳалли худ майлу рағбат доранд. Мавзуъ ва мундариҷаи матбуоти маҳаллӣ дар ин самт маҳдуд набуда, дар саҳифаҳои онҳо мавзуъҳои муҳимми сиёсати сартосарии Олмон ва байналхалқӣ мақому моҳияти махсус доранд. Иқтисодиёту саноат дар ин кишвар мавзуи меҳварии саҳифаҳои васоити ахбор ба шумор меравад. Олмон ҳамчун кишвари саноатии пешрафта дар миқёси ҷаҳон нақши густурда дорад.  Ин кишвар урбанизатсияи фаъолро даҳсолаҳо қабл аз сар гузаронидааст. Ҳамин аст, ки дар ин кишвар қариб дар тамоми минтақаҳо омилҳои пешрафти саноатӣ ба назар мерасад. Ин раванд дар пешрафти васоити ахбори он минтақа таъсири амиқ гузоштааст ва мегузорад.

Дар пешрафти умумии матбуоти ин кишвар таъсири ҳамешагии музофот, шаҳрҳо ва ҳатто навоҳии хурд назаррас мебошад. Чунин ҷузъиёт дар фаъолияти нашрияҳои миллии бонуфузи Олмон ҳам чандон ночиз нест. Нашрияҳои умумимиллии «Frankfurter Allgemeine Zeitung«, FAZ (Газетаи умумии Франкфурт), «Süddeutsche Zeitung«, SZ (Газетаи Олмони ҷанубӣ), «Frankfurter Rundschau« ( Шарҳи Фаркфурт), «Die Welt« (Ҷаҳон), «Bild« (Сурат), «Handelsblatt« (Газетаи тиҷоратӣ), «Financial Times Deutschland« (Хабарҳои тиҷоратии Олмон), «Die Tageszeitung«, (Газетаи ҳаррӯза), «Junge Welt« (Ҷаҳони ҷавон) ва монанди он дар Олмон маҳбубият доранд. Нуқтаи муҳим он аст, ки нашрияҳои мазкур бо рисолати махсус танҳо дар пойтахти ин кишвар нашр намешаванд. Баъзеи онҳо дар шаҳрҳову минтақаҳои гуногуни ин давлат ба нашр расида, дар саросари Олмон паҳн мегарданд. Мантиқ он аст, ки меҳвари ташаккулу таҳаввули онҳо минтақаву маҳалҳо ба ҳисоб меравaнд.

Дар баробари ин нашрияҳои махсуси минтақавӣ вуҷуд доранд, ки доираи паҳншавии маҳдуд надоранд. Масалан, нашрияҳои «Westdeutsche Allgemeine Zeitung«, WAZ (Газетаи умумии Олмони Ғарбӣ), «Neues Deutschland« (Олмони нав), «Sächsische Zeitung« (Газетаи Саксония), «Berliner Zeitung« (Газетаи Берлин), «Tagesspiegel« (Оинаи рӯз), «Stuttgarter Zeitung« (Газетаи Штутгарт), «Der Spiegel« (Оина), «Focus« (Фокус) ва ғайра дар қаламрави ин кишвар маҳбубияту нуфуз ва хонандаи зиёд

доранд. Теъдоди нашри онҳо зиёд буда, аз як то чор миллион нусхаро ташкил медиҳанд. Нашрияҳои мазкур марзҳоро убур намуда, натанҳо дар қаламрави худи Олмон, балки дар аксари кишварҳои Аврупо низ шинохтаву маъруф мебошанд.

Дар солҳои 70-80-уми асри гузашта муҳаққиқон аз мавҷуд будани 600 маҷаллаи шавқовари оммавӣ ва 3000 маҷаллаи илмӣ хабар медоданд. Таҳқиқҳои алоҳида нишон медиҳанд, ки шумори бештари ин маҷаллаҳоро низ матбуоти минтақавӣ ташкил медиҳад. Дар ин самт дар чанд даҳсолаи охир ҷараёни дигар – таҳаввулу такомули журналистикаи мултимедиявӣ ба фаъолияти матбуоти маҳалливу минтақавии Олмон таъсир гузоштааст.

Ҳанӯз аз оғози солҳои навадуми асри гузашта рӯзномаҳои ин кишвар шакли электронии худро таъсис дода бақои рӯзномаҳои классикиро зери суол гузоштаанд. Барои дар сабқату рақобатҳо тобовар будан нашрияҳои маҳаллӣ дар ҳама шакли мавҷудияташон мавзуъ ва мундариҷаи худро тағйир дода истодаанд. Табиист, ки теъдоди аудиторияи ин навъи матубот коҳиш ёфтааст ва акнун сомонаву шакли электронии нашрияҳо ба ин навъи матбуот тобиши нав бахшидааст.

Ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон», ки ба забони олмонӣ бо унвони «Дойче Велле» ва ё ихтисораи DW маълум аст, шабакаи радиоӣ ва телевизионии онвақта Ҷумҳурии федеративии Олмон буд, ки 3 майи соли 1953 пахши мунтазами барномаҳояшро бо забони немисӣ (олмонӣ) оғоз бахшид. Дар оғоз ин шабака танҳо радио дошту аз лаҳзаи нахустини пахш ба аудиторияи хориҷи кишвар нигаронида шуда буд. Он айни замон ҳамарӯза барномаҳои гуногунро ба 34 забон пахш мекунад.

Ба маросими ифтитоҳи шабакаи радиоӣ ва телевизионии хориҷӣ пас аз ҳолатҳои маълуми Олмон, яъне шикаст дар Ҷанги дуюми ҷаҳон созишнома аз 27 марти соли 1953 дар бораи барпо намудани барномаҳои якҷояи телевизионии кӯтоҳмавҷи ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ки дар «Гурӯҳи ташкилотҳои ҷамъиятии радиошунавонии Ҷумҳурии федеративии Олмон» муттаҳид шуда буданд, асос гузошт. Дар ин созишнома пешбинӣ шуда буд, ки дар оғоз барномаҳо дар мавҷи кӯтоҳ пахш карда шаванд [148].

Пахшҳои кӯтоҳмавҷи «Мавҷи Олмон» (Deutsche Welle) дар аввал ба зиммаи шабакаи радиоии шимолу ғарбии Олмон гузошта шуда буд, ки барномаҳояш тавассути истгоҳи интиқолдиҳандаи Остерлог пахш мешуданд.

Дар натиҷаи аз 1 январи соли 1956 ба радиои Олмон (Германия)-и шимолӣ ва Радиои Германияи ғарбӣ тақсим шудани стансияи радиоии Германияи ғарбӣ, назорати радиои «Дойче Велле» ба уҳдаи қисмати ғарбӣ гузошта шуд. Мувофиқи қонуни федералие, ки 29 ноябри соли 1960 қабул гардид, шабакаи радиоии Deutsche Welle ба шабакаи радиоии ҷамъиятии дорои ҳуқуқҳои ба ин навъи шабакаҳо хос табдил ёфт. Вазифаи ҳуқуқии онҳо аз он иборат буд, ки ба радиошунавониҳои хориҷӣ дар бораи вазъияти сиёсӣ, фарҳангӣ ва иқтисодии Олмон тасаввуроти мукаммал дода, ба онҳо аз нуктаи назари давлатдории олмониҳо оид ба масъалаҳои муҳим маълумот диҳанд. Аз ин нигоҳ, Дойче Велле яке аз фаъолони гурӯҳи кории ташкилотҳои ҷамъиятии радиошунавонии зери назари давлат мебошад.

Барои аввалин интиқоли Deutsche Welle – барномаи 3-соата бо забони олмонӣ 3 майи соли 1953 дар Остерлог (Олмони Шимолӣ) танҳо як интиқолдиҳандаи кӯтоҳмавҷ бо иқтидори 20 кВт насб карда шуд. 24 декабри соли 1953 интиқолдиҳандаи дуюми иқтидораш 20 киловатт ба кор андохта шуда буд [148].

Соли 1961 Бундеспости Дейче шабакаи пахшу интиқоли Юлихро ба даст овард. Пас аз васеъшавӣ ин маркази пахш имрӯз барномаҳои DW-ро тавассути 9 интиқолдиҳандаи 100 кВт пахш мекунад. Гарчанде алоқаи кӯтоҳмавҷ метавонад масофаҳои калонро тай кунад, бо зиёд шудани масофа мавҷ заиф ва ба нигоҳдорӣ осебпазир хоҳад буд [148].

Масофаҳои кӯтоҳ байни интиқолдиҳанда ва қабулкунанда майдони мустаҳкамтар доранд ва бо мудохилаи камтар дахолати пойгоҳҳои дигар шабакаҳоро пешгирӣ мекунанд. Аз ин рӯ, хидматрасонии хуби умумиҷаҳонӣ танҳо бо истифода аз як маҷмуи истгоҳҳои реле ба даст оварда мешавад.

Аввалин ҳалқаи занҷири васеи интиқолӣ дастгоҳи релеӣ дар Кигали (Руанда) Африқо дар соли 1963 буд. Баъд дар соли 1970 барномаҳо ба воситаи истгоҳи интиқолдиҳандаи Синес (Португалия) фиристода шуданд. Пас аз як сол, дар соли 1971 бо ширкати марказии радиошунавонии Канада (CBC) дар бораи истифодаи муштараки таҷҳизоти фиристанда созиш ба даст омад. Ин ба Deutsche Welle имкон дод, ки тавассути шабакаи асосии CBC аз Канада барномаҳоро барои Амрико пахш кунад [148].

Соли 1972 дар Вертахтали Олмон яке аз аввалин истгоҳҳои пуриқтидори Аврупо бо чор зеристгоҳи бо иқтидори 500 кВт ба истифода дода шуд. Дар маркази интиқол 9 интиқолдиҳандаи фаъол мавҷуд буд.

Дар яке аз ҷазираҳои баҳри Миёназамин – Малта боз як истгоҳи релеӣ бо се интиқолдиҳандаи 250 кВт ва як интиқолдиҳандаи мавҷи миёна бо иқтидори 600 кВт барои хизмат ба минтақаҳои баҳри Миёназамин сохта шуд, ки ҳамкори ин лоиҳаи бузург ширкати радиошунавонии Британияи Кабир - BBC буд.

Дар Кариб як истгоҳи релеии иловагӣ сохта шуд, ки чаҳор интиқолдиҳандаи кӯтоҳмавҷи ҳар кадоми онҳо 250 кВт дошт ва дар ҳар яки онҳо ду интиқолдиҳандаи Би-Би-Си ва ду интиқолдиҳандаи Deutsche Welle мавҷуд буданд.

Аз соли 1987 инҷониб Deutsche Welle аз RADIOBRAS дар Бразилия ду стансияи кӯтоҳмавҷи иқтидори ҳар кадомаш 250 кВт-ро барои ҳамагӣ ҳашт соат дар як шабонарӯз ба иҷора гирифт. Дар Шри-Ланка Deutsche Welle боз як истгоҳи релеро бо интиқолдиҳандаи кӯтоҳи мавҷи 250 кВт, ду интиқолдиҳандаи 300 кВт ва як интиқолдиҳандаи мавҷи миёна – 600 кВт ба истифода дод.

Вусъат додани иқтидори интиқолдиҳандаҳо барои таъмини фарогирии хуб дар саросари ҷаҳон зарур буд ва ҳаст. Таносуби соатҳо баёнгари он аст, ки иқтидори интиқолдиҳандаҳо дар DW дар муқоиса бо онҳое, ки хидматгузориҳои техникиро барои хориҷа муҳим медонанд, миқдори хеле зиёди барномаҳоро бо меъёри нисбатан ками интиқолдиҳандаҳо пахш кунад. Барои ноил шудан ба ин ҳадаф як

интиқолдиҳандаи оптикӣ ва интиқолдиҳандаи басомад лозим аст, ки барои онҳо Deutsche Welle тавассути банақшагирии хуб ва назорати доимию муфассали натиҷаҳои сабти дахолати электромагнитӣ шароити зарурӣ фароҳам овардааст.

Агар ба саҳифаҳои каме пештари таърихи радиошунавонии Олмон назар андозем, маълум мешавад, ки дар соли 1926 алоқаи мунтазами радиои кӯтоҳмавҷи тиҷорӣ аз истгоҳи радиоӣ ба Иёлоти Муттаҳида, Америкои Ҷанубӣ ва Ҳиндустону Нидерланд оғоз ёфт ва дар Вустерхаузену Кенигсберг ба озмоиши пахши кӯтоҳмавҷи радио аз интиқолдиҳандаи 0,15 кВт шуруъ карда буданд [148].

Дар соли 1927 дар Доберитс истгоҳи дуюми таҷрибавии иқтидораш 5 киловатт ба кор андохта шуд. Соли 1928 интиқоли таҷрибавии кӯтоҳмавҷҳо дар дохил ва хориҷи кишвар раванди мусбат пайдо карданд. Дар Зезен, дар наздикии Вустерхаузен бо дархосту маблағгузории идораи почтавии Рейх сохтмони истгоҳи умумиҷаҳонии радиошунавонӣ шуруъ шуд. Моҳи августи соли 1929 аввалин истгоҳи радиошунавонии кӯтоҳмавҷи Олмон бо иқтидори 8 кВт расман ба истифода дода шуд.

Дар соли 1932 мавҷгир ё худ антеннаҳои самти радиатсионӣ бори аввал барои таъмини Америкои Шимолӣ ба истифода дода шуданд, ки аз интиқолдиҳандаҳои кӯтоҳмавҷ буданд. Соли 1934 радиои кӯтоҳмавҷи Олмон дар Америкои Марказӣ, Америкои Ҷанубӣ, Африқо ва Осиёи Шарқӣ ба пахш шуруъ кард.

Соли 1935 дар Зезен интиқолдиҳандаи дрифт-мавҷи кӯтоҳ гузошта шуд. Дар соли 1936, дар давраи бозиҳои олимпӣ, пешравии ниҳоии радиои кӯтоҳмавҷи Олмон ба амал омад. Дар Зезен, дар наздикии Кенигс-Вустерхаузен насби ҳашт интиқолдиҳандаи «Олимпиа», ки иқтидори ҳар кадоми онҳо 50 киловатт буд ва мавҷгирҳои пуриқтидор сурат гирифт. Соли 1937 дар тамоми курраи арз ҳамагӣ 263 истгоҳи радиошунавонӣ мавҷуд буд. Соли 1939 Олмон ду истгоҳи ҷаҳонии пахши 5 ва 8 кВт дошт, ки онҳо ба ду истгоҳи 50 кВт иваз карда шуданд [148].

Соли 1943 дар истгоҳҳои (стансияҳои) радиоии Зезен, Обисфелде, Мюнхен-лсманинг ва Элмшорн 22 интиқолдиҳандаи дигар, ки иктидорашон аз 50 то 120 кВт буд, гузошта шуд.

Дар соли 1945, пас аз Ҷанги дуюми ҷаҳон радиои кӯтоҳмавҷи олмонӣ фаъолияти худро қатъ кард. Соли 1946 пахшкунандагони ҷамъиятии Олмон истгоҳҳои кӯтоҳмавҷи Клейнерро ҷорӣ карданд, ки дар онҳо барномаҳо дар баробари истгоҳҳои мавҷи миёна пахш карда мешуданд. Соли 1947 радиои Олмони шимолу ғарбӣ мавҷи кӯтоҳи худро аз Элмшорн пахш кард. Дар соли 1952 аз радиои Олмони шимолу ғарбӣ ба мамлакатҳои хориҷӣ пахши мунтазами таҷрибавии кӯтоҳмавҷ сар шуд. Аз истгоҳи интиқолдиҳандаи Norden/Oster-Lug барномаҳо ба самтҳои Америкои Шимолӣ , Шарқи Наздик, Америкои Ҷанубӣ, Осиёи Шарқӣ ва Африқо бо истифода аз интиқолдиҳандаи 20 кВт Liber бо мавҷгирҳои пуриқтидор интиқол дода мешуданд.

Ин пахшҳои мунтазами таҷрибавӣ заминаи шабакаи махсуси радиоии хориҷӣ гардиданд ва тавре зикр шуд, соли 1953 гурӯҳи кории ташкилотҳои радиошунавонии Олмон қарор қабул кард, ки барои мамлакатҳои хориҷӣ дар мавҷҳои кӯтоҳ таҳти номи «Дойче Велле» барнома пахш кунад. Ҳамин тавр, 3 майи соли 1953  радиои Олмони шимолу ғарбӣ ба пахши мунтазами барномаҳо ба забони немисӣ шуруъ намуд. Ҳамчунин, интиқолдиҳандаи иқтидораш 20 киловатт ба кор андохта шуд.

2 июли соли 1955 таҳкурсии истгоҳи электрикии Юлич гузошта шуд. 1 апрели соли 1956 дар ин макон аввалин истгоҳи кӯтоҳмавҷи иқтидораш 100 кВт ба кор сар кард. 26 август интиқолдиҳандаи дуюм бо ҳамин иқтидор ба кор андохта шуд [148].

Соли 1957 як интиқолдиҳандаи 20 кВт-и Osterloo дар Юлич ҳамчун интиқолдиҳандаи эҳтиётӣ насб карда шуд ва соле баъд аллакай ин интиқолдиҳандаи эҳтиётӣ низ барои пахш мавриди истифода қарор гирифт ва инчунин, интиқолдиҳандаҳои иловагӣ ҳам насб карда шуданд.  Дар соли 1959 боз ду истгоҳи пахш бо иқтидори 100 киловатт шуд ва як сол пас боз

як интиқолдиҳанда бо иқтидори 100 киловатт ба кор андохта шуд ва ҳамин тавр, дар умум, миқдори интиқолдиҳандаҳо дар ин минтақа ба шаш адад расид.

Мувофиқи қонуни федералие, ки моҳи ноябри ҳамон сол дар бораи ташкилотҳои радиошунавонӣ қабул гардид, Deutsche Welle ба институти ҷамъиятии мустақил табдил ёфт. Соли 1962 Deutsche Welle аз бинои радиои Олмони ғарбӣ ба бинои алоҳидаи худ дар маҳалли Брудерстрабе Келн кӯчид ва дар ихтиёри худ се комплекси интиқол, панҷ толори фонографӣ, ёздаҳ студияи сабт ва як толори асосии паҳнкунандаи садо дошт. Дар ин бино як интиқолдиҳандаи 100 кВт омодаи пахш ва як интиқолдиҳандаи эҳтиётӣ ҷойгир карда шуд [148].

Соли 1963 ҳафтумин интиқолдиҳандаи кӯтоҳмавҷи дорои иқтидори 100 киловатт ба кор андохта шуд ва пас аз ин аз баҳри интиқолдиҳандаҳои 20 кВт-а баромаданд, зеро онҳо дигар ба талабот ҷавобгӯ набуданд. 15 марти соли 1963 ҳукумати Ҷумҳурии Руанда барои бастани шартномаи литсензионӣ бо агентии Deutsche Welle розӣ шуд ва дар давоми панҷ моҳ дар шаҳри Кигали аввалин истгоҳи пахши релеии DW сохта шуд.

Дар соли 1964 ҳаштумин интиқолдиҳандаи 100 кВт ба истифода дода мешавад, вале он ҳамчун интиқолдиҳандаи эҳтиётӣ дониста шуда, танҳо аз ҳафт интиқолдиҳанда истифода мегардид. Ҳарчанд сохтмони истгоҳҳои пахш (стансияҳо) дар худи соли 1963 шуруъ гардида, ба анҷом расида буд, расман 26 октябри соли 1965 истгоҳи пахши релеӣ дар Кигали ба истифода дода шуд.

Ҳамин тавр, аввалин интиқолдиҳандаи 250-киловаттаи мавҷи кӯтоҳ ба Африқо оварда мешавад. Мавҷгирҳое, ки дар Кигали истифода мешуданд, мавҷгирҳои дорои рефлектори тории дохилӣ барои самтҳои гуногун буданд.

Соли 1966 танҳо дар Юлич ҳафт истгоҳи пахши (стансияи) иқтидори ҳар кадомаш 100 киловатт ба кор андохта шуд ва як истгоҳи дигар бо ҳамин иқтидор ҳамчун стансияи эҳтиётӣ сохта шуд. Барои таъмини пахши мавҷи радио 26 мавҷгир мавҷуд буд.

Дар соли 1967 дар Юлич чор мавҷгири бузургтар сохта шуд. Дар айни замон, табдилдиҳии антеннаҳои мутавозин ба коммутаторҳои коаксиалӣ оғоз ёфт. Соли 1968 боз ду интиқолдиҳандаи дигар сохта ба истифода дода шуд, ки акнун шумораи умумии интиқолдиҳандаҳои мавҷ ба нуҳ адад расид.

Соли 1969 дар Кигалии Африқо интиқолдиҳандаи дуюм бо ҳамон иқтидор – 250 киловатт, ба кор андохта шуд. Дар баробари ин, ҳудуди пахш ҳам тавассути мавҷгирҳо васеътар карда мешавад [148].

26 августи соли 1963 дар Вертахтал дар наздикии Минделхайми Олмон санги таҳкурсии боз як маркази интиқоли Deutsche Welle гузошта мешавад. 10 марти соли 1970 аз ҷониби ширкати Deutsche Welle созишномае имзо шуд, ки он дар ҷазираи Малта сохтани истгоҳи релеиро пешбинӣ мекард.

23 июли соли 1971 дар Малта, ки қисмати марказӣ ҳисоб меёфт, пахши барномаҳои аввалини таҷрибавӣ оғоз ёфт. Барномаҳои DW бори аввал рӯзи 1 август дар ду басомад дар пойгоҳҳои Корпоратсияи радиои Канада (CBC) дар Саквили Канада пахш шуд, то ба минтақаҳои Амрикои Шимолӣ ва Марказӣ беҳтар хидмат расонад.

Соли 1973, ки ба ҷашни 50-солагии таъсиси радиошунавонии хориҷии Олмон рост омад, доир ба технологияи пахши радиошунавонӣ дар даҳсолаҳои охир таваҷҷуҳ зоҳир гардид ва рушди босуръати он таҳлил шуда, барои пешрафти оянда боз андешидани чораҳои дигар иброз гардид.

Гуфта шуд, ки мавҷҳои кӯтоҳ бинобар хусусияти хоси паҳншавӣ дорои аҳаммияти махсус ҳастанд, зеро ин мавҷҳои электромагнитӣ, ки ба спектри умумии баландбасомадҳо дохил мешаванд, имкон медиҳанд, ки масофаҳои дур ҳам фаро гирифта шаванд [148].

Бар хилофи истгоҳҳои пахш бо мавҷҳои дароз мавҷҳои миёна ва ултрамавҷҳо, ки одатан барои хизматрасонӣ дар минтақаҳои маҳдуд бомуваффақият истифода бурда мешаванд, зеро басомади онҳо як маротиба тақсим карда мешавад, аммо стансияҳои кӯтоҳмавҷ доимо истифодаи басомади худро ба шароити радиатсионии ионосфера мутобиқ

мекунанд, яъне, имкони нигоҳдории устувории худро нисбатан бештар доранд. Ин имконият барои дар кайҳон пахш шудани онҳо ҳам мусоидат мекунад.

Бо назардошти ин, дар ҳамин солҳо барои дар кайҳон пахш намудани мавҷҳои кӯтоҳ иҷозат гирифта шуд. Тартиби пахши мавҷҳои кӯтоҳ чунин аст, ки он аз мавҷгирҳо ба боло паҳн мешавад ва дар баландиҳо низ боз ба сӯйи Замин шитоб мекунад. Дар ҳамон солҳои 70-ум таҷриба шуда буд, ки дар баландии тақрибан бештар аз 300 километр низ боз ҳам мавҷҳо ба сӯи поён шитоб мекарданд [148].

Ин имкони хуби техникӣ ба ҳисоб мерафт, зеро дар миёни қабати ионосфера (қабати болоии замин, ки миқдори зиёди ион ва электронҳои озод дорад) қувваи радиатсионии худро нигоҳ медошт ва бо сарфи радиатсияи хеле кам энергияи зиёдро ба масофаҳои дур расонида метавонист, ки дар ин ҳолат талафоти бештари энергияро низ пешгирӣ мекард [148].

Ба далели афзоиши истифодаи иртибототи кӯтоҳмавҷ дар ҷаҳон теъдоди корбарони басомади кӯтоҳ низ ба таври қобили мулоҳиза афзоиш ёфтааст, ки далелҳои сершумори истифодаи шабакаҳои кӯтоҳмавҷ дар пахшҳои мавҷи кӯтоҳ гувоҳӣ медиҳанд.

Баланд бардоштани сатҳи хизматрасонии истгоҳҳои пахш ва насби мавҷгирҳои пуриқтидор, ки сифати хуби қабулу паҳни мавҷро таъмин менамоянд, дар минтақаи мақсаднок ба ҳадаф расидан мумкин аст, зеро истифодаи басомадҳои ба шароити паҳншавии мавҷҳои кӯтоҳ мутобиқшуда тавассути ретрансляторҳои умумӣ ба ин мақсад мусоидат мекунанд. Интихоби дурусти макони оптималии технологии истгоҳи реле дар минтақаи таъйиншуда низ имкон медиҳад, ки аз майдони пурқувват чун манбаи муътадили интерференсия (ҳолати ба ҳамдигар таъсир кардани мавҷҳои садо дар шароити ба муқобили якдигар истодан) истифода бурда шавад [148].

Ҳамаи ин маълумотро, ки, асосан, ба ҷанбаи техникӣ ва дастовардҳои он алоқаманд буданд, ба он хотир зикр намудем, ки мехоҳем

иброз намоем, ки ширкати Deutsche Welle аллакай дар ҳамон солҳо ба ин имкониятҳо кӯшиши дастрасӣ дошт ва мавриди истифода ҳам қарор медод, яъне интиқоли кӯтоҳмавҷ, низоми амалиётӣ ва дастгоҳҳои интиқол ба ин ширкат низ хос буданд.

Ба ифодаи дигар, маҳз дастовардҳои техникӣ ва дастрасии бештар ба онҳо заминаи пешрафту ташаккули ширкату шабакаҳоро ба вуҷуд меоранд, аз ин рӯ, ин нақшро ҳангоми баррасиҳо ҳатман бояд ба эътибор гирифт ва тавре ки дида шуд, ширкати Мавҷи Олмон давоми солҳо чанд марҳилаи пешрафти техникиро аз сар гузаронида, ба ин васила, ба даврони нави рушд даст ёфтааст.

Ҳамин тавр, 3 майи соли 1953 ҳамчун рӯзи оғози хадамоти радиошунавонии хориҷии Ҷумҳурии федеративии Олмон – «Deutsche Welle» (DW) аз Кёлн ба шунавандагони хориҷӣ ба шунавонидани мунтазами барномаҳои радиоии худ шуруъ намуд.

Дар солҳои аввал барномаҳо танҳо ба забони олмонӣ дар як рӯз се соат дар дарозии мавҷи Ширкати радиоии Олмони шимолу ғарбӣ (NWDR) пахш мешуданд. Дар барномае, ки ба расми кушоди ин шабакаи радиоӣ бахшида шудааст, нутқи президенти вақти ҷумҳурии федеративӣ Теодор Хойсс эродкарда мавҷуд аст, ки ӯ доир ба мақсади асосии ин шабакаи радиошунавонии хориҷии кишвар чунин мегӯяд: «Бо як ҳиссиёти ҳаяҷонбахш ман ин саломи аввалинро ба ватани куҳансолам мерасонам, ки акнун ба воситаи эфири ин радио мо аз тарзи зисту зиндагонӣ, эҳсосоту ҳарфи дили мардуми худ, яъне ҳамаи онҳоеро, ки берун аз кишвар бо забони немисӣ гап мезананд, мешунавем ва ин лаҳзаи бисёр фараҳбахш аст ва ман ҳамаи шуморо табрик мегӯям» [122, с. 172-173].

Аммо ҳадаф аз барномаи ҷадиди давлатӣ оид ба пахши барномаҳои хориҷӣ танҳо пахши иттилоот барои ҳамватанони бурунмарзӣ набуд. Баъди Ҷанги дуюми ҷаҳон барқарор намудани эҳтиром ва боварии ҷомеаи ҷаҳонӣ барои Олмон ниҳоят муҳим буд. Аз ин рӯ, радиошунавонӣ яке аз воситаҳои муҳим дар роҳи амалӣ гардонидани чунин ҳадафи бузург дониста шуд ва ба он дар сатҳи роҳбарияти мамлакати навтаъсис (аз

лиҳози таърихӣ пас аз Ҷанги дуюми ҷаҳон ба ду қисмат ҷудо шудани Олмон дар назар аст, ки як қисми он ҷумҳурии федеративӣ ва як қисмати дигар ҷумҳурии демократӣ унвон гирифт, ки қисмати федеративӣ тамоюли аврупоиву амрикоӣ ва ҷумҳурии демократӣ тамоюли шуравӣ дошт) таваҷҷуҳи хосса зоҳир гардид.

Ин буд, ки низоми (системаи) нави радиошунавонӣ дар Ҷумҳурии федеративии Олмон бо мадади иттифоқчиёни ғарбӣ тадриҷан инкишоф меёфт. Ҳангоми таъсиси пахши мустақилона барои шунавандагони хориҷӣ муносибати хеле эҳтиёткорона талаб карда мешуд ва масъулон ҳам инро хуб дарк мекарданд. Онҳо кӯшиш мекарданд, ки ҳеҷ чиз ба таблиғоти радиое, ки аз ҷониби қисмати сотсиалистии мамлакат, ки бо унвони Ҷумҳурии демократии Олмон ном бурда мешуд, монанд набошад.

Дар ибтидо ширкати радиошунавонии хориҷӣ – DW дар доираи «Созишнома дар бораи таъсиси барномаи муштараки ширкатҳои телевизионии Олмон фаъолияти худро ба роҳ монда буд, ки ин заминаи мустақими қонунгузории пахш барои хориҷа тавассути мавҷҳои кӯтоҳ ба шумор мерафт.

Дар баробари ширкати радиошунавонии Дойче Велле (DW) аз соли 1960 то соли 1993 ҳукумати ҷумҳурии федеративӣ боз як радиостансияи дигарро барои хориҷа пешбинӣ карда буд, ки он «Дойчландфунк» («Пахши Олмон») буд, ки махсус барои Ҷумҳурии демократии Олмон ва Аврупои Шарқӣ нигаронида шуда буд.

Пас аз тағйироти куллӣ дар ҷаҳон, ки ба пошхурии давлати бузурги шуравӣ боис гардид, ду ҷумҳурии алоҳидаи Олмон ба ҳам муттаҳид гардиданд. Баъди ин муттаҳидӣ, ки ба Олмони ягона асос гузошт, вазифаи ширкати «Дойчландфунк» баанҷомрасида ҳисобида шуд ва акнун барои пахши хориҷӣ танҳо ширкати Дойче Велле амал мекард.

Ҳамин тариқ, дар интиҳои асри гузашта ширкати Дойче Велле ягона ширкати федералии телевизион ва радиои ҷамъиятии дорои ҳуқуқи пахши барномаҳои хориҷӣ боқӣ монд. Он дар баробари 11 ширкати дигари пахши ҷамъиятии иёлатҳои федералии Олмон арзи вуҷуд дорад.

Ин телевизион ва радиоҳои ҷамъиятӣ дар доираи ба истилоҳ «системаи пахши дугона» дар баробари ширкатҳои телевизионӣ ва радиоии тиҷорӣ бо ҳуқуқи танҳо пахши барномаҳои дохилӣ фаъолият мекунанд.

16 декабри соли 1997 парлумони Олмон (Бундестаг) қонуни навро дар бораи ширкати DW тасдиқ кард. Ин санад вазифаҳои телевизион ва радиошунавониро бо забонҳои немисӣ ва дигар забонҳои хориҷӣ равшантар баён мекард. «Барномаҳои Дойче Велле, — қайд карда мешуд дар ин ҳуҷҷат, – бояд ба шунавандагон манзараи васеи ҳаёти сиёсӣ, маданӣ ва иқтисодии Олмонро расонанд, мавқеи ҳукумат ва олмониҳоро оид ба масъалаҳои муҳимми дохилию хориҷӣ инъикос намоянд ва ҳамчунин, фаҳмонанд». Дар ин санади ҳуқуқӣ инчунин, зикре шуда буд, ки он яке аз принсипҳои фаъолияти Дойче Велле ба шумор меравад: «Дар вақти пешниҳод намудани ахбор бояд ин далел ба назар гирифта шавад, ки пахши чунин маълумот ба муносибатҳои Ҷумҳурии Олмон бо мамлакатҳои хориҷӣ чӣ таъсир мерасонад [119, с. 18].

Илова бар ин, қонуни мазкур боз як принсипи муҳимми радиошунавонии хориҷии кишварро муайян кард. Дар он гуфта мешуд, ки пахши барномаҳои радио дар он кишварҳое бояд бештару густурдатар бошад, ки дар онҳо озодии баён вуҷуд надорад ва ё ҳолати бад дорад. Инчунин, пахши барномаҳои радио дар он кишварҳое ҳам, ки дар онҳо ҷанг ва ё задухӯрдҳои мусаллаҳона вуҷуд дорад, бояд бештар бошад, зеро аҳолии он мамлакат ба донистани маълумоти воқеӣ ҳуқуқ доранд ва радиошунавонии хориҷии Олмон ин ҳуқуқи онҳоро бояд таъмин намояд.

Мисли ҳама пойгоҳҳои пахши ҷамъиятии Олмон, Дойче Велле (DW) ҳам ба се рукн асос ёфтааст, ки як андоза мустақилияти ин шабакаро аз давлат таъмин менамоянд: директори генералӣ, Шурои радиошунавонӣ ва Шурои маъмурӣ. Ба Дойче Велле (DW) директори генералӣ роҳбарӣ мекунад. Ӯро Шурои радио ва телевизион ба муддати шаш сол интихоб мекунад. Дар ин Шуро ҳама гурӯҳҳои иҷтимоии Олмон (17 нафар намояндагони ҳизбҳои сиёсӣ, иттифоқҳои касаба, калисоҳо, Иттифоқи

варзишгарони Олмон, Иттифоқи соҳибкорон, Фонди рушди байналмилалӣ, Шурои фарҳанги Олмон, Академияи забон ва адабиёт ва шурои ректорони мактабҳои олӣ») намояндаи худро доранд [118, с. 7].

Шурои радиошунавонӣ иҷрои вазифаҳои сиёсати барномавиро таъмин мекунад. Назорати барномаҳои алоҳида пеш аз пахш иҷозат дода намешавад, ба шарте ки, агар дар онҳо сабабҳои объективии вайронкунандаи асосҳои сиёсати барномавии Дойче Велле вуҷуд надошта бошанд.

Ба фаъолияти директори генералӣ Шурои маъмурӣ, ки аз ҳукумати федералӣ, Бундестаг (парлумон) ва Бундесрат (Шурои иёлатҳои федералӣ), инчунин, чаҳор нафар аз шурои телевизион ва радио намоянда дорад, назорат мекунад [119, с. 19].

Баръакси дигар пойгоҳҳои телевизион ва радиои ҷамъиятии Олмон, Дойче Велле (DW) аз ҳисоби пардохти абонентӣ маблағгузорӣ намешавад, зеро аудиторияи он дар хориҷа ҷойгир аст. Дойче Велле (DW) аз ҳисоби буҷети федералӣ ва баъзе фондҳои ғайрибуҷетӣ маблағгузорӣ карда мешавад.

Дастгириҳои федералӣ ҳар сол аз ҳисоби маблағҳои буҷети федералӣ мувофиқи нақшаи буҷети Дойче Велле (DW) ташкил карда мешаванд. Соли 2000 буҷети Дойче Велле (DW) 580 миллион маркаи олмониро ташкил дода буд, ки назар ба буҷети соли 1999-ум 20 миллион камтар ба ҳисоб мерафт. Ҳамин тавр, тамоюли минбаъд кам кардани дастгириҳои молиявӣ ба назар мерасад [119, с. 28].

Қонуни наве, ки соли 1997 қабул гардид, ба Дойче Велле (DW) имкон медиҳад, ки ба таблиғ ва сарпарастӣ машғул шавад, аммо то ҳол ин фаъолият таъсири камтари тиҷоратӣ дорад, зеро пайдо кардани таблиғгарон ва сарпарастони мувофиқ барои як ширкати байналмилалии бонуфуз осон нест.

Дар соли 2000 пахши радиои Дойче Велле (DW) ба 29 забон ҳам дар мавҷҳои кӯтоҳ ва миёна ва ҳам тавассути моҳвора пахш мешуд. Мавқеи марказиро пахши 24-соата бо забони олмонӣ ишғол мекунад. Барномаи

радиоии Дойче Велле (DW) бо забони англисӣ аз соли 1996 шабонарӯзӣ фаъолият мекунад. Ҳудуди пахши он барномаҳои махсуси минтақавӣ барои Осиё ва Африқо мебошад.

Аз моҳи августи соли 1962 барномаи радиоӣ бо забони русӣ ҳам шунавонида мешавад. Ҳаҷми он дар соли 2000 дар як шабонарӯз 13 соатро ташкил медод.

Дар арафаи ҳазорсолаи нав баъзе барномаҳо бо забонҳое, ки ба Аврупои Ғарбӣ нигаронида шуда буданд, баста шуданд ва бар ивази он доираи пахши барномаҳо бо забонҳои халқҳои Югославияи собиқ бинобар буҳрон дар Балкан васеъ карда шуд [123, с. 2].

Моҳи марти соли 2000 дар Дойче Велле (DW) барномаи радио ба забони украинӣ кушода шуд. Камтар аз 20 сол баъди шуруи радиошунавонии Олмон аввалин барномаҳои телевизионӣ дар соли 1965 пахш шуданд. Дар аввал онҳо аз ҷониби хадамоти транскриптӣ омода карда мешуданд, ки пахши шабакаҳои телевизионии ватании Олмон- ARD ва ZDF-ро барои аудиторияи байналмилалӣ мутобиқ мекард [123, с. 3].

Аз соли 1983 Дойче Велле (DW) низ аввал барои Амрико ва аз соли 1990 барои СССР таҳияи барномаҳои телевизионии худро оғоз кард. Аз соли 1992 барномаи телевизионии моҳвораӣ – DW-TV дар Берлин фаъолият мекунад. Пахши 24-соата дар як шабонарӯз бо забонҳои олмонӣ, англисӣ ва испанӣ дастрас аст.

Соли 1996 Дойче Велле (DW) дар байни пахшкунандагони байналмилалӣ аввалин шуда ба пахши барномаҳои худ дар Интернет шуруъ кард. Имрӯз DW-online бо 29 забон нашр мешавад. Ҳар ҳафта 18 миллион нафар дар саросари ҷаҳон барномаҳои Дойче Велле (DW)-ро тавассути телевизион тамошо мекунанд ва 28,1 миллион нафар радиои Дойче Велле (DW)-ро гӯш мекунанд [123, с. 3].

Deutsche Welle (DW) дар ҷаҳон ҳамчун намунаи всоити ахбори Олмон шинохта шудааст. Муҳимтарин бахши фаъолияти худро Deutsche Welle (DW) огоҳ кардани мардум аз рӯйдодҳои муҳимми олам медонад. Таъмини ҳуқуқи инсон ба озодии баён ва дастрасии бемамониат ба иттилоот

тавассути барномаю гузоришҳои журналистӣ ва лоиҳаҳои Академияи Дойче Велле (DW Akademie) муносибати возеҳу арзишманди ин расонаро нишон медиҳад. Ҳамчунин Дойче Велле (DW) симои Олмон дар саросари ҷаҳон шинохта мешавад. Олмон ҷонибдори озодӣ ва ҳуқуқи инсон, демократия, волоияти қонун ва баробарии иҷтимоӣ мебошад. Аз ин рӯ, Олмон ҳамчун узви Иттиҳоди Аврупо (ИА) ва Созмони Милали Муттаҳид (СММ) ба ин арзишҳо содиқ аст. Ҳукумати Олмон барои риоя ва тарғиби ин арзишҳо масъули кӯмак ба Дойче Велле (DW) мебошад. Муаррифии Олмон дар хориҷа ҳамчун миллати фарҳангии аврупоӣ, давлати либералӣ ва демократии конститутсионӣ вазифаи ин расона аст.

Мувофиқи нақшаи дар солҳои 2000-ум таҳияшуда Дойче Велле (DW) соли 2025 як провайдери иттилоотии рақамӣ хоҳад буд, ки корбарони худро бо барномаҳои дархостӣ, минтақавӣ ва диалогӣ таъмин хоҳад кард. Академияи Дойче Велле (DW Akademie) яке аз таҳиягарони пешбари фаъолияти ВАО дар Аврупо мебошад. Масъулини Дойче Велле (DW) изҳор дошта буданд, ки мо вазиф, масъулият ва ваколатҳои қонунии худро бо пешниҳоди иттилооти боэътимод бо 30 забон иҷро мекунем. Пешниҳоду гузоришҳои Дойче Велле (DW) бояд Олмонро ҳамчун як кишвари демократии либералӣ, ки реша дар фарҳанги Аврупо дорад, нишон диҳанд. Дойче Велле (DW) имкониятро барои баёни нуқтаҳои назари олмонӣ (ва ғайра) дар мавзуъҳои муҳим бо мақсади мусоидат ба фаҳмиш ва мубодилаи афкор байни фарҳангҳо ва халқҳои гуногун фароҳам меорад.

Мутахассисони Дойче Велле (DW) гузоришу барномаҳои баландсифати мултимедиявиро истеҳсол мекунанд, ки тавассути телевизион, радио, шабакаҳои иҷтимоӣ ва Интернет паҳн карда мешаванд. Барномаҳои телевизионии шабонарӯзиро ба шунавандагон дар тамоми қитъаҳои олам бо забонҳои англисӣ, олмонӣ, испанӣ ва арабӣ пешниҳод менамояд. Шабакаи телевизионии англисизабони Дойче Велле (DW) тақрибан дар ҳама ҷойҳои ҷаҳон дастрас аст. Ҳамчунин масъулин қайд карда буданд, ки мо кафолат медиҳем, ки мухбирону кормандонамон дар

макони фаъолияташон мундариҷаю муҳтавои барномаҳоро ба манфиат ва талаботҳои шунавандагон ҷавобгӯ таҳия менамоянд.

Мувофиқи оиннома, ҳадафи Дойче Велле (DW) мусоидат ба ҷомеаи сулҳомез ва устувори ҷаҳонӣ мебошад. Аз ин рӯ, ба мавзуъҳое, ба монанди озодӣ ва ҳуқуқи инсон, демократия ва волоияти қонун, савдои ҷаҳонӣ ва адолати иҷтимоӣ, маориф, тандурустӣ ва ҳифзи муҳити зист, технология ва инноватсия тавачҷуҳ бештар аст. Ҷавонон пешбарандаи ғояҳои нав дар сиёсат, ҷомеа ва фарҳанг мебошанд. Аз ин хотир, Дойче Велле (DW) дар бораи мавзуъҳое гузориш медиҳад, ки барои гурӯҳҳои мақсаднок муҳиманд ва воқеияти ҳаррӯзаи онҳоро ҳал мекунанд.

Дойче Велле (DW) имконро барои муколама пешниҳод намуда, бо забони аудиторияаш сухан мегӯяд ва ба ин васила дар ташаккули афкори сиёсӣ дар саросари ҷаҳон нақш мегузорад. Барномаву гузоришҳои Дойче Велле (DW) бо забони олмонӣ пеш аз ҳама ба одамоне равона карда мешаванд, ки дар хориҷа забони олмониро медонанд, забони олмониро меомӯзанд ва ё таълим медиҳанд.

Ширкати «Мавҷи Олмон» (Дойче Велле – DW) афзалиятҳои фаъолияти худро дар давраи 2018-2021 муайян намуда, барои амалишавиашон тадбирҳои зеринро ба нақша гирифта буд:

1. Таваҷҷуҳи бештар ба гузоришҳои журналистӣ аз минтақаҳо
2. Табдил додан ба як ширкати расонаии рақамӣ
3. Таҳкими озодии баён ва демократия тавассути барномаву гузоришҳои журналистӣ ва нишон додан ва ҳам андӯхтани таҷрибаву малакаҳо ба дигар ВАО ва ҳам аз дигар ВАО.

Барои қонеъ кардани интизориҳои корбарони худ ва дар рақобати иттилоотӣ фарқ кардан, Дойче Велле (DW) амалишавии вазифаҳои гузашташударо пайваста такмил медиҳад ва бо ин роҳ дар байни расонаҳои байналмилалии иттилоотӣ ба мавқеи баланд расидааст.

Бо дарназардошти зиёд шудани рақибон, афзоиши гузоришҳои журналистӣ, зарурати беҳтар намудани сифати маводди журналистӣ ва муҳтавои бемонанди фарққунанда Дойче Велле (DW) ба пешниҳоди

ахбори тозатарин дар мавзуъҳои гуногун аз саросари олам гузашт. Зеро танҳо чунин маводе ба корбарон писанд аст, ки дар тарҳрезии худ нававарана бошад. Ин усул аз як ҷиҳат пайванд ба воқеияти рӯзгори аудитория буда, аз ҷониби дигар хабарҳои ба далелҳо асосёфта эътимоди онҳоро ба расона меафзояд. Ҳамчунин одамонро гузоришҳо дар бораи соҳибкорони муваффақ, рассомон, эҷодкорон, ихтироъкорон ё шахсоне, ки дар минтақаҳои мавриди ҳадаф ба тарзи махсус барои ҷомеаи шаҳрвандӣ фаъолияти созанда доранд, барои амал ташвиқ мекунанд.

Дойче Велле (DW) ният дорад, ки тавассути гузоришҳои пурмуҳтаво аз минтақаҳои алоҳидаи мавриди ҳадаф нақши худро боло барад. Дар ин самт аз муколама бо ҷомеаи шаҳрвандӣ ва корбарони фаъол, ҷалби таваҷҷуҳи соҳибкорон барои рушди истеҳсолоти маҳаллии ба рақобат тобовар кор мегирад. Барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо зарур медонад, ки шабакаи мухбирон ва таъсиси дафтарҳои худро дар кишварҳои аз ҷиҳати стратегӣ махсусан муҳим зиёд намояд. Ин имкон медиҳад, ки саривақт аз маҳаллу минтақаҳои фаъолият аз рӯйдодҳои ҷорӣ, тағйироти иҷтимоӣ, таҳаввулоти сиёсӣ зудтар хабарҳои тозаро пахш намояд. Ин тадбирҳо танҳо дар сурати афзоиши маблағ амалӣ карда мешавад.

Табдил додан ба як ширкати расонаии рақамӣ аз нақшаҳои муҳимми Дойче Велле (DW) аст. Рақамисозӣ дар саросари ҷаҳон боиси таҳаввулоти амиқ гардид. Тағйирот дар ҳама соҳаҳои ҳаёт то ҳадде як мушкилоти марказӣ барои воситаҳои ахбори омма ва муассисони онҳо гардидааст. Рушди мунтазами технологияи рақамӣ барои истифодабарандагони иттилоот, хосса насли ҷавон шароиту имкониятҳои наверо фароҳам овардааст.

Рақобат дар бозори иттилоотӣ дар солҳои охир тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ва платформаҳо, аз ҷумла **Facebook, Youtube, Twitter ва Instagram** ба таври бесобиқа афзуд. Ҳамчунин барои ин омодагии худи истифодабарандагон зарур аст. Яъне онҳо барои дастрасии осон ба иттилоот технологияи нав ва шабакаҳои иҷтимоиро истифода бурда тавонанд. Аммо муҳимтар аз ҳама муҳтаво ва сифати гузоришу барномаҳо

мебошад. Навор ва  унсурҳои визуалӣ, ба монанди тасвир, инфографика низ омили муҳимми муваффақият дар боло бурдани сифати барномаҳо буда, барои афзоиши шумораи истифодабарандагон мусоидат менамоянд.

Дойче Велле (DW)  инчунин ба низоми ҷустуҷӯӣ ҳамчун як қисми стратегияи рақамии худ тамаркуз мекунад. То ки ҳарчи бештар истифодабарандагон аз пешниҳодҳо огоҳ шаванд. Дойче Велле (DW) муносибгардонии низоми ҷустуҷӯиро пайваста такмил медиҳад. Барои афзоиши истифодабарандагон омили ҳалкунанда миқдори гузоришу барномаҳо нест, балки сифати онҳо муҳим аст. Усулҳои муосири пешниҳоди гузоришу барномаҳо ба монанди тасвирҳои ифодакунандаи муҳтаворо Дойче Велле (DW) дастгирӣ мекунанд.

Дар натиҷаи ҳамгироӣ бо истифодабарандагон, ба назар гирифтани манфиату хостаҳои онҳо, зиёд кардани гузоришу барномаҳои муколамавию интерактивӣ, ки ба ҳимояи гуногунандешӣ равона шудаанд, масъулияти касбии журналистон дар Дойче Велле (DW)  афзудааст.  Барои рақобатпазирӣ дар бозори байналмилалии иттилоотӣ таваҷҷуҳи бештаре ба барномаву гузоришҳо бо забони англисӣ дода хоҳад шуд.

Дойче Велле (DW)  дар нақшаҳои худ ҳамеша ба ҳуқуқи инсон дар гирифтани иттилоот, озодии баён ва рушди демократия бартарӣ медиҳад. Ва ин равандро тавассути маводди журналистӣ тақвият мебахшад. Таваҷҷуҳ ба мавзуъҳои илму дониш, муколама, озодӣ доимӣ буда, ба симо (бренд)-и Дойче Велле (DW) табдил ёфтаанд. Аз ҳамин сабаб эътимод ба Дойче Велле (DW) дар саросари ҷаҳон нисбат ба дигар расонаҳои бузург дар ҳолати афзоиш аст.

Бо дарназардошти афзоиши таблиғот дар саросари ҷаҳон, ноороми ю бесуботӣ ва инчунин ноустувории сиёсӣ дар бисёр минтақаҳои ҷаҳон, афзоиши муҳоҷират ба кишварҳои пешрафтаи аврупоӣ  ҳуқуқҳои асосии инсон, аз ҷумла дастрасӣ ба иттилои дуруст,  озодии баён, ташаккули асосҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ зери хатар қарор доранд. Бидуни риояи  ин арзишҳо ҷомеаи демократӣ наметавонад рушд кунад ва ё вуҷуд дошта бошад. Бо назардошти вазъи геополитикии ҷаҳон Дойче Велле (DW)

тавассути гузоришу барномаҳои мустақилона ва касбии худ барои тарбияи одамон, табодули озоди афкор ва таҳкими равандҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ мусчоидат менамояд. Дар заминаи ҳадафи умумӣ Дойче Велле (DW) ва Академияи он ҳамкории марбут ба ин мавзуъҳоро боз ҳам тақвият хоҳанд дод.

Дар маҷаллаи «Телеспутник» доир ба Дойче Велле (DW) мақолае чоп шуда буд, ки дар он маълумоти зарурӣ доир ба ин ширкат вуҷуд дошт ва ҳамчунин, фаъолияти он як навъ таҳлил ҳам мегардид. Дар ин мақола доир ба чӣ гуна қабул гардидани мавҷҳои Дойче Велле (DW) дар Русия маълумот дода мешуд ва гуфта мешуд, ки дар ин шабака ба барномаҳои фарҳангию маърифатӣ ва курсҳои омӯзиши забони немисӣ камтар таваҷҷуҳ мешавад, ҳол он ки пас аз ислоҳоти тарзу самти фаъолият дар соли 1999 интизор мерафт, ки ба ин ҷиҳатҳо эътибор дода мешавад.

Ҳол он ки камбуди филмҳо, сериалҳо, ток-шоуҳо ва намоишҳои дигар дар барномаҳои телевизионӣ пас аз ислоҳот дар ибтидои соли 1999 мушоҳида нашудааст.

Муаллифони мақола симои инфиродии Дойче Велле (DW)-ро дар муқоиса бо телевизионҳои сершуморе, ки аз транспондерҳои ҳамсоя дар ҳамон моҳвораҳо пахш мешаванд, намебинанд, ҳарчанд ба бовари онҳо, тарҳи барномаҳои телевизионӣ аз 1-уми январи соли 1999 замонавӣ, ҷолибтар ва тозатар шуда, ҳамкориҳо бо шарикон барои пахши барномаҳои телевизионӣ ҳам осонтар шудааст. Танаффусҳои мунтазам ба ретрансляторҳо имкон додаанд, ки бахшҳои таблиғотӣ бештар ҷойгир карда шаванд. Дар маҷмуъ, дар ин мақола ба барномаҳои иттилоотии шабака баҳои баланд дода шудааст.

Табиист, ки чун ҳама кишварҳои дигар, ки ба расонаҳои худ диққат медиҳанд, дар Олмон низ ба фаъолияти Дойче Велле (DW) таваҷҷуҳ зоҳир шуда, доир ба он чандин мақолаҳои зиёде шуруъ аз соли 1992 ба табъ расидаанд, ки онҳо фарогири мавзуъҳои тавсеа ёфтани барномаҳо, тағйир ёфтани сиёсати редаксионию барномавӣ, муҳокимаи қонунҳои нави марбут ба ширкат, коҳиш ёфтани пахши моҳвораӣ ва монанди инҳоянд, ки бештар

хусусияти иттилоотӣ доранд ва дар онҳо ҷанбаъҳои таҳлилӣ камтар дида мешавад.

Аммо як истисно ҳаст, ки он ҳам мақолаҳои Франс Эвершор, мухбири маҷаллаи олмонии Funk-Korrespondenz ба шумор меравад. Ӯ солҳои зиёд дар ИМА зиндагӣ карда, имкон дошт, ки фаъолияти телевизиони Дойче Велле (DW)-ро аз наздик мушоҳида намояд.

Дар яке аз мақолаҳои худ «Ҷаҳон аз рӯйи услуби олмонӣ – мушоҳидаҳо аз телевизион барои хориҷаи Дойче Велле (DW)» [121, с. 55-61] ин шабакаро ҳамчун барномаи махсуси таҳияшуда унвон мекунад, ки онро шабакаҳои дохилии мамлакат муқоиса намудан мумкин нест. Ба назари ӯ, ин шабакаи телевизиониро барои хориҷа ҳатто бо баъзе барномаҳои телевизионҳои байналмилалии кишварҳои дигар муқоиса намудан мумкин нест, чунки ин шабака дорои вазифаҳои махсус аст ва бояд барои амалӣ намудани услуби хоси худ – услуби олмонӣ дар ҳама ҳолат кӯшиш намояд.

1. Яъне, ба назари ӯ, дар ин шабака бояд ҳамеша маълумоти иловагию пурарзиш мавҷуд бошад. Ӯ низ чун муҳаққиқи рус барномаи иттилоотии шабакаро аз беҳтарин барномаҳои иттилоотӣ дар ҷаҳон мешуморад.

2. Ф. Эвершор Дойче Велле (DW)-ро бо шабакаи ҷаҳонии CNN муқоиса карда, бо хушҳолӣ иброз менамояд, ки шабакаи олмонии мо аз маводди видеоӣ нисбат ба пойгоҳҳои телевизионии амрикоӣ беҳтар истифода мебарад.

Ӯ, инчунин, дар бораи низоми барномасозию тарзи пахши барномаҳо низ андешаронӣ мекунад. Ба назари Эвершор, хусусияти қавию фарқкунандаи барномаҳои Дойче Велле (DW) ҳузури доимии коршиносони соҳибихтисос дар онҳо мебошад.

Ӯ инро низ дар муқоиса мегӯяд, ки нисбат ба дигар шабакаҳои ҷаҳонӣ, Дойче Велле (DW) аз ин тарзи муваффақонаи корбарию барномасозӣ дар телевизион ба хубӣ истифода мебарад.

Бо вуҷуди ин ҳама муваффақиятҳо, ки аз ҷониби Эвершор зикр мешаванд, ӯ доир ба камбудиҳои шабакаи мазкур фики худро баён

мекунад, зеро ӯ муддати қариб шаш моҳ барномаҳои ин шабакаро пайгирӣ карда, менависад, ки дар барномаҳои алоҳида ва филмҳои мустанади ба иёлатҳои Олмон бахшидашуда ба тарафи ба истилоҳ, «шоколадӣ»-и Олмон бештар таваҷҷуҳ шуда, аз мушкилоти нигаронкунандаи ҷомеа – бекорӣ ва ҷинояткориҳои ҷавонон қариб ки чизе гуфта намешавад.

Ӯ дар ин таҳқиқи худ барномаҳои мушаххас – «Trio» ва «D 16»-ро ном мебарад, ки хусусияти фарҳангию тарғиботӣ доранд ва ба 16 иёлати Олмон кор мегиранд.

Инчунин, ӯ менависад, ки яке аз вазифаҳои шабакаи телевизионӣ барои хориҷа таҳияи барномаҳо аз ҳаёти хориҷиён дар Олмон ва нигоҳи онҳо ба Олмону сиёсати давлатию ҷамъиятии он аст, зеро ин беҳтарин василаи муаррифӣ ва тарғиби мамлакат аст.

Дар хотимаи ин мақолаи худ Ф. Эвершор ба кормандони телевизиони Дойче Велле (DW) тавсия медиҳад, ки барномаҳои дарозтарро омода кунанд, дар формати 30-дақиқаӣ таваққуф накунанд. Ӯ боварӣ дорад, ки дар ин ҳолат пахши шабонарӯзӣ гуногунтар мегардад ва бештари вақти эфир танҳо бо такрори барномаҳо пур карда намешавад [121, с. 55-61].

Ин муаллиф дар мақолаи дигари худ – «Какофонияи (ноҷӯрии) бузург – шабакаи телевизионии Дойче Велле (DW) дар байни навоварӣ ва сиёсат» [121, с. 55-61] натиҷаҳои кори шабакаи телевизионии Дойче Велле (DW)-ро дар давраи пас аз ислоҳоти оғози соли 1999 ҷамъбаст мекунад.

Ф. Эвершор чунин мешуморад, ки шабакаи телевизионии Дойче Велле (DW) то он ҳадде ки аз ҷониби сиёсати давлтӣ танқид мешавад, нест, зеро ба назари ӯ, сарфи назар аз маблағгузории каме, ки ба шабака мешавад, он боз ҳам барномаҳои шабонарӯзии худро таҳия ва пахш мекунад.

Муаллиф ёдовар мешавад, ки замони ислоҳоти ҷиддии фаъолият дар шабакаи телевизионии Дойче Велле (DW) (1 январи соли 1999 дар назар аст) даврае буд, ки бисёр ширкату шабакаҳои телевизионӣ дар кишварҳои ҷаҳон ба ҳамин зарурат рӯ ба рӯ буданд, яъне, зарурати ислоҳот дар онҳо

ҳам ба вуҷуд омада буд, яъне, ин замоне буд, ки тағйиротҳои ҷиддии техникӣ ба вуҷуд меомаданд ва ба онҳо мувофиқ шудан лозим буд.

Ба назари ӯ, кори шабакаи телевизионии Дойче Велле (DW) дар ин самт низ муваффақона буд, яъне кормандони ин шабака кӯшиш карданд, ки дар самти фарогирии аудитория бо таҳияи барномаҳои аз лиҳози мазмуну мундариҷа пурқувват муваффақ шаванд.

Муаллиф менависад, ки набояд фаромӯш кард, ки дар чунин ҳолат, яъне замони авҷи навовариҳо нигоҳ доштани мавқеи худ ҳам ниҳоят муҳим буду ҳаст, ки Дойче Велле ин вазифаро ҳам сарбаландона анҷом дод, яъне душвориҳоро паси сар кард ва фаъолияти худро ба талаботи замон мувофиқ гардонид.

Як хусусияти мақолаҳои Эвершор, ки онҳоро аҳаммиятнок мегардонад ва ҳам ба онҳо арзиши таҳқиқӣ мебахшад, он аст, ки ӯ дар баробари пешрафту муваффақиятҳои шабака доир ба камбудиҳои он низ ба таври асоснок сухан мекунад.

Дар ин мақолааш низ ӯ менависад, ки аз ҷониби шабакаи телевизионии Дойче Велле (DW) хатое сар зад, яъне, ин ширкат ба ҷанбаи иттилоотӣ афзалият дод ва кӯшиш намуд, ки худро ҳамчун шабакаи иттилоотии Аврупо нигоҳ дорад ва баъди аз вазъият баромадан ҳам ин амали худро давом дода, дар идома мавқеи барномаҳои тафреҳиро дар ҷадвали пахши худ пурқувваттар намуд, ки ин ба назари Ф. Эвершор, нодуруст аст.

Ба бовари муаллифи мақола, шабакаи телевизионии Дойче Велле (DW) бояд аз вазифаи аслии худ – «пайвандгарии олмониҳои тамоми ҷаҳон» дур нашавад, зеро ба он дар тамоми ҷаҳон олмониҳо аз ҳамин нигоҳ муносибат мекунанд ва умед доранд, ки он ҳамчун «кӯпрук ба ватани таърихӣ» хидмат мекунад [121, с. 55-61].

Дар идомаи ҳамин мақола Эвершор менависад, ки қонунгузорон дар Олмон низ ба он гунаҳкоранд, ки шабакаи телевизионии Дойче Велле (DW) дар тули солҳои зиёд дар байни пахши иттилоотӣ ва фароғатӣ қарор дошт. Ба назари ӯ, талаботи барномавие, ки дар қонун дар бораи

радиошунавонии хориҷии Олмон доир ба Дойче Велле (DW) нигаронида шудааст, норавшан аст ва ин боис мегардад, ки дар фаъолияти ин ширкат нофаҳмиҳо ба вуҷуд оянд ва ҳам ширкат аз ҷониби сиёсатмадорон мавриди танқид қарор гирад.

Ба назари ӯ, бояд дар қонунгузорӣ на ба таври умумӣ, балки ба таври мушаххас вазифаҳои ширкати радио ва телевизион барои хориҷа муайян карда шавад. Ӯ менависад, ки ифодаи он ки «тарғиби сиёсат, ҳаёти маданӣ ва иқтисодии Олмон» гуфтан вазифаи қонунгузорон баанҷомрасида маҳсуб намеёбад, балки сиёсатмадорон ҳам дар ин ҷода бояд ба гуноҳи худро этироф кунанд ва барои ислоҳи он кӯшиш намоянд.

Ф. Эвершор менависад, ки мо мехоҳем, ки ин ширкати радио ва телевизиони хориҷии мо «аз қалби Аврупо» садо диҳад ва ҳамин мавқеъро нигоҳ дорад. Пас, барои ин хостаи худ бояд ҳамаҷониба мусоидат намоем [121, с. 55-61].

Дар охири соли 1998 аз ҷониби Бунёди Генрих Белл ва Бунёди Осиё дар Эссен гузорише зери унвони «Пешомади ноаён. Дойче Велле дар Осиё» [116, с. 218] нашр шуд, ки доир ба нақши ширкати Дойче Велле (DW) дар қитъаи Осиё маълумот медод.

Муаллифони гузориш бар асоси консепсияи сиёсати давлатии федералӣ барои Осиё дар соли 1993, ки афзоиши нақши Олмон дар баробари дигар давлатҳои аврупоӣ дар сиёсату иқтисод ва амниятро пешбинӣ мекард, таҳқиқ карда, аз натиҷаҳои амали ин консепсия низ гузориш омода кардаанд.

Муаллифони ин гузориш нақши ширкати радио ва телевизиони Дойче Веллеро дар таъмини консепсияи сиёсати давлатии федералӣ ночиз арзёбӣ мекунанд ва менависанд, ки ин ширкат натавонист дар Осиё муваффақ шавад, яъне аудиторияи васеъро фаро гирифта натавонист. Бо назардошти ин, дар хотимаи таҳқиқоти худ гузоришгарон тақозо кардаанд, ки фаъолияти ин ширкат дар Осиё қатъ карда шавад ва маблағгузорӣ ба он ба сатҳи хеле намоён паст фароварда шавад.

Илова бар ин, онҳо даъват карданд, ки дар атрофи ҳадафҳои нави сиёсати фарҳангии Олмон ва расонаҳои хориҷии мамлакат дар хориҷа баҳси ошкоро баргузор шавад. Ба гуфтаи муаллифони таҳқиқот, бузургтарин мушкили расонаи хориҷии кишвар дар он аст, ки барои паҳнкунии бомуваффақияти маҳсулоти телевизионии рақобатпазиру мақсадноки худ дар саросари ҷаҳон дастгирии кофии молиявӣ надорад. Ба назари онҳо, барномаи телевизионии Олмон дар Осиё метавонад танҳо дар сурати ҳамкории зич бо шарикони осиёии маҳаллӣ дар тамоми сатҳҳои истеҳсоли телевизион (таҳияи барномаҳо, паҳнкунӣ, фурӯш, таҳқиқоти аудитория) муваффақ шавад. Онҳо навиштаанд, ки, дар муқоиса бо шабакаҳои телевизионии кишварҳои дигар муҳтавои барномаҳои Дойче Велле дар Осиё авруномарказӣ, дилгиркунанда ва барои тамошобинони маҳаллӣ нофаҳмо мебошанд.

Ин гузориш бо чунин моҳияти худ дар Олмон ҳангомаеро ба вуҷуд овард, зеро ин гуна натиҷаро касе тасаввур намекард. Баъдан маълум шуд, ки дар ширкати Дойче Велле бо муаллифони ин гузориш ҳеҷ ҳамкорие накардаанд, яъне ягон маълумоти зарурӣ ба онҳо пешниҳод нашудааст, аз ин рӯ, нодурусту бардурӯғ дар гузориши худ чунин навиштаанд.

Дар посух ба ин гузориши ҳангомабарангез роҳбарияти ширкати Дойче Велле (DW) навишт, ки, мутаассифона, гузоришгарон аз моҳияти фаъолият ва нозукиҳои техникии пахши барномаҳои Дойче Велле (DW) умуман огоҳӣ надоранд ва навиштаҳояшон ғаразнок аст [117, с. 250].

Ҳамин тавр, маълум мегардад, ки ширкати телевизион ва радиошунавонии хориҷии Олмон – Дойче Велле (DW) мавқеи худро устувор намуда, доираи пахшашро низ васеътар гардонида, марҳила ба марҳила аз паси амалӣ намудани ҳадафҳои худ мебошад ва имрӯз дар фазои иттилоотии ҷаҳонӣ ҳамчун яке аз расонаҳои таъсиргузору бонуфуз амал мекунад.

Ин ҷо низ зикри як фактро низ лозим мешуморем, ки далели нақши бузурги «Мавҷи Олмон» на танҳо дар муҳити иттилоотӣ, балки сиёсатҳои калон аст:

Тааҷҷуб ва хашми Берлин: Русия фаъолияти «Мавҷи Олмон»-ро манъ кард [157].

Имрӯз ба муносибати 60-умин солгарди таъсиси ин ниҳоди федеролӣ раиси дафтари маскавии «Deutsche Welle» Юрий Решето аз Вазорати корҳои хориҷии Русия дастури расмӣ гирифт, ки кори бюроро то соати 09:00-и рӯзи ҷумъа ҷамъбаст кунад ва аккредитатсияро баргардонад.

Чунин ба назар мерасад, ки ин тасмим барои кормандони олмонии DW (асосан русӣ) як иқдоми комилан ногаҳонӣ буд. Ҳарчанд рӯзи 2 феврал, чаҳоршанбе, Вазорати корҳои хориҷаи Русия барои расонаҳо як қатор паёмҳое мунташир кард. Ҷониби Русия дар посух ба манъи шабакаи телевизионии RT DE дар Олмон иқдом кард, ки паёмаш иқдомоти зеринро фаро мегирад: а) баста шудани идораи DW; б) қатъ гардидани аккредитатсияи ҳамаи кормандони бюрои DW; в) қатъи моҳвораи DW ва дигар пахши барномаҳо дар қаламрави Русия; г) иқдом ба баррасии масъалаи эътирофи «Мавҷи Олмон» ба унвони агенти хориҷӣ; д) оғози ҷараёни ташкили рӯйхати намояндагони сохторҳои давлатӣ ва ҷамъиятии ҶФО, ки воруди онҳо ба ҳудуди Русия манъ карда мешавад. Ин ҳама дар робита ба маҳдуд кардани пахши RT DE сурат мегирад.

Инро ҳуҷуми хоинона номидан мумкин нест. 18 январи соли ҷорӣ, ҳангоми сафари вазири корҳои хориҷии Олмон Анналена Бурбок ба Маскав ба ӯ дар майдони «Смоленская» гуфта шуд, ки корҳо бархӯрдҳо ҳамсон хоҳанд буд, тавре шумо бо RT DE кардед, DW ҳам ба чунин бархӯрд дучор мешавад.

Вақте ки директори генералии DW Ҳерр Лимбур чунин мешуморад, ки «тадбирҳои мақомоти Русия ба ҳеҷ ваҷҳ қобили дарк нестанд ва вокуниши беш аз ҳадданд ва Иттиҳодияи рӯзноманигорони Олмон (DJV) Ҳукумати Олмонро даъват мекунад, ки алайҳи «ин амали сонсурсӣ бо овози баланд эътироз кунад», пас, ин изҳоротҳои пурмаҳсул нишон медиҳанд, ки онҳо аз урфи дипломатии иқдомоти мутақобил огаҳии комил надоранд [157].

Бо зикри ин мисол мо ҳамон фактеро тақвият бахшидан мехоҳем, ки расонаҳои байналмилалӣ аз муҳимтарин унсурҳои сиёсии муборизаи байни кишварҳои абарқудрат ба шумор мераванд ва ба мавҷудияти онҳо аҳаммияти махсус зоҳир мегардад.

Агар мушаххасан доир ба ширкати Мавҷи Олмон (ки дар ин фасли кор, асосан, ба унвони олмонии он (Дойче Велле (DW) бештар такя намудем) ва фаъолияти он дар Тоҷикистон назар андозем, маълум мегардад, ки дар замоне, ки дар Тоҷикистон ҷанги шаҳрвандӣ мерафт, радиои «Мавҷи Олмон» гоҳ-гоҳе дар хусуси вазъи Тоҷикистон хабар пахш мекард.

Баъд аз анҷоми ҷанги шаҳрвандӣ соли 2002 радиои мазкур дар Тоҷикистон мухбири ғайриштатии худро аз миёни журналистони тоҷик қабул намуд. Аввалин хабарнигор Нигора Бухоризода буд, ки хабару гузоришҳои таҳиянамудааш тариқи радио ва ҳамчунин, тариқи сомонаи интернетии радиои «Мавҷи Олмон» пешкаши аудиторияи васеи ҷаҳонӣ мегардид. Аз оғози кори радиои мазкур дар Тоҷикистон то ба имрӯз Нигора Бухоризода аввалин журналисти тоҷик мебошад, ки дар он фаъолият намудааст. Ӯ дар аввал дар радиои «Маяк», баъдан дар Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва як муддат дар шабакаи телевизионии байнидавлатии «Мир» ва агентии иттилоотии «Азиая-плюс» фаъолият намуда, аз соли 2002 то соли 2012 дар радиои «Мавҷи Олмон» кор кард.

Нигора Бухоризода ҳафтае 4-5 мавод ба радио пешниҳод мекард ва он маводе, ки ӯ пешниҳод менамуд, дар қисмати зиёдаш ҷанбаи таҳлилӣ мушоҳида мешуд. Маводди омодакардаи ӯ аз 3 то 6 дақиқа идома меёфтанд ва бештари маводди ӯ доғи рӯз буданд ва мавзуъҳои бекорӣ, камбизоатӣ, назорат аз болои ҳуқуқҳои инсон, муҳоҷират, энергетика ва гайраро дар бар мегирифтанд.

Баъдан дар намояндагии «Мавҷи Олмон» рӯзноманигорон Ҳалим Фасҳутдинов, Хайрулло Мирсаидов, Аҳмадшоҳи Комил ва чанде дигарон

фаъолият доштанд ва доир ба мавзуъҳои гуногуни Тоҷикистон гузоришҳо омода мекарданд.

Хулоса, дар боби якуми диссертатсия мо ба омилҳои таъсиси расонаҳои байналмилалӣ, шароитҳои таъсиси онҳо, аз ҷумла таърихи таъсис ва фаъолияти ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон» таваҷҷуҳ намуда, дар фасли якуми боби мазкур ба таърихи таъсиси расонаҳои байналмилалӣ муруре намудем, зеро, ба назари мо, ин омил заминае барои шинохти моҳият, мундариҷаи фаъолият ва ҳамчунин, сабабҳои густариш бахшидани доираи фаъолияти расонаҳои байналмилалиро ошкор менамояд.

Ҳамчун унсури таркибии расонаҳои байналмилалӣ мо дар ибтидо ба таърихи таъсису ташаккули агентиҳои иттилоотии ҷаҳонии муосир таваҷҷуҳ намуда, дар такя ба маълумоти сарчашмаҳо марҳилаҳои таъсису инкишофи онҳоро тазаккур додем.

Маълум мегардад, ки агентиҳои иттилоотии ҷаҳонӣ, ки ба кишварҳои алоҳида тааллуқ доранд, чанд марҳилаи инкишофро паси сар намуда, бо назардошти манфиатҳои геополитикии мамлакатҳои абарқудрат ба онҳо таваҷҷуҳи хос зоҳир гардида, барои тавсеаи фаъолияти онҳо шароит ва имкониятҳо фароҳам оварда шудааст.

Ҳарчанд аз нигоҳи аввал низ ин нукта маълум аст, аммо баррасиҳои мо раванди инкишофи агентиҳои иттилоотиро баён намуда, манфиатдор будани ҳукуматҳои кишварҳои бузургро дар самти кӯшишҳо барои идоракунии иттилоот дар минтақаҳои мухталифи ҷаҳон возеҳ менамояд.

Дар фасли дуюми ин боб таърихи таъсис ва фаъолияти ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон» мавриди баррасии илмӣ қарор гирифтааст. Дар ин фасли кор таърихи таъсис ва фаъолияти радиошунавонии хориҷии Олмон, махсусан, марҳилаҳои ташаккулу рушди техникии он таҳқиқ гардид. Инчунин, марҳила ба марҳила ташаккул ёфтани радиошунавонии хориҷии ин кишвари аврупоӣ тазаккур ёфта, ҳамин тавр, густариши пахши барномаҳои радиоӣ ва телевизионии он баррасӣ шуд.

# БОБИ II
# РАСОНАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР ФАЗОИ ИТТИЛООТИИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

## 2.1. Ҳадаф ва нақши расонаҳои байналмилалӣ дар фазои иттилоотии кишварҳои Осиёи Марказӣ

Воситаҳои ахбори омма аз замони пайдоиш то имрӯз дар ҷомеа нақши муассир доштанд ва аз онҳо ҳамчун василаҳои муҳимми таъсиррасонӣ истифода мегардид. Инро таҷрибаи рӯзноманигории ҷаҳонӣ собит менамояд. Замони муосир ҳамин нақши муассирро боз ҳам бармалотар сохтааст, зеро асри иттилоот номидани асри 21 худ далели эътирофи нақши ниҳоят бузурги расонаҳо мебошад. Ҳамчунин, шоистаи зикр аст, ки пайдоиши Интернет низ ба ин нақши муаассири ҷаҳониро соҳиб гардидани расонаҳо мусоидат кард, аммо пештар аз он мавҷуд будану фаъолият намудани расонаҳои байналмилалӣ ин мавқеъро заминагузорӣ карданд ва то имрӯз устувор нигоҳ медоранд.

Расонаҳо барои амалӣ гардонидани сиёсат нақши муҳим дорад ва баъзан барои пинҳон доштани сиёсати худ давлатҳо ё аҳзоби сиёсӣ аз фиреби сиёсӣ истифода мебаранд, ки тавассути ВАО амалӣ гардонида мешавад. Давлатҳои бузург ахборро аз тамоми ҷаҳон ҷамъ намуда, онро аз диду назари худ боз ба тамоми олам паҳн мекунанд. Давлатҳо барои амалӣ гардонидани сиёсати дохилӣ ва хориҷии худ аз ВАО истифда менамоянд. Нақши радиоҳои байналхалқӣ, телевизионҳои моҳворавӣ, рӯзномаҳо ва Интернет, ки бемамоният дар аксари кишварҳо паҳн мегарданд, дар ин ҳамоишҳо хеле бузург аст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки оҷонсиҳои бузурги иттилоотӣ низ дар ин раванд фаъолона иштирок доранд ва ахборро аз тамоми ҷаҳон ҷамъоварӣ намуда, ба ВАО ирсол менамоянд ва ба ҷараёни ҳамоиши иттилоотӣ вусъат мебахшанд.

Аз таърихи беш аз 150 соли охир маълум аст, ки Осиёи Марказӣ аз минтақаҳои стратегие мебошад, ки бо омилҳои гуногуне зери нуфуз Русия қарор дорад. Дар ин баробар манфиатҳои геополитикии мамлакатҳои зиёде, аз ҷумла Русия, Чин., Иёлоти муттаҳидаи Амрико, Британияи Кабир, Туркия, Ҷумҳурии исломии Эрон ва моонанди ин дар Осиёи Марказӣ бархурд доранд. Ва табиист, ки ин манфиатҳо боиси дидгоҳҳои гуногун дар муносибат ба ин мамлакатҳо мегардад. Аз як ҷониб, мавқеи мусоиди ҷуғрофии минтақа, бархуди ҷаҳони Ғарбу Шарқ, тамаддуни исломию аврупоӣ ва аз ҷониби дигар, нооромии 50-солаи Афғонистони ба 3 кишвар (Тоҷикистон, Узбекистон ва Туркманистон) ба матолиби васоити ахбори омма низ таъсиргузор будаанд.

Пошхурии Иттиҳоди Шуравӣ ва Истиқлолияти мамлакатҳои Осиёи Марказӣ таваҷҷуҳи расонаҳои байналхалқиро ба ин минтақа афзун намуд. Азбаски расонаҳо дар муносибатҳои байналмилалӣ бештар нақши сиёсӣ доранд, расонаҳои бонуфузи кишварҳои гуногун дар инъикоси воқеоти минтақа ҳамеша аз диди манфиатҳои сиёсии худ фаъолият доранд. Бо назардошти ҳамин паҳлуҳо кишварҳои абарқудрат дар минтақа намояндагиҳои воситаҳои ахбори оммаи худро аз саввал солҳои 90-уми асри гузашта кушоданд.

Ба фаъолият оғоз намудани намояндагии расонаҳои хориҷӣ ҳам паҳлуҳои мусбат (роҳ ёфтани стандартҳои байналхалқии рӯзноманигорӣ ба минтақа, боло рафтани сатҳи касбияти рӯзноманигорони маҳаллӣ ва дастрасии онҳо ба имконияҳои нави технологӣ саривақтии иттилоъ) ва ҳам манфӣ (таҳрифи иттилоъ ва воқеият, интихоби факту рӯйдод бо назардошти манфиатҳои сиёсӣ, риоя нагардидани холисият дар инъикоси рӯйдодҳо) дошт.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади риояи нуктаҳои Эъломияи ҷаҳонии ҳуқуқи башар аз соли 1948, Муоҳидаи байналмилалии ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ аз соли 1966 ва дигар санаду муоҳидаҳое, ки Тоҷикистон ба он имзо намудааст, бо манфиати нашри озоду ҳамаҷонибаи тамоми шаклҳои иттилоот ва густариши ҳамкориҳо дар бахши иттилоот ва

мубодилаи ахбор бо мамолики хориҷӣ ба фаъолияти хабарнигорони хориҷӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат додааст. Хабарнигорони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи муқарароти Низомнома «Дар бораи ваколати хабарнигорони воситаҳои иттилоотии умумии давлатҳои хориҷӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон» амал мекунанд. Зери истилоҳи хабарнигори хориҷӣ хабарнигори воситаҳои ахбори умумӣ – (оҷонсиҳои иттилоотӣ, рӯзномаю маҷаллаҳо, радио ва телевизион)-и давлатҳои хориҷӣ, ки ваколаташон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сабт шудаанд, дар назар дошта мешавад, ҳамчун хабарнигорони хориҷӣ шаҳрвандони давлатҳои хориҷӣ, шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамчунин ашхоси бетабаа буда метавонанд.

Аммо набояд гумон кард, ки фаъолияти расонаи як кишвар дар фазои иттилооти кишвари дигар танҳо ба хотири таъмини мардум ва аудиторияи он ба ахбори холису воқеӣ мебошад, балки ҳадафи аслӣ тавассути иттилои ба кишвари худ мувофиқ амалисозии манфиатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ мебошад. Ин фаъолияти расонаҳо дар шароити муосир шаклу шеваҳои хосеро касб кардааст.

Табдили истилоҳи иттилоърасонӣ ба рақобати иттилоотӣ, рақобати иттилоотӣ ба мубориза ҳои иттилоотӣ ва муборизаҳои иттилоотӣ ба ҷангҳои иттилоотӣ ба шеваи фаъолияти расонаҳо бетаъсир намонд. Имрӯз аудиторияи расонаҳо дар интихоби иттилои дурусту воқеӣ ба мушкилоти зиёде дучор омадааст. Аз як тараф дар фаъолияти расонаҳои бузурги байналмилалӣ байни иттилоъ ва реклама қариб фарқияте намондааст, аз тарафи дигар худи рӯзноманигорон ва соҳибрасонаҳо манфиату мавқеи худро ба таври ноаайён дар пешниҳоди иттилоот баён мекунанд.

Донишманди маъруфи тоҷик Зафар Сайидзода дар китоби худ «Тоҷикистони муосир: масъалаҳои мубрами Истиқлоли миллӣ» дар қатори масъалаҳои муҳимми замони Истиқлоли Тоҷикистон ба масъалаи расонаҳо низ таваҷҷуҳ карда, чунин менависад: «Имрӯзҳо инсоният бо ворид шудан ба асри расонаҳо ва шаклгирии ҷомеаи иттилоотӣ даврони наверо оғоз кардааст. Мо акнун дар низоми навини ҷаҳонӣ, дар асри расонаҳо ҳаёт ба

сар мебарем. Асре, ки дар он воситаҳои ахбори умум ҷузъи ҷудоинопазири зиндагии мо ҳастанд. Он чиро, ки расонаҳо ба номи иттилоот ба мо дастрас мекунанд, ба шаклҳои гуногун дар тарзи зиндагӣ, андешаву эҳсосоти мо таъсир мерасонад. Коркарди расонаҳо дар асри иртиботот, бидуни шак, дар ҳамаи ҷанбаҳои зиндагии иҷтимоиву фарҳангии ҷомеаи башарӣ инкорнопазир аст» [81, с. 345].

Муҳаққиқ дар идомаи андешаронихояш ин нақши муҳимми расонаҳоро шарҳ дода, ҷомеаеро тавсеаёфта меҳисобад, ки дар он баробари рушди соҳаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ сатҳи шуури ҷамъиятӣ баланд бошад. Дар чунин ҷомеаҳо воситаҳои ахбори омма тавассути технологияҳои пешрафтаву навини иртиботӣ бо тавлиду пахши мавodди матлуби иттилоотӣ дар миёни мардум дар боло бурдани огоҳиҳои гуногуну заруре нақши муҳимеро ба уҳда доранд ва ба ҷомеа дар роҳи расидан ба пешрафту тараққӣ ҳамаҷониба ёрӣ мерасонанд. «Имрӯз расонаҳо метавонанд омили муайянкунанда ва инкишофдиҳандаи сатҳи маърифат ва шуури миллӣ бошанд, дар муттаҳид сохтани ҷомеа ва пешрафти давлат нақши арзанда бозанд, ба тавсеаи ҳамаҷонибаи кишвар, густариши суръати созандагӣ ва афзоиши рушди фарҳангӣ кумак карда, боиси ташаккули афкори солими ҷомеа шаванд» [81, с. 346]

Муҳаққиқ Зафар Сайидзода, ки, аслан, ба ҷанбаҳои таъсиргузории фарҳангии расонаҳо бештар таваҷҷуҳ дорад, аз ин нигоҳ, ҷиҳатҳои мусбати таъсири расонаҳо, зарурати дарки таъсири онҳо ва ҳамкориҳои судмандро бозгӯ менамояд. Нашру пахши рӯзномаву маҷаллаҳои гуногун, мавқеи арзандаву созгори расонаҳо дар баланд бардоштани сатҳи огоҳии мардум ва пешбурди маърифату дониши ҷомеа яке аз омилҳои муҳимтарини тавсеаи фарҳангӣ ва нишонаи ҳадафмандӣ ва пешрафти ҷомеа аст.

Табиист, ки рушди фарҳангӣ ба маънои васеи он, ки дарбаргирандаи «густариши гуфтугӯҳои фалсафию фарҳангию адабию ҳунарӣ мебошад, на танҳо омили асосии рушди худогоҳии миллӣ, балки заминасози тавсеаи сиёсиву иқтисодӣ, пешрафти илму дониш ва ташаккулдиҳандаи андешаву афкори солим дар ҷомеа аст. Албатта, ин ҳама замоне муяссар ва

имконпазир мегардад, ки аз як сӯ, мақомоти давлатӣ ба расонаҳои гуногун ва нақши воқеии онҳо аҳаммият диҳад ва расонаҳои оммавиро на ба сифати «рақиб» ё баландгӯйи фаъолиятҳои мақомоти ҳукуматӣ, балки ҳамчун рукни муҳимме дар баробари ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия бипазирад.

Аз сӯйи дигар, роҳбарони рӯзномаҳо ва аҳли қалам низ бояд аз рисолати фарҳангӣ ва масъулияти худ дар иттилоърасонии дуруст, ривоҷ додани ҳамдигарфаҳмӣ, тақвияти ҳисси ҳамбастагии миллӣ ва ҳамзистии мусолиҳатомез огоҳ бошанд ва аз паст задани шаъни ашхос, дурӯғпардозӣ, овозапаҳнкунӣ ва, аз ҳама бадтар, аз таблиғи хушунат парҳез намоянд. Ба таъкиди коршиносон, ин гуфтаҳо, дар навбати аввал, ба расонаҳои фарогир, аз ҷумлаи телевизиону радио ва рӯзномаҳои бонуфуз, ки мардум ба хабарҳо, гузоришҳо, таҳлилҳо ва паёмҳои онҳо итминон дорад, дахлдор аст.

Таъсири воситаҳои ахбори омма вақте манфиатбахшу созанда аст, ки, агар масъулину кормандонашон дар назди ҷомеа барои фаъолият ва иттилову гузоришҳояшон эҳсоси масъулият намоянд, дар акси ҳол фаъолияти ин расонаҳо хусусияти харобиовар касб менамояд ва ҷомеаҳоро ба сӯйи ноамниву бесуботӣ мебарад.

Ин донишманди маъруф, ки андешаву таҳлилҳои ҷолибу воқеӣ дорад, аз нигоҳи сиёсат ва ҷомеашиносӣ низ ба масъалаи нақши расонаҳо дахолат менамояд ва муҳиммияти онро баррасӣ мекунад. Номбурда бар ин назар аст, ки дар ҷаҳони имрӯз суръати паҳн шудани паёму иттилоъ ҳатто аз ним қарн пеш садҳо маротиб бештар аст. Ҳам воситаҳо ва ҳам шеваҳои таблиғу ташвиқ тағйир ёфтаанд... Муҳимтарин таъсиргузороне, ки метавонанд дар шаклдиҳии фарҳанги миллӣ аз дигар омилҳо муваффақтар бошанд, расонаҳоянд. Табиист, ки ҳар воситаи ахбори омма махсусияти фаъолияти худро дорад, ки онро гурӯҳҳо, қишрҳо ва табақаҳои ҷомеа ва салиқаву завқу ниёзмандиҳои онҳо муайян мекунанд. Ҳар қишри ҷомеа ба расонае зарурат дорад, ки дархури завқу мақсадҳояш мебошад. Ин ҳам ба кӯдакону наврасон ва ҳам ҷавонон, ҳам барои насли нисбатан калонсол тааллуқ

дорад. Масалан, барои кӯдакону наврасон то андозае телевизион, барои насли ҷавон Интернет, насли аз миёна боло ва насли калонсол муҳимтарин воситаи гирифтани иттилоот рӯзномаҳо мебошанд.

Дар бораи он ки имрӯз телевизион ҳамчун оммавитарин ва пуртаъсиртарин воситаи ахбори омма бо пешниҳоди иттилову гузоришҳои гуногун, барномаҳои таълимиву маърифатӣ, фарҳангиву фароғатии ҷолиб аудиторияи зиёдеро ба худ ҷалб мекунад, қудрат дорад, ки омили пурнуфузтарин ва муассиртарин дар таҳаввулоту дигаргун кардани афкору фарҳанги ҷомеа бошад, ҷойи шубҳа нест. Мо ҳоло дар шароите қарор дорем, ки афкори ҷомеа, бе назардошти марзҳои сиёсӣ, ҷуғрофӣ ва ақидавӣ мунтазам ба тағйиру таҳаввул дучор мегардад. Вале, мутаассифона, ин тағйиру таҳаввул на ҳамчун пешрафти фарҳанги ҷомеа, балки бештар ба ҳайси коста гардидани ахлоқу арзишҳои маънавии ҷомеа ба вуқуъ мепайвандад.

Пӯшида нест, ки тавассути расонаҳо, аз ҷумла телевизион, ба ҷомеа афкору ақида ва матолибе пешниҳод мешавад, ки бо талабот ва арзишҳои фарҳангии мо на чандон мувофиқат менамоянд. Имрӯзҳо расонаҳо, хосса телевизион вазифадор ҳастанд, ки дар ҳифзу густариши асолат, ҳувият, таърих, фарҳанг, забон, расму оин, эҳтирому риояи ахлоқи миллӣ мусоидат намоянд.

Имрӯз матбуот ҳамқадами ҳаёт ва ҷузъи хеле муҳимму ҷудонопазири ҷомеаи озоду демократии мо буда, бо таъмини фазои иттилоотӣ ба шаҳрвандон дар интихоби дурусти мавқеъ ва дарёфти ҳақиқат имкониятҳои васеъ муҳайё месозад. Ҳоло беш аз пеш маълум мегардад, ки нақши воситаҳои ахбори омма дар ҳаёти ҷомеаи муосир чӣ гуна бузург аст.

Дар ҳақиқат, матбуот ва воситаҳои ахбори омма ба ташаккули афкори ҷомеа таъсири муқтадир ва муассир мерасонанд. Онҳо, хусусан, дар замони таҳаввулот ва тағйирёбии самтҳои рушди ҷомеа, тағйиру бадалшавии идеологияҳо ва ташаккули диди нави иҷтимоӣ аҳаммияти хосса пайдо мекунанд. Ҳама гуна ҷомеаи демократӣ, алалхусус ҷомеаи

кишварҳое, ки нав ба ин ҷода қадам гузоштаанд, ба воситаҳои ахбори омма ва фаъолияти пурсамари онҳо ниёзманд мебошанд.

Бояд гуфт, ки матбуот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин давраҳои таърихӣ, аз ҷумла дар замони Шуравӣ ба таври назаррас рушд кардааст. Воситаҳои ахбори омма, махсусан, дар самти инъикоси масъалаҳои вобаста ба бунёди иншооту сохтмонҳои азим, ташкили ҳаёти нав, масоили адабиву фарҳангӣ, мубориза бо ҷинояту ҷинояткорӣ, пешгирӣ ва бартарафсозии ҳодисаҳои нохуши сӯхтору дигар ҳолатҳои фавкулода нақши созанда ва пешоҳанг доштанду доранд. Давраи комилан нав аз лиҳози сохтор ва услуби кор ба таври ҷиддӣ фарқкунандаи фаъолияти воситаҳои ахбори оммаи Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳз дар замони Истиқлоли давлатӣ оғоз гардид ва матбуот вобаста ба воқеияти замон такомулу ташаккул ёфт. Тибқи арзёбии коршиносони байналмилалӣ, матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз дар қиёс бо бисёр кишварҳо аз дидгоҳи озодии баён пешрафта мебошад. Ба таъбири дигар, матбуот ба мақсаду мароми халқ ва арзишу манфиатҳои миллӣ наздиктар шуд.

Имрӯз дар фаъолияти матбуоти мустақили Тоҷикистон, яъне дар фаъолияти онҳое, ки худашон рӯзномаву маҷалла, агентии иттилоотӣ, шабакаи телевизион ва радио таъсис дода, кори онро мустақилона пеш мебаранд, унсурҳоеро мебинем, ки сазовори пайравӣ кардану омӯхтан ҳастанд. Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид месозанд: «Муҳим нест, ки рӯзноманигорон дар кадом самт – матбуоти давлатӣ ё матбуоти мустақил фаъолият доранд. Ҳадафи асосии матбуоти ҳукуматӣ ва мустақил ҳамчун ду шохаи бо ҳам пайвастаи матбуоти Тоҷикистон иҷрои рисолати касбӣ, яъне хизмати содиқона ва софдилона ба манфиати халқу Ватан мебошад,» (Суханронӣ бахшида ба 100-солагии нахустрӯзномаи тоҷикии «Бухорои Шариф», 10 марти соли 2012).

Дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи воситаҳои ахбори мустақилу ғайриҳукуматӣ афзуда, аз лиҳози миқдор ҳоло онҳо нисбат ба расонаҳои хабарии ҳукуматӣ ба маротиб зиёд гардидаанд.

Ин, албатта, аз як тараф, хуб аст, зеро фаъолияти озоди воситаҳои ахбори омма яке аз нишонаҳои асосии рушди ҷомеаи демократӣ ва шаҳрвандӣ мебошад. Ҳар яке аз ин расонаҳо ба таври худ фазои иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистонро пур карда, дар инъикосу таҳлили равандҳои сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа нақши худро доранд. Бо забони содаву оммафаҳм ва салису равон расонидани иттилоот ва матолиби таҳлилӣ яке аз вазифаҳои асосии матбуот ва умуман аҳли қалам мебошад. Мусаллам аст, ки журналистика фаъолияти пурмашаққат аст. Дар ин масир журналист бояд дар таҳқиқи амиқу дақиқи масъалаҳои мубрам диду интихоби дуруст дошта бошад. Аз паҳлуи дигар, саволе ба миён меояд, ки оё фазои иттилоотии Тоҷикистон зарурате ба ин миқдор воситаҳои ахбори оммаи ғайриҳукуматӣ дорад.

Ин нуктаро ҳам, ки нигоҳи ҷомеа аст ва ба нақшу вазъи матбуот ва дигар расонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дахл дорад, шоистаи тазаккур донистем, чун доир ба аҳдофу вазоифи расонаҳо ба таври умум маълумот медиҳад. Аз нигоҳи мо, зикри ин маълумотҳо чун заминае барои дарку фаҳми аҳдофу нақши расонаҳои байналмилалӣ мебошанд.

Ҳамчунин, шоистаи зикр медонем, ки дар миёни коршиносони масоили сиёсии Тоҷикистон низ ба масоили аҳдофи расонаҳои байналмилалӣ таваҷҷуҳ мешавад ва дар ин бобат изҳори назарҳо ҳам мешаванд. Матлаби зер, ки чун иқтибос тазаккур меёбад, аз ҷумлаи чунин матолибест, ки ба аҳдофу хостаҳои яке аз расонаҳои байналмилалӣ – Радиои Аврупои Озод / Радиои «Озодӣ» рабт дорад ва дар мисоли як рӯйдоди корӣ ин аҳдоф рӯйнамоӣ мешаванд. Дар матлаб таъкид мегардад, ки «Радиои Аврупои Озод / Радиои «Озодӣ», ки тайи солиёни тулонӣ фазои иттилоотии моро таҳти фишори иттилоотӣ қарор додааст, қабл аз ҳама, лоиҳа ё ба истилоҳ, пружаи хориҷӣ буда, бунёд, ҳадаф ва мароми гурӯҳҳои манфиатдори минтақавӣ ва сиёсатҳои фароминтақавиро пайгирӣ мекунад.

Бояд таъкид кард, ки тарзу услуби кор, интихоби мавзуъ, шеваи ҷамъоварию таҳияи матолиб, муносибат бо сарчашмаҳои маълумот, баҳисобгирии дақиқи мавзуот, муҳтавову мундариҷаи таваҷҷуҳбарангези

гузоришҳо, фаврияти хабар, ҷараёни  пахши хабару иттилоот ва гузоришу барномаҳои Радиои «Озодӣ» мувофиқи супоришу нақшаи махсуси муассису корфармоёни хабаргузорӣ ба роҳ андохта шуда, бо назардошти манфиатҳои сиёсӣ ва стратегии роҳбарияти он матолиби характери гуногундошта дар вақту замони муайян ва мушаххас пешниҳод мешаванд

Гузашта аз ин, коршинос чунин тарзи кор ва пиёдасозии ҳадафҳоро ба дигар навъи расонаҳо низ марбут медонад ва менависад, ки, одатан, дар дигар расонаҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ (хусусӣ ва мустақил) ҳам ин шеваи кор ба назар мерасад, аммо Радиои «Озодӣ» аз дигар расонаҳо бо ба вуҷуд овардани вазъи ноамнӣ, бесуботӣ, бетафовутӣ, ҳангомасозӣ, шӯрандозӣ, нифоқандозӣ ва дар маҷмуъ, иғвоангезии фавқулода дар манотиқи мавриди назар тафовут дорад. Ба ин далел, Радиои «Озодӣ» аз оғози фаъолият ҳадафҳои вежаи сиёсату қудрати ҷаҳониро дар мамолики гуногуни фақрзада, ақибмонда, вопасгаро ва суннатӣ пиёда месозад ва тибқи нишондоди сиёсии сарпарастони беруна, матолиби мавриди писанд ва дар бисёр маворид иттилооти махсус пешбинишударо интишор менамояд ва бо суръати кайҳонӣ расонаӣ месозад.

Гузашта аз ин, матолиби банақшагирифташуда ва пасон интишорёфта, асосан, бо такя ба манофеи сиёсӣ ва геостратегӣ»-и сарпарастони расона ва «муштариён»-и он интихоб, таҳия ва пахш мегарданд. Ба таъбири дигар, иттилоот ва ахборе, ки ба ҳадаф ва стратегияи сармоягузорони расона мувофиқ аст ва дар фазои муайяну мушаххас мушкил андар мушкил эҷод карда метавонад, тадриҷан пахш мешавад ва ба ин васила фазо ва муҳитҳои мавриди назар таҳти контрол ва назорати расонайӣ қарор мегирад. Ин шеваи маъмули кор бозгӯкунандаи он аст, ки Радиои «Озодӣ», бо он ки иттилооту ахбори гуногунмавзуъ ва мухталифмуҳтаворо ба маърази нигариш ва масири истимоъ мегузорад, бо иғво ва матолиби иғвоангезу «таваҷҷуҳбарангез» сари кор мегирад.

Дар идомаи матлаб муаллиф бо мисолҳо доир ба ин радиои хориҷӣ ва фаъолиятҳои он муносибат мекунад: Маблағгузории беҳисоб, ҷалби кормандони касбӣ ва иқтидори фаннию техникӣ иштирок ва мавқеи

намоёни Радиои Озодиро дар фазои иттилоотӣ ва муҳити расонаӣ таъмин мекунад. Аз таърихи таъсис ва ташаккулу таҳаввули дилхоҳ расонаҳо, аз ҷумла ин радио, маълум мешавад, ки ҳанӯз аз солҳои панҷоҳуми асри бист мақомоти кашшофию истихборотии кишварҳои абарқудрат талошу нияти тавассути расонаҳо дар муҳити сиёсию иҷтимоӣ, ахлоқию фарҳангӣ ва мафкуравӣ ҷойгоҳи вижа пайдо карданро гирифта буд ва он нияту талош имрӯз ҳам идома дорад ва вобаста ба вазъу шароити нави таърихӣ ва сиёсӣ шеваи худро такмилу тағйир дода, ҷиддитар шудааст.

Ба василаи ахбори иғвоангез ва пахши иттилооти муғризона бедор кардани ангезаҳои номатлуби мазҳабзадагӣ ва таассубгароии қишрҳои осебпазири иҷтимоӣ яке аз мақсадҳои стратегии расонаҳои берунӣ, алалхусус Радиои Озодист ва пахши иттилооти ғаразноку мақсадноки хабарнигорони ин расона боиси ташаннуҷи авзоъ ва тавсеа ёфтани зиддиятҳои мазҳабӣ дар Тоҷикистон гардида буд (манзур охири солҳои ҳаштодум ва ибтидои навадуми асри бист аст). Танҳо ба хотир овардани мусоҳибаҳои роҳбарону шахсиятҳои аввали ташкилоти экстремистию террористии ҲНИ-и вақт (Сайид Абдуллоҳи Нурӣ)-ро, ки дар китоби «ҲНИ – зодаи ормони мардум» дарҷ гардида буданд ва дар ҳошияи мусоҳиботи мудирияти собиқи ташкилоти экстремистию террористии наҳзатӣ ишора шудааст, кофист ки бедории динӣ-мазҳабӣ (ва ангезиши ихтилофоти мазҳабӣ) тавассути шунидани барномаҳои Радиои «Озодӣ» дар миёни мусулмонони Тоҷикистон имконпазир гардидааст. Аз ин маълум мегардад, ки аз ибтидо ташкилоти экстремистию террористии ҲНИ нияти муттаҳидии мусулмонҳо не, балки тафриқаандозиро дар байни онҳо доштаву расонаҳои хориҷӣ барои расидан ба ин ҳадаф ёрӣ расондаанд.

Ин маълумотҳо бо мақсади муқоисаи он ки расонаҳо дар фазои кишварҳо нақши ниҳоят муаассир доранд ва муассирӣ ҳар гуна шарҳ меёбад. Ба гунаи мисол, агар дар андешаҳои муҳаққиқи аввал ба ҷанбаҳои мусбати фаъолияти расонаҳо ва пешниҳодҳо барои он ки расонаҳо метавонанд дар фазосозиҳои мусбат нақши муҳим дошта бошанд, ишора

шуда бошад, дар намунаи баъдӣ бевосита ба нақши Радиои «Озодӣ», ҳадаф ва мақсадҳои фаъолияти ғаразноки он ба таври ошкоро муносибат сурат гирифтааст.

Мо ба таври васеъ ба ин матлаб, ки ба қалами коршиноси масоили сиёсӣ Фаридун Ориёӣ тааллуқ дорад, муносибат мекунем, зеро дар мисоли ин таҳлилҳо, ки ба як расонаи байналмилалӣ тааллуқ дорад, ба расонаҳои дигар алоқаманд будани онро дар назар дорем, зеро расонаҳои байналмилалӣ, дар маҷмуъ, ҳадафҳои монандро дунбол мекунанд.

Ин муаллиф дар идомаи андешаҳояш боз ҳам бо далелҳо дар бораи ҳадафҳои расонаи байналмилалии Радиои «Озодӣ» менависад, ки баъди ба истиқлолияти сиёсӣ даст ёфтани Тоҷикистон раванди воқеот ва пахши иттилооти баъдии ин расона нишон дод, ки ба вуҷуд овардан ва таҳрик додани тарафҳои муқобил (манзур руҳониёни мутаасиб ва дунявиён аст) дар шароити нави таърихӣ бар манфиати кори «сарпарастон» ё чунон ки имрӯз муд шудааст, «хоҷагон» мебошад.

Соли 2013 Радиои «Озодӣ» аз нав мунозираи кухна ва фарсудаи имону виҷдон (мутаассибону дунявиён)-ро матраҳ ва расонаӣ сохт, то оромиву осоиштагӣ ва рушду суботро дар минтақа барҳам занад. Ба таври маснуӣ ва мақсаднок дар сархатти хабарҳо баҳси дину дунявиятро қарор дода, вазъияти мамлакатро тезу тунд карданӣ буданд ва агар мақомоти қудратӣ пеши роҳи авҷи ташаннуҷи таассуботи динӣ-мазҳабиро намегирифтанд, на танҳо Тоҷикистон, балки ҳама кишварҳои Осиёи Марказӣ дубора бо хатари азим – ҷанги шаҳрвандӣ мувоҷеҳ мешуд. Мутаассифона, Радиои «Озодӣ» дар ин ҷо ҳам нақши худро гузошт ва то имрӯз самти фаъолияташро тағйир надодааст, ҳол он ки намояндагони он рисолаташонро дар ташаккулу сохтани афкори муътадили ҷомеа ва таҳкими мубодилаи солими фикру андешаҳо меҳисобанд.

Чун Радиои «Озодӣ» ҳадафҳои ғаразнок дорад ва барномаи он аз ҷониби идораҳои махсус нақшабандӣ мешавад, барои амалишавии барномаву дурнамои худ ҳаракат менамояд. Агар ба таври дақиқ ва ҷиддӣ таваҷҷуҳ кунем, Радиои «Озодӣ» ҳеҷ гоҳ барои низоми сиёсии дунявӣ

талош накардааст ва ҳамеша дар пайи бунёди фазои беҳокимиятию дарҳамбарҳамӣ қадам мезанад ва саранҷом сабаби ноамнӣ ва бесуботӣ мегардад. Низоми давлатдории муътадил, аз ҷумла дунявият, ҳеҷ вақт ба манфиати «барномаҳо»-и Радиои «Озодӣ» нест, зеро он дар асоси донишу мантиқ ва сиёсати инсонмеҳвар устувор буда, омили таҳкимбахши муносибатҳои солими иҷтимоӣ ва суботи сиёсӣ мешавад. Аммо хурофотпарасти динию мазҳабӣ сабабгори зиддият ва бесуботӣ мегардад.

Дар асоси моддаи 6-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» истифодаи воситаҳои ахбори омма барои барангехтани кинаю адовати нажодӣ, миллӣ, динӣ, мазҳабӣ, забонӣ, иҷтимоӣ, ташвиқоти ҷангу бераҳмӣ, тарғиби зулму зӯроварӣ, фаъолияти террористӣ ва ифротгароӣ, халалдор кардани тамомияти арзӣ ва мустақилияти давлатӣ манъ мебошад.

Дар доираи қавонини мавҷуда фаъолият кардани расонаҳои дохилию хориҷӣ ва ба ангезиши иғвою ихтилофоти нажодию мазҳабӣ сабаб нагардидан кафолати дарозии умри расонаҳост. Аммо бисёр расонаҳои мустақил, минҷумла Радиои «Озодӣ», ба хотири амалӣ кардани «ниёз»-ҳо ин нукотро зери по мегузоранд ва бар мабнои иғтишошоти иттилоотӣ матолиб омода ва пахш менамоянд. Мунтаҳо, дар ҷаҳл нигаҳ доштани ҷомеа ва дур сохтани табақоти иҷтимоӣ аз аносири созанда, ки бо низоми дунявӣ тавъаманд, татбиқи барномавии ин қабил расонаҳоро саҳлу осон мекунад. Аз ин рӯ, аз ахбор ва матолиби иғвоангези аксари расонаҳои мустақили хориҷӣ, ки бо маблағҳои ҳангуфт кори расонаӣ ҷур мекунанд, бо эҳтиёт истифода бояд намуд, то фазои оромиши сиёсию иҷтимоӣ ва фикрию фарҳангӣ мағшуш нагардад.

Андешаҳои ин коршиноси масоили сиёсӣ, ки чун посух ба даъвои Радиои «Озодӣ», ки як масъалаи оди корию идории худро ба сатҳи муносибатҳои байнидавлатӣ ва ҳатто байналмилалӣ кашонидааст, ба табъ расида, ҳамчунин, чун оғози сухан доир ба ҳадаф ва нақши расонаҳои байналмилалӣ дар мисоли фаъолияти ин радио маълумот додааст, ки барои рабти бевоситааш ба мавзуъ мо низ ба он истинод кардем.

Ин нукта ҳам шоистаи зикр аст, ки дар андешаронихои ин коршинос вобаста ба баҳогузории фаъолияти ин расона баъзан зиёдаравиҳо ҳам ба назар мерасад, вале инро ҳам набояд нодида гирифт, ки ҳамчун коршинос аз вазъи фаъолияти он огоҳии комил дорад ва бо далелҳо, мисол, аз эътирофи роҳбарони ҳизби ҳамакнун дар Тоҷикистон мамнуи наҳзати исломӣ ёд мекунад, ки онҳо нақши расонаҳои байналмилалиро дар мисоли радиои Озодӣ дар барангехтани ҳиссиёти мазҳабии сокинони минтақа назаррас арзёбӣ мекунанд, ки далели нақши таъсиргузории расонаҳои байналмилалӣ ба мафкураи мардум ва фазои иттилоотии кишварҳои минтақа мебошад: он чи ки имрӯз дар фазои расонаӣ, махсусан Радиои «Озодӣ» матраҳ аст, масъалаи муҷаввизи якчанд корманди Радиои «Озодӣ» мебошад, ки ҳангомаю дамдамаҳоеро ба дунбол доштааст.

Ба чанд корманди Радиои «Озодӣ» муҷаввиз надодани мақомоти марбутаи Тоҷикистон (манзур Вазорати умури хориҷа аст) хоби нози сармоягузорон ва муҷриёни тарҳҳои матолиби расонаро паронд ва онҳо як масъалаи идорию кориро ба як қазияи бузург табдил дода, довталабона ва ҳадафмандона онро дар сатҳи расонаҳои гуногун мечархонанд. Мудирияти асосии Радиои «Озодӣ» ва ҳамчунин ҳавохоҳони минтақавию фароминтақавии он сари муҷаввиз надодани 9 корманди расонаи мазкур воҳимаю ҳангомаҳоеро ба по кардаанд.

Тариқи номаҳо ва иддаои сершумор аз Вазорати умури хориҷаи Тоҷикистон хостори онанд, ки ба кормандони Радиои «Озодӣ» иҷозаи кор (муҷаввиз ва ё аккредитатсия) дода шавад. Ахиран яке аз нашрияи пурнуфузи Амрико «Вашингтон Пост» алайҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тавтеаи дигарро роҳандозӣ карда, аз номи ҳайати таҳририяи ин нашрия матлабе таҳти унвони «Саркӯби матбуоти озод дар Тоҷикистон бояд бас шавад» интишор додааст. Муҷаввиз надодан ба чанд корманди Радиои «Озодӣ» баҳонае беш нест, дар пушти ин масъалаи кӯчак, ки ба таври маснуӣ ба қазияи бузург табдилаш додаанд, аҳдофи дигаре ниҳон аст.

Ниҳоятан, радиои «Озодӣ» ба ҷойи он ки озодиро, ки аз баданаи демокросӣ берун омадааст, ҳамаҷониба таблиғ намуда, мардумро аз маҳдудаҳои бунбастии фикрӣ ва ақидатӣ берун кашад ва аз хурофоту таассуб бираҳонад, ҷомеа ва оммаро дар бунбасти хурофотӣ гирифтор намуда, аз ҳар ҷиҳат осебпазир месозад. Бо таваҷҷуҳ ба манофеи миллӣ, мардумӣ ва давлатӣ, маҳдуд кардани соҳаи фаъолиятҳои густардаи Радиои «Озодӣ», ки дар чанд даҳаи охир ба машина ва дастгоҳи қудратманди парокандани иғвою даъвоҳои бебунёд табдил ёфтааст, амри зарурӣ ба шумор меравад.

Тавре зикраш рафт, ин матлаб, ки хулосааш дар охир ба таври ошкоро гуфта шудааст, паҳлуи дигари фаъолият ва ҳадафҳои радиои Озодиро бозгӯ менамояд. Он чи мо болотар аз сомонаи ин радио иқтибос кардем, ки онҳо дар бораи худ чӣ мегӯянд, яъне, ҳадафу самти фаъолияти худро чӣ гуна шарҳ медиҳанд ва барои муқоиса ин матлабро муфассалан иқтибос намудем, то ин ки як андоза ҳам бошад, воқеияти ҳол ба вуҷуд оварда шавад.

Ҳарчанд мо инро низ дар назар дорем, ки дар маълумоти радиои «Озодӣ» дар бораи худ ҳам нуктаҳои аҳаммиятнок ва воқеӣ вуҷуд доранд, яъне, онҳо низ ба он чи ки мегӯянд, амал мекунанд ва дар матлабе, ки дар бораи ҳадафҳои ин расона ҳарф мезанад, низ на ҳама он чи ки зикр шудааст, баёнгари воқеият аст, зеро аксаран ифодагари мавқеи як нафарест, ки манофеи давлату миллати худро дифоъ мекунад ва албатта барои собит намудани афкори хеш далел дорад.

Дар мавриди ҳадафҳои расонаҳои иттилоотӣ осори профессор М.А. Муқимов маълумоти муфиду зарурӣ медиҳад, зеро ин муҳаққиқи маъруфи рӯзноманигории тоҷик вобаста ба расонаҳои байналмилалӣ таҳқиқи густурдаро анҷом додааст.

Ин муҳаққиқи тоҷик ба масъалаи ҷанги иттилоотӣ таваҷҷуҳ карда, дар як мақолаи калонҳаҷми худ моҳияти ин мафҳум ва нақши расонаҳоро дар он мавриди баррасӣ қарор додааст: Кишварҳои абарқудрат вобаста ба манфиатҳои геополитикии худ ҷанги иттилоотӣ мебаранд. Ба вижа ИМА,

ки қисми зиёди иттилооти олам дар ин кишвар таҳияву пахш мешавад, дар ин ҷода пешсаф аст. ИМА тавассути дастгоҳҳои тарғиботиаш ба мисли телевизион ва радиои «Садои Америка», Телевизиони «Ал-Ҳурра», Радиои «Сава» (барои кишварҳои Шарқи Наздик ва Африкаи Шимолӣ), Радио ва телевизиони «Мартӣ» (барои Куба), Радиои «Аврупои озод» / Радиои «Озодӣ», Радиои «Осиёи озод» ба 61 забони миллӣ ва ба 125 кишвари дунё ҷанги иттилоотии густурда мебарад.

Радиои «Озодӣ» дар байни шунавандаҳои тоҷик ҳам нуфузи зиёд дорад. Ҳоло 28 бахши Радиои «Аврупои Озод» / Радиои «Озодӣ» ба 21 кишвари олам барнома пахш мекунанд. Дар шаҳри Прага ва 19 шуъбаи он дар кишварҳои мухталиф 400 рӯзноманигори штатӣ ва 750 хабарнигори ғайриштатӣ ифои вазифа мекунанд. Радиои мазкур яке аз бузургтарин расонаи таблиғотии ИМА мебошад [59, с. 48].

Дар як суҳбати ихтисосӣ президенти вақти Радиои «Аврупои Озод» / Радиои «Озодӣ» Ҷеф Гедмин бо сармуҳаррири рӯзномаи «Миллат» Адолати Мирзо дар бораи ҳадафҳои ин расонаи америкоӣ чунин гуфта буд: «Бисёриҳо бар ин назаранд, ки Радиои «Аврупои Озод» / Радиои «Озодӣ» дар фурӯпошии низоми коммунистӣ дар Аврупои шарқиву Иттиҳоди Шуравӣ кумаки калоне расондааст. Вале ман мехоҳам бигӯям, ки мо ҳозир ҳам ҳамон нақшеро мебозем, ки қаблан бозидаем. Он ҳам кумак ба расонаҳои озоду мустақил дар кишварҳоест, ки то ҳанӯз аз расонаҳои озоду мустақил баҳрабардории комил намекунанд. Бинобар ин, ҳанӯз ҳам вазифаи асосии мо кумак ба ҷараёни озоди маълумот, иттилоот, хабар, баҳси озодии назарҳо мебошад, яъне бигзор мардуми озод имкони озоди интихоби ҳукуматро дошта бошад» [59, с. 49].

М. Муқимов чун муҳаққиқ доир ба моҳияти фаъолияти воситаҳои ахбори омма изҳори назар карда, чунин менависад: ВАО навобаста ба муҳтаво, шакл, намуд ва аудиторияи худ бунёдан ниҳоди сиёсӣ маҳсуб мешавад, зеро вай хусусияти таъсиррасонӣ ба тафаккури ҷомеаро дорад. Расонаҳое, ки ба кишварҳои абарқудрат хизмат мекунанд, кайҳо боз на барои инъикоси воқеият, балки барои ташаккули он аз рӯйи фармоиши

пешакӣ фаъолият доранд. Аксаран ВАО олотест, ки тавассути он ба дастгирии ҷомеа ноил мегарданд. Ҷаҳонишавии фазои иттилоотӣ ба табдили иттилоъ ҳамчун омили муборизаи сиёсӣ ва олоти амалигардонии ҳадафҳои давлат дар арсаи ҷаҳонӣ мусоидат менамояд. ВАО силоҳи пурқудрати таъсиррасонӣ ба муҳити иттилоотӣ ва имиҷи давлат мегардад [59, с. 52].

Ин нукта баёнгари он аст, ки ҳарчанд роҳбарони ин расонаи байналмилалӣ ҳадафи худро «кумак ба расонаҳои озоду мустақил дар кишварҳое, ки то ҳанӯз аз расонаҳои озоду мустақил баҳрабардории комил намекунанд, кумак ба ҷараёни озоди маълумот, иттилоот, хабар, баҳси озодии назарҳо» мешуморанд, аммо дар қисмати дуюми ин шарҳашон воқеияти пардапӯш аён мегардад: «бигзор мардуми озод имкони озоди интихоби ҳукуматро дошта бошад».

Профессор М. Муқимов менависад, ки ҳадаф ва вазоифи воқеии Радиои «Аврупои Озод» / Радиои «Озодӣ» ҳеҷ вақт ба таври расмӣ интишор нашудааст, вале аз рӯйи баъзе суханрониҳои сиёсатмадорони ИМА, ки барои оммаи васеъ пешбинӣ нашудаанд, метавон мақсади радиоҳои номбурдаро дар давраи Иттиҳоди Шуравӣ чунин муайян намуд: коштани тухми бадбинӣ байни халқҳои Иттиҳоди Шуравӣ ва мамлакатҳои сотсиалистии дигар; аз байн бурдани эътимод ба Иттиҳоди Шуравӣ ва ҳизби коммунисти он; паҳн кардани ахбори дурӯғ, аз байн бурдани боварӣ ба қудрати иқтисодӣ ва ҳарбии мамолики сотсиалистӣ, афрӯхтани ҳисси миллатгароӣ; тарғиби васеи тарзи зиндагии мардуми Ғарб ва тарзи соҳибкории озод.

Дар дастурҳои аввалини барои Радиои «Озодӣ» фиристодаи муассиси он – Кумитаи америкоии озодшавӣ аз болшевизм ба Раёсати маркази кашшофии ИМА тааллуқ доштани радио пинҳон карда мешуд. Дастури умумие, ки 8 январи соли 1954 ба Радиои «Озодӣ» расидааст, ҳамагӣ аз 9 саҳифаи мошиннавис иборат буд. Дар он вазифаҳои радиостансия, нишондоди самти барномаҳо ва қоидаҳои таҳияи барномаҳо сабт ёфта буд. Аз ҷумла, дар қоидаҳо гуфта мешуд, ки радиостансияи «Озодшавӣ» бояд

шунавандаҳои худро бовар бикунонад, ки бахши русӣ (озарбойҷонӣ ё белорусӣ ва ғайра) ба манфиати ӯ ва манфиати халқи вай фаъолият мекунад. Аз ин рӯ, ҳамаи он чизеро, ки таассуроти ба манфиати кадом як давлати хориҷӣ фаъолият кардани радиоро ба вуҷуд меорад, аз байн мебояд бурд.

Ин факту рақамҳои профессор М. Муқимов ва ҳам он андешаҳое, ки аз коршиноси масоили сиёсӣ иқтибос кардем, далели онанд, ки ягон расонаи байналмилалӣ бидуни ҳадафи мушаххасе аз ҷониби муассисонаш таъсис намеёбад. Яъне, танҳо ба хотири «таъмини озодии баён» расонае таъсису маблағгузорӣ намешавад. Ба таври мисол, муҳаққиқи шинохта Ҷовид Муқим боз ҳам дар бораи ҳадафҳои Радиои «Озодӣ» менависад, ки «дар дастури дигаре аз соли 1958 таъкид мешавад, ки радиостансия бояд барои ба даст овардани номи нек бикӯшад, то дар байни шунавандаҳо ба ҳақҷӯӣ ва эътимоднокӣ ба он шубҳа пайдо нашавад» [60, с. 13].

Радиои «Озодӣ» ба қавле худро «Садои озоди собиқ шаҳрвандони СССР» меномид. Ва ин расона ҳадафҳояшро ба роҳи нишон додани намои «меҳмон дар хона», яъне бо шеваи нарму ором, лаҳни беғарази дӯстона ва техникаи таъссирбахши радио амалӣ мекард. Мақсадҳо бояд ба он усуле пахшу тарғиб мешуданд, ки аудитория дар гуфторҳо хеч гуна садоҳои бегонаро эҳсос накунанд.

Соли 1967 дастури радиошунавонӣ барои Ғарб тасдиқ карда шуд. Дар ин дастур усулҳои асосии радиошунавонӣ чунин муайян гардидааст: додани маълумот дар бораи додани намуду тамғаҳои мошинҳои навтарин, дар бораи идеяҳои ҷолиб нақл кардан, либоспӯшмӯдноку муосир ва ғайра; нигоҳ доштани таваҷҷуҳи шунавандаҳо бо ёрии барномаҳое, ки барои ҳама ҷолибанд; озодӣ аз маҳдудияти сиёсӣ. Барномаҳо бояд таассуроти муколамавӣ ба вуҷуд оранд, то ки шунаванда худаш барои амали сиёсиаш хулоса барорад.

Дар дастури мазкур усулҳои расидан ба аҳдофи мазкур чунин номбар шудаанд: пахши ахбори воқеӣ дар бораи рӯйдодҳои дохили Иттиҳоди Шуравӣ ва берун аз он; барномаҳои шавқангез; пахши мусиқии ҷолибу

машҳур, ки сомеон дар дигар ҷо шунида наметавонанд. Бо ёрии мусиқӣ ҷалб намудани ҷавонон ба гӯш кардани барнома ва баъдан гузаштан ба муколамаҳо дар мавзуъҳои баҳсталаб; истифодаи зарофат, пеш аз ҳама, ҳаҷви сиёсӣ, ки аз рӯйи стандартҳои Шуравӣ «характери тахрибкорӣ» дорад; дар сухбатҳо бо ҷавононе, ки аз маҳдудиятҳои сиёсӣ орӣ ҳастанд ва ҳатто хусусияти калавандагӣ доранд, баланд бардоштани арзишҳои Ғарб ва ба таври самаранок омӯзонидани онҳо, вале ба ҳеҷ васила на чун «падаре», ки ба таври дилбазан ба писараш дар бораи рафтори ӯ ҳарф мезанад; истифодаи адабиёт: Радиои «Озодӣ» бояд дар барномаҳои худ аз асарҳои классикони адабиёт иқтибосҳо оварад, зеро онҳо ҳамчун «дом» хизмат карда, шунавандаҳоро ҷалб мекунанд; дар барномаҳо барои миллатҳои ақаллият бояд аз усулҳои тафриқашуда ва вижа истифода кард.

Масъалаи миллӣ дар собиқ ИҶШС аз масоили нозук, ки ҳар лаҳза метавонист рӯ занад, маҳсуб мешуд. Бузургманишии русҳо нисбат ба дигар миллату халқиятҳои Иттиҳоди Шуравӣ сол аз сол меафзуд. Ин нуктаро ба назар гирифта, Радиои «Озодӣ» дар барномаҳои худ масоили ҳуввияти миллии халқу миллатҳои маскуни ин кишварро мебардошт ва бо ин то ба андозае тафаккури озодихоҳии онҳоро ташаккул медод.

Аз нигоҳи аввал чунин ба назар мерасад, ки дастури мазкур намунавӣ ва воқеӣ аст, гӯё ягон ҳадафи ғаразнок надорад, зеро амалҳои дар дастур зикршударо бояд ҳар як воситаи ахбори омма чун талаботи умумӣ қабул ва иҷро намояд, аммо таваҷҷуҳи бештар маълум менамояд, ки дар баробари дастурҳои умумӣ дастурҳои хосе ҳам ҳастанд, ки ҳадафҳои сиёсиро дунбол мекунанд. Масалан, «талаботи «танқиди воқеияти Шуравӣ ба манфиати одамони Шуравӣ» ва «муҳокимаи воқеияти Шуравӣ чи тавре ки ҳаст, на он тавре ки режими Шуравӣ тасаввур мекунад», аллакай ҳадафи сиёсӣ дорад ва мақсад аз он тарафҳои манфии ҳодисаву рӯйдодро инъикос карда, коҳиш додани эътимоди шунавандаҳо ба мақомоти расмӣ ва воситаҳои ахбори Шуравӣ мебошад» [59, с. 52].

Ҳамин тавр, маълум мегардад, ки расонаҳои байналмилалӣ дорои ҳадаф ва вазифаҳои хоссае ҳастанд, ки ба шеваҳои гуногун дар пайи амалӣ

гардонидани он мебошанд. Мо дар мисоли як расонаи байналмилалӣ – радиои «Озодӣ» ин мафҳумро мавриди баррасӣ қарор додем.

Интихоби ин радио ба он хотир аст, ки вай ҳамчун расонаи байналмилалӣ дар фазои минтақаҳои гуногуни олам новобаста ба шароит ва вазъият, мавқеъ ва нуфузи худро нигоҳ дошта, як андоза ифодагари ҳадаф ва мавқеи дигар расонаҳои байналмилалӣ низ буда метавонад. Яъне, намунае аз ҳадафҳое, ки ин расона дорад, барои дигар расонаҳо, ки чунин хусусият доранд, умумӣ буда метавонад.

Ба таври ҷамъбаст метавон гуфт, ки дар ин бевосита ба ҳадаф, ҳузур ва нақши расонаҳои байналмилалӣ дар фазои иттилоотии кишварҳои Осиёи Марказӣ таваҷҷуҳ намуда, дар ин маврид низ бо такя ба маълумоти муҳаққиқон ва ҳам он маводе, ки аз ҷониби худи расонаҳо доир ба моҳияти фаъолияташон оварда шудааст, ба таври муқоиса ва бо мисолҳо мавриди баррасӣ қарор додем.

## 2.2. Фаъолияти расонаҳои байналмилалӣ дар Тоҷикистон

Ба Истиқлолияти давлатӣ расидани Тоҷикистон марҳилаи таърихан нави мардуми тоҷик аст, ки баъд аз чандин аср ба вуқуъ омад. Дар замони Истиқлолияти миллӣ журналистика аз зери роҳбарии ҳизбӣ озод шуд. Хосатан, дар ҳамин даврон журналистика марому мақсади худро бо назардошти ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳимояи ҳуқуқи инсон ба роҳ монда, дар зудтарин фурсат ба журналистикаи фаъол дар миқёси Осиёи Миёна эътироф гардид. Маҳз дар даврони соҳибистиқлолӣ тамоми паҳлуҳои журналистикаи тоҷик дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равнақ ёфт. Бузургтарин дастоварди миллати тоҷик дар асри XX ин Истиқлоли давлатӣ мебошад. Ҳамин Истиқлол аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба узвияти Созмони Милали Муттаҳид ва дигар ташкилотҳои байналмилалию минтақавӣ пазируфта гардид. Дар баробари ин, назди Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаю уҳдадориҳо ба миён омаданд. Аз ҷумла, Ҷумҳурии Тоҷикистон чандин шартномаю эъломияҳоро дар самти риояи ҳуқуқи инсон пазируфт. Бо

мақсади риояи Эъломияи ҳуқуқи башар (соли 1948, Муоҳидаи байналмилалии ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (соли 1966) ва дигар санаду шартномаҳо дар самти дастрасию нашри иттилоот ва рушди ҳамкориҳо дар бахши иттилоот ва мубодилаи ахбор ба мамлакатҳои хориҷӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолияти озодонаи журналистони хориҷӣ иҷозат дода шудааст.

Журналистони расонаҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи асноди ҳуқуқӣ ба қайд гирифта мешаванд. Ба сифати журналисти расонаҳои хориҷӣ метавонанд шаҳрвандони кишварҳои хориҷӣ, шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шахсони бешаҳрвандӣ сабт карда шаванд.

Воситаҳои ахбори оммаи хориҷӣ ва кормандони онҳо барои фаъолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вазорати корҳои хориҷӣ ба қайд гирифта мешаванд. Расонаҳо ва журналистони хориҷии бақайдгирифташуда ҳуқуқ доранд дар чорабиниҳои расмӣ ширкат намоянд. Ба ВАО-и хориҷӣ ва намояндагони онҳо тибқи Низомнома «Дар бораи ваколати хабарнигорони ВАО-и давлатҳои хориҷӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон» иҷозат дода мешавад, ки дар конфронсҳои расмии матбуот, брифингҳо ва дар мавриди зарурат дар дигар чорабиниҳо барои намояндагони ВАО-и Тоҷикистон иштирок кунанд.

Журналистони хориҷӣ барои ба таври озод пахшу паҳн кардани маводди худ, хабарҳои радио, видео ва телевизион, ки ҳамагуна сензураро истисно менамояд, ҳақ доранд. Муҳаққиқ С. Мирзоалӣ қайд мекунад: «Барои дастрасии хабарнигорони хориҷӣ ба иттилоот қонунҳои ҶТ ягон маҳдудиятро пешбинӣ накардаанд. Дар амалия низ хабарнигорони хориҷӣ ба манбаҳои иттилоотдастрасӣ дорандва дар бисёр ҳолатҳоахборро аз ҳамкоронашон аз ВАО-и тоҷикистон пештар мегиранд ва пахш менамоянд» [52, с. 22].

Фаъолияти расонаҳои байналмилалӣ вобаста ба Тоҷикистон ду самтро дар бар мегирад. Самти аввал агар пахши барномаҳо бо забони тоҷикиро дар замони шуравӣ фарогир бошад, пас, самти дуюм фаъолияти

бевосита дар Тоҷикистон ба воситаи боз намудани дафтари ин расонаҳо ва таъйини намояндаҳо дар ин кишвари минтақаи Осиёи Марказӣ ба шумор меояд. Ба ин сабаб, мо тасмим дорем, доир ба ҳардуи ин самт дар такя ба сарчашмаҳо маълумот диҳем. Бояд гуфт, ки роҷеъ ба ҳадафу вазифа ва фаъолияти радиои «Озодӣ» дар Тоҷикистон муҳаққиқон Иброҳим Усмонов, Ҷовид Муқим (собиқ корманди ин радио), инчунин журналистону коршиносон Сайёфи Мизроб, Мунаввар Мунавварзод, Холиқи Сангин (собиқ кормандони ин радио), Абдуллоҳи Раҳнамо, Бобоҷон Шафеъ, Аҳмади Иброҳим ва чанди дигар андешаву мулоҳизаҳо баён кардаанд, ки мо аз онҳо истифода бурдаем.

Зикр бояд кард, ки на ҳама андешаҳои ин муҳаққиқону коршиносон холисонаву илмӣ ҳастанд. Масалан андешаву бардоштҳои муҳаққиқону коршиносон аслан илмию мантиқӣ бошанд, андешаи собиқ кормандон (ба истиснои профессор Ҷовид Муқим) вобаста ба таҳаввулоти фаъолияти расонаҳои байналмилалӣ, муносибати шахсиашон сура гирифтааст.

Бояд гуфт, ки фаъолияти расонаҳои хориҷӣ дар ягон кишвар ба манфиатҳои сиёсию миллиаш мувофиқ нест. Дар пасманзари ин фаъолият ҳатман манфиатҳои кишварҳои соҳибрасона ифода ва тарғибу ташвиқ мешаванд. Фаҳмиши таърихӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ягон кишвари хориҷӣ ба кишвари дигар мувофиқ нест. Масалан фаҳмиши ҷангҳои ҷаҳонӣ, Инқилоби Октябр, ғолибияти Иттиҳоди Шуравӣ дар ҷанги дуюми ҷаҳонӣ, сарзаминҳои баҳсие чун Каталония, Исроилу Фаластин, Чину Тайван, Кореяи Ҷанубию Кореяи Шимолӣ, мансубияти Қрим ба Русия ё Украина, мавқеи Туркияву Юнон дар муносибат бо Кипр, ҷангҳои Балкан ҳамеша мавриди таҳлилу бозбиниҳои зидду нақиз қарор дорад ва ин дар фаъолияти расонаҳои байналмилалӣ ба назар мерасад. Ба таври мисол, назари ин расонаҳо ба бомбаборонкунии Югославияи собиқ аз ҷониби ИМА, ҷанги Исроилу Фаластин, муаммои Қрим, ҷудошавии Косово аз Сербия гуногун аст, ки дар як мавқеъ ба риояи ҳуқуқи инсон, мубориза бо диктатура, худмуайяннамоии миллатҳо иртибот мегирад ва дар мавқеи дигар дифоъ аз терроризму пешгирии ҷиноятҳои фаромиллӣ, мубориза

алайҳи ифротгароии динию фашизми навбаромад ва ғайра маънидид мегардад.

Радиои «Озодӣ» ба муносибати 70-умин солгарди таъсиси худ дар бораи бахши тоҷикӣ ва ҳам фаъолияти дирӯзу имрӯзи он як гузориши муфассале омода намудааст, ки фарогири маълумоти муфиди таърихӣ мебошад.

Муҳаррири нахустини барномаи тоҷикии радио Муҳаммадсарвари Мир будааст, ки соли 1932 дар деҳаи Иштирхони наздикии Марғелон таваллуд шуда, падараш рӯҳонии маъруф дар ибтидои репрессияҳои сталинӣ ба Афғонистон ва аз он ҷо ба Туркия ҳиҷрат карда будааст. Дар Истанбул донишгоҳро хатм карда, дар ширкате муҳандис ва замоне ки эълони радиои «Озодӣ»-ро хондааст, ариза дода, ба кор қабул шудааст ва аз соли 1964 то соли 1995 кор кардааст.

Муҳаммадсарвари Мир рӯзҳои аввали корашро дар радиои «Озодӣ» чунин нақл карда буд: «Хабарҳоро дар ибтидо аз шуъбаи русӣ мегирифтем. Он вақт шуъбаи русӣ калонтарин ва забони русӣ ҳоким буд. Маҷбур шудам, русиро омӯзам. Забони тоҷикӣ ҳам бо кириллӣ буд. Мо дар Афғонистон ва Туркия надида будем. Онро низ ёд гирифтем. Дар андак замон рӯзномаҳои тоҷикиро мехондам. Дар зарфи шаш моҳ ё як сол хабарҳоро аз русӣ тарҷума мекардам» [132].

Аммо бахши ҷудогонаи тоҷикӣ танҳо соли 1975 бо талошҳои Маркиел Даниел (Музаффар Орифӣ), собиқ котиби масъули рӯзномаи «Тоҷикистони Советӣ», ки ба Исроил ҳиҷрат карда буд, таъсис ёфтааст: «Бо руҳбаландӣ ба кор шуруъ кардам, аммо як камбудӣ буд, ки бахши тоҷикӣ набуд. Бо бахшҳои дигар якҷоя кор мекарданд, шуъбаи туркистонӣ буд. Аввал ҳамин беадолатиро бартараф кардан даркор буд. Дар бораи Тоҷикистон маълумоти мукаммал надошт раҳбарият. Муроҷиат кардам ва гуфтам, ки Тоҷикистон республикаи мустақил аст ва забони тоҷикиро дар Афғонистон ва Эрон мефаҳманд. Хоҳишмандам, шуъбаи махсуси тоҷикӣ кушода шавад. Аз як тараф, бисёр хавотир будам, ки кормандони бахшҳои дигар боз нагӯянд, ки ин миллатгароӣ мекунад, тоҷикиро ҷудо кард.

Хушбахтона, амрикоиҳо фаҳмиданд. Хоҳиш кардам, аз Туркия тоҷикзабонҳо биёянд» [132].

Ӯ раҳбари нахустини бахши тоҷикии радиои «Озодӣ» буд, ки дар ин вазифа бист сол кор кардааст. Дар оғоз дар таҳияи барномаҳои тоҷикии Радиои Озодӣ аз номаи шунавандагон ва рӯзномаву маҷаллаҳое истифода мекардаанд, ки дар Тоҷикистон нашр мешуд.

Иброҳим Усмонов, журналист ва муҳаққиқи матбуот, мегӯяд, «Даниел аввалин тоҷике буданд, ки дар радиои «Озодӣ» барномаҳои тоҷикӣ ташкил карданд. Азбаски аз Тоҷикистон рафта буданд, номи редаксияашонро ҳам тоҷикӣ ва гуфторашро ҳам тоҷикӣ гуфтанд» [132].

Он замон пахши барномаҳои радиои «Озодӣ» дар қаламрави Шуравии собиқ мамнуъ буд ва мавҷи радио ба ҳар восита дастнорас карда мешуд. Ин ҳол то шуруи бозсозӣ шадидан идома кард. «Девори оҳанин» заиф мешуд, роҳи фарҳангиёну донишмандони тоҷик ба хориҷи кишвар, хусусан, ғарб, бозтар мешуд. Маркиел Даниел (Музаффар Орифӣ) мегӯяд, «бо бисёре аз одамон мулоқот мекардем. Масалан, дар газетаи «Тоҷикистони Советӣ» ё «Комсомоли Тоҷикистон» баъзе мақолаҳо мебаромад. Амрикоро бадном мекарданд. Мо мегуфтем, ки ин ҳақиқат нест. Ин пропагандаест, ки аз Маскав маҷбур мекунанд. Рости гап, вазифаи мо расондани иттилоъ буд» [132].

Дар матбуоти Тоҷикистони замони Шуравӣ дар муқобили радиои «Озодӣ» матлабҳои зиёде нашр мешуд. Барномаҳои Радиои Озодиро таблиғот бар зидди ҳукумати Шуравии собиқ муаррифӣ мекарданд. Профессор Иброҳим Усмонов, муҳаққиқи маъруфи матбуоти тоҷик мегӯяд: «Радиои «Озодӣ» ҳамчун бозгӯяндаи ақидаҳои ҷаҳони капиталистӣ ба миён омад. Ин як навъ такягоҳе ё як навъ такондиҳандаи авзои муттаҳидии сиёсии Аврупо тавассути амрикоиҳо буд. Имрӯз ҳам ҳамин хел аст. Дар редаксияи «Озодӣ» дар Прага будам. Дар бораи «Озодӣ» ҳангоми таҷриба омӯхтан дар радиои «Садои Амрико» дар Вашингтон ҳам матолибе ҷамъ кардам. Дар рисолаи доктории худ масъалаи «Озодӣ»-ро махсус таҳқиқ ҳам кардам. «Озодӣ» як идораи маҳками таблиғотӣ аст, гарчи калимаи

таблиғотро дар худ қабул надорад, гарчи мегӯяд мо иттилоъдиҳанда ҳастем» [132].

Ҷовид Муқим (Муқимов Муҳамадӣ) – журналист ва муҳаққиқи журналистикаи тоҷик, дар робита ба таърихи бахши тоҷикии ин радио ҳамчун нахустин корманди он чунин гуфтааст: «Корро дар радиои «Озодӣ» аз моҳи октябри соли 1995 шуруъ кардам. Он вақт касе намехост, мухбири радиои «Озодӣ» шавад. Аз аввалин хабарнигорон мебошам, ки дар Душанбе сабти ном шуда будам. Баъдан, ба ман Мирзонабии Холиқзод ва дигарон пайвастанд. Он вақт бо нерӯи бисёр кӯчак кори зиёдеро анҷом додан даркор буд. Ҳама вақт кӯшиш мекардам, ки маводам беғаразона ва ботавозун бошад. Масалан, борҳо аз ҷонибҳои даргир, чи аз қумондонҳои ҷониби мухолифин ва қумондонҳои тарафи ҳукумат, мусоҳиба гирифта, онро пахш кардам, барои он ки гузоришҳои ман яктарафа набошад» [132].

Шоистаи зикр аст, ки ин даврони ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон буд ва он замон ин кишвар ба як нуқтаи доғ табдил шуда буд. Дарёфти иттилои дақиқ хеле мушкил гардид ва ба ҳамин сабаб, радиои «Озодӣ» барои дарёфт ва пахши иттилои сареъ ва дақиқ дар Тоҷикистон хабарнигор гирифт.

«Давраи музокироти сулҳи тоҷикон замони ҳассос барои фаъолияти радиои «Озодӣ» буд. Ҳар иттилои носаҳеҳ метавонист ин ҷараёнро халалдор кунад. Баъзан садоҳое ҳам баланд мешуд, ки радиои Озодӣ дар ин раванд мухолифини тоҷикро пуштибонӣ мекунад. Иброҳим Усмонов, журналист ва муҳаққиқи матбуот: «Ман гуфтам, ки радиои «Озодӣ» мавқеи қувваҳои мухолифи Тоҷикистонро ишғол мекард, на қувваҳои тарафдори ҳукуматро. Шояд аз ҳукуматиҳо танҳо ман дар радиои «Озодӣ» сухан мегуфтам. Телефон мекарданд ва мегуфтанд, воқеа чӣ хеле бошад, шарҳ диҳед. Ман, албатта, аз мавқеи худам, аз мавқеи ҳукумат, аз мавқеи қувваҳои расмии Тоҷикистон шарҳ медодам. Матолибе, ки дар муқобили ман ё дар муқобили мавқеи ман буд, дар радиои «Озодӣ» хеле зиёдтар буд, аз он ки ман мегуфтам. Гаҳе мехостанд, аз ман ба муқобили худи ман истифода баранд» [132].

Аммо на ҳама ҷонибдорони ҳукумат бовар доштаанд, ки радиои «Озодӣ» дар замони гуфтугӯйи сулҳи тоҷикон бештар ба назарҳои иттиҳоди мухолифин бартарӣ медодааст. Сайфулло Сафаров, мушовири собиқи президенти Тоҷикистон гуфтааст: «Хидмати таърихии радиои «Озодӣ» барои Тоҷикистон, пеш аз ҳама он буд, ки ба мардум маълумот дастрас мекард. Дигараш дар солҳои гуфтушуниди сулҳи байни тоҷикон андешаҳои тарафҳоро ба ҳамдигар мерасонд. Андешаҳои мардумро ба онҳое, ки ба музокирот машғул буданд, мерасониданд. Ин, алабатта, худ аз худ як хидмат ҳаст» [132].

Ин ҳам як намунаи возеҳи фаъолияти расонаҳои байналмилалӣ дар Тоҷикистон аст, ки дар мисоли радиои «Озодӣ» мушоҳида кардем. Яъне, таваҷҷуҳ ба забони тоҷикӣ, ба шунавандаи тоҷик ҳанӯз аз солҳои аввали таъсиси ин расонаи байналмилалӣ дар маркази диққат будааст. Ҳамин далел, ки бо вуҷуди дар ҳайати Шуравӣ будан аз рӯзҳои аввал ба халқу миллатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ таваҷҷуҳ намудани ин расона бори дигар собит гардидани он далелҳоест, ки муҳаққиқ М.Муқимов тазаккур додааст. Яъне, бо аҳдофи сиёсӣ таъсис ёфтани расонаҳо ба мисли як ҳақиқат намудор мешавад, ки ҳеҷ як пӯшиши дигар онро пинҳон карда наметавонад.

Ба хотири он ки мақсад ва вазифаҳои расонаҳои байналмилалӣ ва дар минтақаву кишварҳои алоҳида ифтитоҳ намудани дафтару намояндагиҳои худро боз намудани онҳо боз ҳам мушаххастар бошад, ба ин андешаҳои профессор И. Усмонов, ки чун сарсухан ба китоби ««Ҳақиқат ва дурӯғ»-и Ҷовид Муқим навиштааст, таваҷҷуҳ мекунем: «Воситаҳои ахбори омма, қабл аз ҳама воситаҳои электронӣ, имконияти таъсири бештарро ба мафкураи иҷтимоӣ доранд, зеро дар шароити ҳозира техникаи муосир имконияти паҳн шудани мавҷҳоро қариб номаҳдуд мекунад. Радио яке аз воситаҳои электронии ахбор аст. 70-75 сол инҷониб василае гардидааст, ки таблиғи ақидаи сиёсиро аз ҳудуди як кишвар имконияти берун бурдан дорад ва ба ин васила хоста ё нахоста имконияти ба корҳои дохилии мамлакатҳои дигар таъсир расондан дорад. Радио ба ин маъно расонаи

идеологӣ, василаи таблиғот аст. Дар акси ҳол намешавад, ки ба он давлатҳо миллионҳо доллар пул сарф карда, ба истилоҳ ахбори бетараф, ахбори барои ҳама заруриро паҳн мекарда бошанд» [53, с. 3].

Дар идомаи ин андешаронихо, ки моҳияти тарғиботии воситаҳои ахбори омма, аз ҷумла васоити электрониро бозгӯ менамояд, профессор И.Усмонов ба таърихи таъсиси расонаҳои имрӯзаи байналмилалӣ ишора мекунад: Таърихи пайдоиши радиои Би-Би-Си, «Озодӣ», «Садои Амрико», «Мавҷи Олмон», «Садои Хуросон» дар ҳамин мафҳум нуҳуфтааст. Қаблан, то замоне ки давлати советӣ вуҷуд дошт, дар мубориза идеологӣ аз мафҳуми ҷанги сард истифода мекарданд. Яъне муборизае, ки, аз як тараф, ақидаи коммунистиро ва, аз тарафи дигар, андешаи ба истилоҳ демократиро таблиғ мекард.

Дар аввали солҳои 90-уми асри XX эълон шуд, ки ҷанги сард ба охир расидааст. Аммо ман гумон мекунам, ҷанги сард на танҳо ба итмом нарасидааст, балки дар қолаб ва шароити нав идома дорад. Шароити нав, аслан, бо истифода аз пароканда шудани давлати пешбарандаи системаи сотсиалистӣ – Иттифоқи Советӣ ба вуҷуд омадани зӯргӯии нав ва авҷ гирифтани ҷанги ҳақиқӣ-ҷанги гарм дар минтақаҳои дуртар аз манфиати демократҳо – дар Ироқ, мамлакатҳои гуногуни Югославияи собиқ, ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шуравӣ, Афғонистон ва амсоли ин мебошад. Замони мо замони омезиши ҷанги гарм ва сард аст. Ин шароит барои радио, ки ба таблиғи байналхалқӣ машғул аст, имконияти бештаре медиҳад. Факту рақами гуфтанӣ зиёдтар мешавад. Нуқтаи назари ба ҳам муқобил зиёдтар пайдо мешавад. Аммо дар ҳамин ҳолат ҳам радио аз дурӯғ даст намекашад.

Фаҳмиши дурӯғ ва ба таври ошкоро дар марҳилаи муосир воситаи асосӣ будани онро дар фаъолияти расонаҳои байналмилалӣ таъкид намудани профессор И.Усмонов як навъ ҷуръати хос аст, ки тафсир мехоҳад ва ҳамин аст, ки ин муҳаққиқи дақиқназар моҳияти дурӯғро дар асоси таҳқиқу баррасиҳои Ҷовид Муқим чунин шарҳ медиҳад: «муҳаққиқ ҳадафи ба ҳамин савол (чаро радио аз дурӯғ даст намекашад) ҷавоб додан

дорад. Ӯ, ки худ корманди радиои «Озодӣ» аст, бо таҳлили гуфторҳои радиои мазкур ва радиоҳое, ки ба мавзуи Тоҷикистон гуфторҳо доранд, бо муқоиса кардани ҳар он чизе, ки дар ин бобат мегӯянд, хулосаҳои ҷолибе пеш меорад. Гуфтан мехоҳад, ки дурӯғе, ки зарурат дорад, аз дурӯғе, ки маҳз бо ғаразе гуфта шудааст, бо чӣ фарқ мекунад. Гуфтан мехоҳад, ки хомӯш истодан дар воқеаи баамаломада, хоҳиши шарҳи воқеа аз ҷониби одаме, ки ба ин чиз камтар масъулият дорад ё тавзеҳи худхоҳонаи ин ё он факт ё воқеа ба амал омада, то чӣ андоза бо дурӯғгӯӣ иртибот мегирад.

Бояд гуфт, ки ба вуҷуд омадани дурӯғ ва туҳмат дар радио ба он ҳам вобастагӣ дорад, ки муносибати ин радио ба сохте, ки дар ин ё он давлат мавҷуд аст, чӣ гуна мебошад. Таваҷҷуҳ ва адами он метавонад муносибати мухталифро ба воқеа бор орад.  Бо ин ҳама чунин хулоса намешавад, ки мавҷуд будани радиоҳои байналмилалӣ танҳо ва танҳо ғарази муташанниҷ кардани авзои иҷтимоӣ аст, балки аз он таъкид ба амал меояд, ки онҳо метавонанд ба ин сабаб шаванд» [53, с. 3].

Ин нуктаҳо, ки як навъ хулосаи муаллифи сарсухан аз як китоби таҳқиқӣ ҳастанд, дар ҳақиқат ҳам ҷолибанд, зеро моҳияти фаъолияти расонаҳои электронии байналмилалиро аз нигоҳи касбӣ ба баррасӣ мекашанд ва маълумоти заруриро пешниҳод менамоянд.

Дар баробари ин, профессор И. Усмонов моҳияти сиёсати иттилоотиро низ хуб шарҳ медиҳад, ки расонаҳои байналмилалӣ онро доштанду доранд. Ба ин васила мақсади байналмилалӣ сохтани фаъолияти расонаҳо аз ҷониби кишварҳои алоҳида низ маълум мегардад: Сиёсати иттилоотӣ, ба назари ман дар рӯзгори мо ду вазифаи умдаро ба дӯш дорад: аввал, хабар додан ва дуввум, таъсир расонидан. Кадоме аз ин мақсадҳо дар аввал меистад, бисёр вақт баҳсҳои илмиро ба бор меоварад ва ҳатто даъвогарони ВАО-и озод мавҷуд будани мақсади таъсиррасониро инкор мекунанд. Худи ба ҷойи воситаҳои ахбори омма ва таблиғ истифода шудани мафҳуми воситаҳои ахбори омма инро ифода менамояд.

Дар ҳамин маврид ба ёдовар  шудан меарзад, ки ҷараёни озоди ахбор ҳам мақсади таъсир расонида тавонистанро дар назар дошт ва дар ҳамин

замина системаи байналмилалии ахбор ба вуҷуд омад, ки мабнӣ дар ду чиз буд: идеологияи сиёсии давлат ё дастболоӣ дар геополитика, яъне қудратмандии давлат. Ҳамин чиз талошро ба дастрасии ахбори дунё ва паҳн кардани ахбор ба аҳли дунё ба бор меорад.

Ҷамъ овардани ахбори дунё барои он даркор аст, ки, аз як тараф, таваҷҷуҳро ҷалб кунад, аз тарафи дигар, ахборро ба диди худ мувофиқ намояд. Дастрасӣ ба аудитория бештар бошад, аз он лиҳоз лозим аст, ки дунё бояд воқеаро тавре бинад ва фаҳмад, ки ӯ донистааст [56, с. 3].

Дар ҳақиқат ҳам, дар ин шарҳи муҳаққиқи маъруфи рӯзноманигории тоҷик, профессор И. Усмонов зарурати хусусияти байналмилалӣ касб намудани воситаҳои ахбори омма ҷониби кишварҳои алоҳида таъсисёфта ба хубӣ аён мегардад.

Ба таври мисол, мо дар робита ба мавзуи фасли мазкур, ки ба фаъолияти расонаҳои байналмилалӣ дар Тоҷикистон дахл дорад, ба як масъалаи ҷиддии фазои иттилоотии Тоҷикистон таваҷҷуҳ мекунем, ки ба фаъолияти расонаи байналмилалии Радиои BBC алоқаманд мебошад. Ин қазия ба қатъи пахши барномаҳои Радиои BBC рӯйи мавҷи FM аст, ки 11 январи соли 2006 аз ҷониби мақомоти дахлдори Тоҷикистон сурат гирифт.

Радиои «Озодӣ» вобаста ба ин қазия чандин гузориш таҳия ва пахш намуда буд, ки чанде аз онро мавриди баррасӣ қарор медиҳем. Гузориши нахустин, ки рӯзи 18 январ пахш шуд, чунин буд:

Мақомоти вазорати адлияи Тоҷикистон мегӯянд, қатъи барномаҳои радиои BBC рӯйи мавҷи FM дар шаҳрҳои Тоҷикистон тибқи қонунгузории кишвар сурат гирифта ва муғойирате ба меъёрҳои байналмилалӣ надорад.

Мақомоти вазорат зимни як нишасти хабарӣ рӯзи чоршанбе гуфтанд, барои дубора аз сар гирифтани пахши барномаҳояш рӯйи FM бояд намояндагии BBC дар вазорати адлия сабти ном шавад ва баъдан муҷаввизи нашри барномаҳоро аз кумитаи муҷаввиздиҳӣ дарфёт намояд. Ин дар ҳолест, ки масъулини дафтари BBC дар Душанбе мегӯянд, вазорати умури хориҷаи Тоҷикистон ваъда додааст, то чор рӯзи дигар посухи расмӣ

ба дархости BBC дар мавриди аз сар гирифтани нашри барномаҳои ин радиоро хоҳад гуфт.

Аммо Ҷумъа Давлат – мудири шуъбаи ҳуқуқи дастгоҳи иҷроияи раёсати ҷумҳурӣ, ки дар нишасти хабарӣ ҳозир буд, гуфт, барои азсаргирии нашри барномаҳо BBC-ро зарур аст, ки тамоми муқаррароти қонуни Тоҷикистонро пушти сар кунад: »Барои пахши барномаҳо ду навъ иҷоза даркор аст, яке аз Кумитаи телевизион ва радио барои оғози барномаҳо ва дигаре аз вазорати алоқаи Тоҷикистон барои иҷораи мавҷ. Пахши барномаҳои BBC рӯйи мавҷи FM дар Тоҷикистон ҳафтаи гузашта қатъ шуда буд».

Ҷумъа Давлат ҳамчунин гуфт, тамоми ашхоси ҳуқуқӣ, аз ҷумла намояндагиҳои хабаргузориҳоро низ мебояд, дар вазорати адлия сабти ном шаванд. Аммо ин амр як навъ ба ҳисобгирии давлатӣ аст ва робитае ба иҷозаи фаъолият надорад, чаро ки иҷозаи фаъолиятро ба хабаргузориҳо вазорати умури хориҷа додааст.

Дар мавриди сабти ном нашудани созмонҳои «Хонаи Озодӣ» (Freedom House) ва Институти миллии демократии Амрико, Халифабобо Ҳомидов – вазири адлия гуфт, ки дар сурати мутобиқ ба қонунгузории Тоҷикистон пешниҳод шудани асноди ин созмонҳо вазорат онҳоро сабти ном хоҳад кард.

Пас аз гузашти 5 рӯз радиои «Озодӣ» боз ба ин қазия рӯ оварда, барои мукаммал сохтани гузориши аввал, ки дар он гуфта мешуд, барои фаъолияти расонаҳои байналмилалӣ вазорати корҳои хориҷӣ иҷозатнома медиҳад, аз ин рӯ, посухи расмиро бояд ин вазорат бидиҳад, посухи вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистонро нашр намуд: «Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон мегӯяд, қатъи пахши барномаҳои Би-Би-Си ангезаи сиёсӣ надорад. Раиси бахши матбуот ва иттилоот дар ин вазорат Игор Сатторов ба хабаргузории русии ИТАР-ТАСС гуфтааст, «моҷарои атрофи шабакаи Би-Би-Си хосияти сиёсӣ надорад ва ин як масъалаи корӣ буда, ба зудӣ ҳал мешавад» [147].

Вай гуфт, таҳқиқи масъала аз тарафи коршиносони Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон идома дорад ва бо поёни он идораи сиёсати хориҷии Тоҷикистон тавсияҳои худро ба шабакаи ҷаҳонии ин радио ва мақомоти дахлдори ҳукумати кишвар хоҳад фиристод ва пахши барномаҳо аз сар гирифта хоҳад шуд.

Пахши барномаҳои Би-Би-Си рӯйи мавҷи FM 11-уми январ қатъ гардид. Мақомоти Тоҷикистон гуфтаанд, шабака натавонистааст дар муҳлати муқарраршуда санадҳои худро тибқи қонунҳои нави Тоҷикистон номнавис кунад. Сафорати Бритониё дар Тоҷикистон, сафири Иёлоти Муттаҳида дар Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо ва Кумитаи дифои журналистон аз қатъи пахши барномаҳои Би-Би-Си рӯйи амвоҷи FM изҳори ташвиш карда, аз ҳукумати Тоҷикистон хостаанд, мушкил ба зудӣ бартараф шавад [135].

Бо дарки «муҳим будани мавзуъ» радиои «Озодӣ» таҳқиқи онро идома дода, аз масъули дигари дахлдор – Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Тоҷикистон низ дар робита ба ин мавзуъ иқтибос меорад: Асадулло Раҳмонов, раиси Кумитаи телевизион ва радиои Тоҷикистон дар як нишасти хабарӣ дар шаҳри Душанбе гуфт, барномаҳои радиои Би-Би-Си рӯйи мавҷи ФМ ғайриқонунӣ пахш мешуд ва аз ин рӯ, дар бораи муваққатан боздоштани пахши барномаҳои он тасмим гирифта шуд. Ӯ таъкид кард, ки ин тасмими Кумитаи телевизион ва радио ягон ангезаи сиёсӣ надорад. Асадулло Раҳмонов афзуд, масъулони родиёи Би-Би-Си ҳанӯз шаш моҳ пеш огаҳ буданд, ки бояд аз Кумитаи телевизион ва радиои Тоҷикистон иҷозаи пахш бигиранд: Ин ба қонунгузории нав вобаста нест, чунон ки дар васоити ахбори умум имрӯз гуфта истодаанд, ки ин тасмими мо дар пайи қабул шудани қонуни нав дар бораи муҷаввиздиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият дар моҳи августи соли 2005 сурат гирифтааст. Ин нодуруст аст. Пахши барномаҳои радио ва телевизиони хориҷӣ бояд дар асоси шартномаи байни ду давлат сурат гирад.

Ҳамзамон Маҳмудхон Сараев, корманди шуъбаи иттилоотиву таҳлилии дафтари раёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирозҳои Би-Би-Си ва

сафорати Британиёро, ки дар пайи тасмими Кумитаи телевизион ва радио баланд шуданд, бепояву асос хонд ва гуфт: Азбаски имрӯз созишномаи байналмилалӣ миёни Тоҷикистону Британиё ё ҳадди ақал миёни Би-Би-Си ва Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Тоҷикистон ба имзо нарасидааст, мо дар заминаи ҳамин қонун рафтор кардем.

Аммо Сӯҳроби Зиё – мудири дафтари Би-Би-Си дар шаҳри Душанбе, иддаои мақомоти Кумитаи телевизион ва радиои Тоҷикистонро дар мавриди пахши ғайриқонунии барномаҳои Би-Би-Си рад кард:

Ҳарчанд бо ибтикори ҷониби Би-Би-Си дар моҳи июн ва ҳамин тавр дар авоили моҳи декабри соли 2005 миёни мақомоти аршади Би-Би-Си ва ниҳодҳои зидахли Тоҷикистон ин мавзуъ баррасӣ шуда буд, дар мавриди додани муҳлат то 10-уми январ намояндагии Би-Би-Си дар Тоҷикистон ё дар Лондон ба таври расмӣ огоҳонида нашуд [135].

Пас аз гузашти моҳҳо, ки ҷараёни кории масъала идома доштааст, радиои «Озодӣ» дар моҳи август боз ҳам ба ин мавзуъ рӯй меорад ва онро ин маротиба васеътар инъикос мекунад ва далел ҳам он аст, ки дархости дигарбораи BBC ҳам аз ҷониби мақомоти кишвар рад шудааст: Ахиран мақомоти Тоҷикистон дархости дигарбораи Бунгоҳи Суханпароканиии Британиё (Би-Би-Си) дар мавриди азсаргирии пахши барномаҳои ин родю рӯйи амвоҷи FM дар Тоҷикистон рад кард. Мақомоти зирабти кумитаи давлатии родю ва телевизиюни Тоҷикистон дар ин маврид вуҷуди таноқузот дар асноди пешниҳодии Би-Би-Сиро далел меоранд. Родюи Би-Би-Си то моҳи январи соли равон рӯи мавҷҳои FM дар Душанбеву Хуҷанд барнома пахш мекард, вале дар таърихи 11 январ кумиссиюни судури муҷҷавизи Кумитаи давлатии родю ва телевизиюни Тоҷикистон пахши ин барномаҳоро ғайриқонунӣ донист ва гуфт, то замони сабти номи расмии намояндагии ин бунгоҳи хабарӣ дар идороти марбутаи кишвар мавҷи Эф Эми ин родю баста хоҳад монд.

Масъалаи пахши барномаҳои Би-Би-Си дар ин чанд моҳи ахир чандин бор мавзуи баҳси байни мақомоти Тоҷикистон ва Британиё ва ҳамчунин, фиристодаи Созмони Амнияту Ҳамкории Урупо шуда буд. Би-

Би-Си тайи ин муддат асноди лозим барои сабти ном ва азсаргирии пахши барномаҳояшро ҷамъ овард ва ба мақомоти зидахл пешниҳод кард. Аммо иллати радди дубораи дархости Би-Би-Си чӣ буда?

Фурқат Пӯлодов, мутахассиси бозрасии давлатии телевизиюн ва родю, мегӯяд: »Кумитаи телевизион ва радио дар номааш ҳамаи сабабҳои рад шудани дархости Би-Би-Сиро овардааст. То ҷое медонам, ин ду сабаб дошт. Якум, набудани тавофуқномаи лозим байни давлатҳои Британиёву Тоҷикистон, ки бо банди 53-и Низомнома дар бораи ироаи муҷаввиз дар таноқуз аст. Ва дуввум, адами сабти расмӣ ва мақоми ҳуқуқии дафтари Би-Би-Си дар Тоҷикистон» [147].

Тавре зикр шуд, дар ин гузориши муфассал мусоҳибаи кӯтоҳи хабарнигори радиои «Озодӣ» бо ин масъули бозрасии давлатии телевизион ва радио сурат гирифтааст, ки ба чунин тарз аст:

– Дар суратиислоҳи ин мушкилот BBC метавонад ба дарёфти ҳаққи муҷаввизи пахши барномаҳояш рӯйи мавҷи Эф Эм дар Тоҷикистон умед бандад?

– Чаро фақат умед бандад? Мо кишвари демократием ва Би-Би-Си чунин муҷаввизро метавонад дарёфт кунанд.

– Аммо бастани созишномаҳои байнидавлатӣ кори содае нест, ки шавад ба зудӣ анҷомаш дод?

– Ман бо шумо розиям. Вале маъзарат мехоҳам, қонун инро тақозо мекунад.

– Яъне рад шудани дархости Би-Би-Си иртиботе ба интихоботи дар пешистода надорад?

– На! Дар ин ҷо ғарази сиёсие ниҳон нест. Интихобот бо роҳи худаш меравад ва кори мо ҳам бо роҳи худаш» [147].

Ба хотири риояи меъёри «тавозуни назарҳо» хабарнигори радиои «Озодӣ» пас аз итмоми ин мусоҳиба назарҳои дигарро низ вобаста ба ин мавзуъ зикр мекунад: Аммо радди дархости расмии Би-Би-Си аз сӯйи мақомоти масъули Тоҷикистон нигарониҳоеро ҳам дар маҳофили хабарии

чи дохил ва чи хориҷ аз кишвар барангехтааст. Кумитаи омрикоии дифоъ аз хабарнигорон (CPJ) билофосила аз ин тасмими Душанбе ибрози нигаронӣ кард.

НАНСМИТ, Анҷумани миллии расонаҳои мустақили Тоҷикистон низ дар мавриди қазияи Би-Би-Си баёнияе пахш кард ва радди дархости ин радиоро аз сӯйи мақомоти Душанбе як баҳонаҷӯӣ хонд. Нуриддин Қаршибоев, раиси ин созмони дифоъ аз ҳуқуқи хабарнигорон ба «Озодӣ» гуфт, фикр намекунад, ки ҳич расонае то поёни интихоботи раёсати ҷумҳурӣ битавонад муҷаввизи пахшу нашр дарёфт кунад. Раҷаби Мирзо, сардабири «Рӯзи нав» – нашрияе, ки моҳи ноябри соли 2004 аз чоп бозмонд, – мегӯяд, ҷанҷол бар сари мавҷи FM-и радиои Би-Би-Си, ки аз аввали сол идома дорад, ангезаҳои ошкори сиёсӣ дошта ва пеш аз ҳама, ба интихоботи раёсати ҷумҳурии моҳи ноябр марбут мешавад. Ба эътиқоди Раҷаби Мирзо, мақомоти Душанбе саҳнаи матбуоти чопиро аз ҳузури расонаҳои саркаш поксозӣ карда ва акнун даст ба берун кашидани расонаҳои хориҷӣ аз ин саҳна задаанд, ки бо баста шудани расонаҳои мустақилли маҳаллӣ дубора ба танҳо манобеи ахбори дақиқ ва мустақил табдил ёфтаанд [147].

Аммо аз нигоҳи мо, ин тавозун риоя нагардида, ба ҷанбаи манфии масъала таваҷҷуҳ бештар зоҳир шудааст. Яъне, оҳанги сиёсӣ бахшидан ба масъала бештар ба назар мерасад ва дар ин бобат ҳам, назарҳо бештар оварда шудаанд.

Бо ин ҳам қаноат накарда, дар гузориши дигар пас аз гузашти панҷ рӯз изҳороти як созмони байналмилалиро дар ин мавзуъ интишор дод, ки он ҳам идомаи вусъат додани ангезаи сиёсии масъалаи мазкур ба шумор меравад:

Созмони Гузоришгарони Бидуни Марз (ГБМ) рӯзи сешанбе (8 август) тасмими давлати Тоҷикистон мабнӣ бар адами судури муҷаввиз барои пахши барномаҳои родюи Би Би Сиро рӯи бонди FM(FM) дар Тоҷикистон маҳкум кард. Ба гуфтаи ин созмон, ин иқдоми давлати Тоҷикистон «як

талоши нигаронкунандаи дигари режим ҷиҳати ҷилавгирӣ аз дастрасии мардум ба расонаҳои хориҷӣ ва манобеи мустақили хабарист».

Кумитаи (дар асл Комисия – А.М.М.) давлатии судури муҷаввизи пахши барномаҳо дар Тоҷикистон рӯзи 2 август дархости Би Би Си мабнӣ бар азсаргирии пахши барномаҳои Бунгоҳи Суханпароканӣи Бритониё рӯйи амвоҷи FM-ро рад кард. Абдурраҳмон Абдуманнонов, раиси ин кумита (комиссия) гуфт, ки миёни ду кишвари Тоҷикистон ва Бритониё тавофуқномаи марбутае вуҷуд надорад, то битавон бар мабнои он ба Би БИ Си муҷаввиз дод.

Винсент Броссел, сухангӯйи созмони Гузоришгарони Бидуни Марз дар гуфтугӯ бо бахши тоҷикии Озодӣ гуфт, ки ба назари вай, давлати Тоҷикистон намехоҳад дар кишвар расонаҳои зиёд вуҷуд дошта бошад ва аз ин рӯ дар ҳоли маҳдуд кардани доманаи фаъолияти онҳост. Вай афзуд: «Аз ду соли пеш то кунун мо шоҳиди чандин мавриди бастани рӯзномаҳо, шабакаҳои родюӣ ва телевизиюнӣ будаем». Ба гуфтаи оқои Броссел, нахустин паёмади ин тасмими давлат маҳрумияти милюнҳо нафар дар Тоҷикистон аз як манбаи муътабари хабарист. Вай гуфт: «Мо аз ин мавзуъ бисёр мутаассифем ва аз ҳукумат мехоҳем, ки тасмими худро иваз кунад ва ба Би-Би-Си иҷоза бидиҳад, ки дар Тоҷикистон озодона фаъолият кунад». Винсент Броссел ҳамчунин ин эҳтимолро матраҳ кард, ки шояд ин тасмими давлати Тоҷикистон бо корзори интихоботи раёсати ҷумҳурӣ муртабит бошад [147].

Ҳамин тавр, як масъалаи маъмулии кории яке аз расонаҳои байналмилалӣ, ки дар фазои иттилоотии кишварҳои Осиёи Марказӣ низ нуфузи зиёд дошт, то ба ин ҳад мавриди баррасӣ қарор гирифта, ҳатто дар гузориши солонаи созмони байналмилалие, ки вазъи ҳуқуқи башарро дар кишварҳои олам муайян мекунад – Ҳюман Райтс Вотч ва ё Дидбони ҳуқуқи башар, қатъ гардидани пахши барномаҳои радиои BBC ҳамчун нишони бадтар гардидани вазъи ҳуқуқи башар дар Тоҷикистон унвон шудааст: Ба навиштаи Созмони Дидбони ҳуқуқи башар, 10 январи соли 2006 ҳукумати Тоҷикистон пахши барномаҳои родиёи Би-Би-Сиро дар мавҷи FM қатъ

кард ва аз ин ширкат хост, ки дар вазорати адлия сабти ном шавад. Масъулони вазорат ангезаи сиёсӣ доштани қатъи пахши барномаҳои Би-Би-Сиро рад карданд. Моҳи июн мавзуи сабти номи ширкат ҳал шуд ва Би-Би-Си хостори идомаи пахши барномаҳо дар мавҷи FM гардид, аммо Кумитаи давлатии садову симо ин талабро рад кард, зеро ба гуфтаи масъулини Кумита, ҳукуматҳои Тоҷикистону Бритониё дар мавриди пахши барномаҳои садову симо созишнома имзо накардаанд [147].

Пештар аз ин, раиси даврии Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо низ зимни сафараш ба Тоҷикистон дар мулоқот бо вазири корҳои хориҷии кишвар ба ҳамин масъала дахолат карда будааст: Мо ба масоили марбут ба озодии сухан ва матбуот, аз ҷумла ба мавзуи қатъи барномаҳои родиюи Би Би Си рӯйи амвоҷи FM дар Тоҷикистон дахл намудем. Вазири хориҷаи Тоҷикистон гуфт, масъалаи пешомада танҳо як мушкили фаннист ва он дарояндаи наздик рафъ мегардад [143].

Мо бо он мақсад ба ин масъала бештар таваҷҷуҳ зоҳир намудем, ки ҳамин як намунаи барҷаста ва пештар аз он қазияи марбут ба муҷаввизи кормандони радиои Озодӣ, ки баррасӣ гардид, далели возеҳи муҳиммияти мавҷуд будани расонаҳои байналмилалии хориҷӣ дар фазои иттилоотии минтақа, бахусус, Тоҷикистон аз нигоҳи онҳоест, ки бо ҳар роҳу восита онро нигоҳ доштан мехоҳанд. Яъне, фаъолияти расонаҳои байналмилалӣ дар фазои иттилоотии як кишвари дигар ҳамчун як расонаи дохилии онҳо ҳам аз тақозоҳоест, ки аз ҷониби кишварҳои абарқудрат ва созмонҳои ҳуқуқи башар карда мешавад ва мамониати мақомоти кишварҳо чун бадтар шудани вазъи озодии баён ва ҳуқуқи башар ёд мегардад, ки ин нуктаҳо қобили мулоҳиза ҳастанд.

Чун дар фаслҳои пештар доир ба таърихи таъсису ташаккул ва фаъолияти расонаҳои байналмилалӣ, аз ҷумла, агентиҳои иттилоотӣ, ҳадаф ва вазоифи онҳо маълумот дода будем, дар ин фасл ҳам ба он таваҷҷуҳ намудем, ки дар фазои иттилоотии Тоҷикистон ба мавҷуд будану фаъолият намудани расонаҳои байналмилалӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ аз ҷониби

кишвару созмонҳои манфиатдор зоҳир мешавад. Намунаҳои баррасишуда ба ин гувоҳанд.

Ба назари мо, агар аз нигоҳи аввал, як масъаларо чандин маротиба мавзуи гузориш қарор додани радиои «Озодӣ» чун нишони ҳамраъйии касбӣ ва рақобати солими эҷодӣ намудор гардад, вале каме амиқтар андеша намудан ҳақиқати манфиатхоҳии ин расонаи байналмилалиро ошкор менамояд, зеро тавре аз муҳтавои гузоришҳо бармеояд, ин расона бо чунин шеваи инъикос дар фикри худ аст, ки аз чунин иқдомоти мақомот бояд бо ҳар роҳу воситаи имконпазир пешгирӣ кард, то ба фаъолияти расонаҳои байналмилалӣ ва «нишонаҳои озодии баён» ҳеҷ дахолате сурат нагирад.

Маълум аст, ки ҳар як расона бояд дар такя ба сарчашмаи иттилоъ маълумот диҳад. Аз куҷо? Кӣ гуфт? Ба ин васила эътимоди аудитория ба расона ҳамчун як расонаи масъулиятшинос меафзояд. Аммо таҳқиқи мо нишон медиҳад, хабару гузоришҳои зиёди воситаҳои ахбори оммаи хориҷӣ, хосса радиои «Озодӣ» ба ин шарт ҷавоб намедиҳанд. Яъне хабарнигорони ин расонаҳо талош мекунанд, ки ба хостаи худ хабарро шарҳу эзоҳ диҳанд. Ҳол он ки хабарнигор ҳақ надорад мавқеи шахсии худро дар бораи ин ё он рӯйдод дар хабар ҷой диҳад. Барои шунавандаро ба фиреб кашидан, аксаран хабарҳои сарчашмаи аниқ надоштаро бо таври зайл сар мекунанд: «Ба иттилои як сарчашмаи муътамад, ки нахост номаш ошкор шавад,…», «Як коршинос бо шарти ифшо нашудани номаш…», «Тавре як манбаи муътамад хабар дод…», «Аз рӯйи овозаҳо…», «Як коршиноси ба доираҳои ҳукуматӣ наздик…», «Мувофиқи баъзе маълумотҳо…», «Бино ба ақидаи намояндагони созмонҳои байналхалқӣ…». Табиист, ки дуруст ё нодуруст будани ин гуна хабару гузоришҳоро муайян кардан душвор ё аслан номумкин аст.

Аз ин гуна шеваи рафтори хабарнигорон метавон хулоса кард, ки онҳо риояи меъёрҳои аслии журналистика, аз қабили беғаразӣ, тавозуни андешаҳо, эҳтироми аудитория, таносуби факту андеша ва монанди инро барои худ зарур намедонанд.

Бояд гуфт, ки радиои «Озодӣ» дар истифодаи технологияҳои нави иттилоотӣ ва пешниҳоди мавод дар қолаби журналистикаи чандрасонаӣ нисбат ба расонаҳои дигар пешдастӣ дорад. Барномаҳои радиову телевизионии ин расона тавассути Интернет пахш мешаванд, ки, аз як ҷиҳат, аз вазъи хуби молиявии ин расона дарак диҳад, аз паҳлуи дигар, барои ҳарчи бештар ҷалб кардани аудитория мусоидат мекунад.

Барои муқовимат ба таҳмили андешаву афкори ба манфиатҳои милливу ахлоқии ҷомеаи Тоҷикистон бегона зарур аст, ки воситаҳои ахбори оммаи миллӣ, хосса радиову телевизион ҳам аз нигоҳи молиявӣ бештар дастгирӣ ёфтаву таъмин шаванд ва ҳам доираҳои расмӣ дар додани иттилоъ ба расонаҳои ватанӣ бартарӣ диҳанд.

Таъсири фазои иттилоотии олам рӯз то рӯз авҷ гирифтаву пуршиддат мегардад. Ин таъсир ба муҳити иҷтимоӣ ва сиёсати стратегии давлат бо назардошти таблиғ ва ҳимояи манфиатҳои давлативу миллии ҳар кишвар тавассути ВАО таъсир мерасонад. Раванди бархӯрди манфиатҳои миллӣ ва гуфтугӯйи тамаддунҳо тавассути иттилоот кишварҳои ҷудогонаро водор мекунад, то барои рақобатпазирӣ дар низоми муносибатҳои ҷаҳонӣ тарз, усул ва роҳҳоеро дарёфту пешниҳод намоянд, ки бо он роҳҳо тавониста бошанд, ҷомеаи худро пуштибонӣ намоянд. Натиҷаи чунин ҷараёнгирии пахши иттилоот аз мамолики алоҳида «ҷанги иттилоотӣ»-ро ба вуҷуд меорад. Дар ин росто ҷонибҳо барои дастболо будан тариқи таблиғи иттилоот мехоҳанд, ба шууру тафаккури аудитория таъсир расонда, афкору аъмоли онҳоро ба аҳдофашон мувофиқ созанд. Яъне, муборизаи шадиди иттилоотӣ-психологӣ байни давлатҳо шуруъ шудаву дар оянда шиддат мегирад.

Ҳамин ҷиҳатро дар мисоли хуҷуми Америка ба чанд кишвари олам, аз ҷумла Ироқ ва Югославия низ мушоҳида кардан мумкин аст. «… моҳи январи соли 1994 Радиои «Аврупои озод» / Радиои «Озодӣ» ба пахши барномаҳо барои Югославия шуруъ кард. Пас аз чор сол бошад, нерӯҳои НАТО вориди ин мамлакат шуданд. Ё ин ки соли 1998 дар Радиои «Озодӣ» барои бурдани тарғиботи густурда ба Ироқ бахши «Ироқи озод» таъсис

ёфт. Соли 2003 ИМА ба Ироқ ҳуҷум карда, онро ғасб намуд». Яъне, ҳар мамлакате, ки дар ҳадаф қарор гирад, аввал дар он ҷо ҷанги психологиро оғоз мекунанд. Бо мақсади он ки психологияи онҳоро на танҳо ба ҳадафҳои худ ошно ва мутобиқ гардонанд, балки стратегияи ҷанги психологӣ тавре мураттаб ва матраҳ мешавад, ки мардуми зери нишон берун аз ихтиёр ба тори анкабути инҳисоркунандагон меафтанд. Куштани Муаммар Қаззофӣ, Президенти Либия аз дасти шаҳрвандони худаш далели «оҳанин»-ест, барои исботи ин гуфтаҳо.

Албатта, чунин тарзи ҳадафмандона паҳн кардани иттилоъ ба афкори омма бевосита таъсир мерасонад. Воқеан, назари профессор Иброҳим Усмонов дар бобати он ки «воситаҳои ахбори омма, қабл аз ҳама воситаҳои электронӣ имконияти таъсири бештарро ба мафкураи иҷтимоӣ доранд», дуруст аст. Тариқи маҳвора бемайлон паҳн гардидани мавҷҳои телевизион ва радио ба қутбҳо имконияти фарохи таблиғ ва ба ин минвол амалӣ шудани аҳдофро муҳайё кардааст.

Тарзи мазкури ҷараёни ташаккули фазои иттилоотӣ давлатҳои ақибмонда ва умуман, давлатҳоеро, ки абарқудратҳо баробари пахши иттилоъ ғарази иҷборан бор кардани принсипҳои сиёсии худро болои онҳо доранду метавонанд, дар муносибатҳои байналхалқӣ тавозунро бо онҳо риоя накунанд, водор мекунад, ки «дар бораи авзои ҷомеаи ҷаҳонӣ маълумоти зарурӣ ва саривақтӣ дошта бошанд».

Бунёди НБО-и Роғун дар гузоришҳои Би-Би-Си нисбатан ба таври объективона инъикос гардидааст. Масалан, ҳини бозтоби мавзуъҳои вобаста ба НБО-и Роғун ҳам нуқтаи назари ҷониби мухолиф, ҳам назари ҷониби манфиатдор ва ҳам дидгоҳи коршиносони мустақилро дар бозтоби ин масъала ҷой додааст. Дар ҷараёни омӯхтани ин мавзуъ маълум гардид, ки Би- Би-Си, аслан, фактро аз нигоҳи худ не, балки аз диди коршиносон ва тарафҳои муқобилу ҷонибдор шарҳ додааст. Талабот барои инъикосу баррасии мавод дар Би-Би-Си беғаразӣ, дақиқбаёнӣ, бетарафӣ, гуногунандешӣ ва риояи тавозун мебошад.

Масалан, матлабе, ки ба унвони «Интиқоди давлати Тоҷикистон аз «маълумоти таҳрифомез» дар бораи Роғун», ки 26-уми октябри соли 2011 дар торнамои Би-Би-Си интишор шудааст, аз чанд ҷиҳат баррасӣ ёфтааст:

Нахуст дар сароғози матлуб мухтасари изҳороти давлати Тоҷикистонро бо истинод аз «Ховар» – хабаргузории миллии иттилоотии Тоҷикистон овардааст ва баъдан дар канори ин гуфтаҳо чанд иқтибосе аз матолиби дар сомонаи «Узмертон»-и Ўзбекистон мунташиршударо, ки мавқеи Ўзбекистонро нисбат ба бунёди НБО-и Роғун муайян мекунад, ҷой додааст. Ҳамин тариқ, дар матлаби мазкур дидгоҳи инфиродии муаллиф ба назар намерасад. Ҳамон тавре ки ҷонибҳо андешаҳояшонро иброз кардаанд, мавзуъ ҳамон гуна таҷассум ёфтааст, вале, ба гуфти муҳаққиқ Ҷовид Муқим, ин принсип дар радиои Би-Би-Си на ҳамеша риоя мегардад.

Дар баробари ин, Би-Би-Си баъзе паҳлуҳои ин масъаларо инъикос кардааст, ки дар онҳо то ҳадде хусусияти ҳангомабарангез низ ба чашм мерасанд. Масалан, «Ҳушдор дар мавриди таҳдиди тарҳи «Роғун», «Ҷанги иқтисодии Ўзбекистон бо Тоҷикистон идома дорад» ва ғайра аз ин қабил мавзуъҳоянд.

Аз эҳтимол дур нест, ки нашри ин гуна матолиб тавассути радиои Би-Би-Си андешаҳои мухталифро дар фазои иттилоотӣ ба бор оранд ва боиси мавқеъгирии шадид миёни Тоҷикистону Ўзбекистон гарданд, зеро бархе аз расонаҳои иттилоотии хориҷӣ дар бавуҷудории ихтилофот ва тағйир додани мафкураи умум низ нақши муассир доранд. Ба ин далел баъзе давлатҳо, аз ҷумла Эрон ва Ўзбекистон, фаъолияти радиоҳои Би-Би-Си ва «Озодӣ»-ро дар қаламрави кишварашон манъ карданд, зеро маълум аст, ки ин расонаҳо дар баробари фаъолияти иттилоърасонӣ ҳадафҳои муайяни кишварҳои ғарбиро низ амалӣ мекунанд. Ҷумҳурии Исломии Эрон имрўз он хабарнигорони эроние, ки қаблан дар радиои Би-Би-Си кор мекарданд, ба маҳкама кашида истодааст. Дар Ўзбекистон низ баъд аз ҳодисаҳои Намангон (2005) фаъолияти ин расона қатъ карда шуд ва иддае аз хабарнигоронашро ба додгоҳ кашиданд.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи баррасии бунёди НБО-и Роғун дар гузоришҳои Би-Би-Си ва мавқеи он дар инъикоси ин масъала ба чунин натиҷа расидем:

1. Бунёди НБО-и Роғун дар Радиои Би-Би-Си агарчи зоҳиран объективона ба назар мерасад, вале умқан мувофиқ бо диду назари ин расона ва аҳдофи ҳукумати он баррасӣ гаштааст. Метавон гуфт, ки Би-Би-Си ё дигар расонаҳои хориҷӣ ҳаргиз манофеи миллии Тоҷикистонро дифоъ намекунанд.

Аз равиши инъикоси матолиби ин расона пай бурдан мумкин аст, ки радиои Би-Би-Си ҳам чун дигар воситаҳои ахбори оммаи хориҷӣ бо назардошти ҳадафу манфиатҳои кишвари худ масъалаи мазкурро матраҳ кардааст. Яъне, ин расона бештар хабарҳои марбут ба бунёди неругоҳи Роғунро бо забони ӯзбекӣ манзури аудиторияи Ӯзбекистон ва тасмимгириҳои баръакси мақомоти Ӯзбекистонро ба таври худ бо забони тоҷикӣ манзури мухотабони тоҷикистониаш кардааст, ки инро метавон ҳамчун нақши миёнарав дар шиддатёбии манфии ин масъала таъбир намуд.

Хулосаи инфиродии муаллиф дар ин бахш ин аст, ки радиои Би-Би-Си, эҳтимол, бо баҳонаи пахши иттилоот барои тезонидани ихтилоф миёни Тоҷикистону Ӯзбекистон ҷиҳати бунёди ин иншооти азим ҳамчун қувваи сеюм низ нақш бозад, зеро ба андешаи бисёре аз муҳаққиқин расонаҳои ғарбӣ бештар дар бавуҷудории зиддият ва моҷаро миёни кишварҳо манфиатдоранд, чунки ба ин васила мехоҳанд, бо истифода аз абарқудратии худ дар арсаи ҷаҳон нуфузи бештаре пайдо кунанд.

2. Бозтоби масъалаи бунёди НБО-и Роғун назар ба ВАО-и ватанӣ дар Радиои Би-Би-Си ба таври густардатар сурат гирифтааст. Яъне, Би-Би-Си ин мавзуъро тақрибан дар тамоми бахшҳои бурунмарзиаш бо забонҳои мухталиф инъикос кардааст.

3. Дар сомонаи радиои Би-Би-Си баъзан масъалаи бунёди НБО-и Роғун бо сарлавҳаҳои ҳангомабарагез низ инъикос гардидааст. Масалан, матолибе ба унвони «Ҳушдор дар мавриди таҳдиди тарҳи «Роғун», «Ҷанги

иқтисодии Ӯзбекистон бо Тоҷикистон идома дорад»; Ӯзбекистон вогунаҳои «Роғун»-ро сар намедиҳад»; «Парвандаи ҷиноӣ барои мухолифат бо «Роғун» ва ғайра.

Дар ин мавзуъҳо бештар паҳлуҳои ҳангомаангези ин масъала бозтоб ёфтаанд. Дар ин бора Ҷовид Муқим ҳам дар китоби худ «Радиои Би-Би-Си: дирӯз ва имрӯз» гуфтааст, ки ҳангомаҷӯӣ яке аз равишҳои кори мухбирони радиоҳои «Озодӣ» ва Би-Би-Си мебошад. Ба андешаи ин муҳаққиқ, барои дарёфти мавзуи ҳангома мухбирони ин радиоҳо баъзан ба амалҳои ғайриқонунӣ низ даст мезананд.

Дар ҳамин ҳол, тибқи дастур, аз кормандони Би-Би-Си «беғаразӣ, дақиқбаёнӣ, поквиҷдонӣ, пешниҳоди нигоҳи комилу воқеӣ, мустақилият, эҳтироми ҳаёти шахсӣ, одоби муоширағ, кӯшиши раҳоӣ ёфтан аз тақлиди рафтори ҷиноӣ ва зидди ҷомеа, ҳифзи некуаҳволии кӯдакон, поквиҷдонӣ нисбат ба мусоҳибон ва мустақилият аз манфиатҳои тиҷоратӣ тақозо карда мешавад».

Мо дар ин боби кор ба моҳияту аҳаммияти мавҷудияти расонаҳои байналмилалӣ ва фаъолияти онҳо дар фазои иттилоотии Тоҷикистон таваҷҷуҳ зоҳир кардем. Ба назари яке аз муҳаққиқони рӯзноманигории тоҷик С. Гулов, «дар баробари ВАО-и ватанӣ фаъолияти намояндагиҳои чандин расонаҳои хориҷӣ (аз ҷумла «Озодӣ», ВВС, «Мавҷи Олмон» ва ғайра) дар Тоҷикистон нишонаи арҷгузории Давлату Ҳукумати мо ба арзишҳои умумибашарии озодии баён ва дастрасӣ ба иттилоот мебошад. Ҳамчунин, ин амал бозгӯйи узви фаъоли ҷомеаи ҷаҳонӣ ва дар роҳи эъмори ҷомеаи демократӣ устувор будани кишвари моро нишон медиҳад» [138].

Далел бар ин андеша он аст, ки имрӯз ҳама расонаҳои байналмилалие, ки дар фазои иттилоотии минтақа ҳастанд, дар Тоҷикистон низ дафтару намояндагиҳои худро доштанду доранд. Радиои Озодӣ, ки дафтари алоҳидаи корӣ ва чандин хабарнигор дорад, далели возеҳ аст. Ҳамчунин, ВВС, «Мавҷи Олмон», агентиҳои иттилоотии байналмилалӣ, чандин расонаҳои байналмилалии русӣ, ширкати

телевизионии байналмилалии «Мир» дар фазои иттилоотии Тоҷикистон ҳузури фаъол доранд, ки мутобиқ ба муқаррарот ва бо риояи талаботи қонунгузории мамлакат амал карда истодаанд. Яъне, барои ин имкон ва шароит фароҳам аст, ҳарчанд аз амалкардҳои гуногуни расонаҳо мақомот ба хубӣ огоҳанд.

Дар фасли дуввуми ин боб мо бевосита фаъолияти расонаҳои байналмилалиро дар фазои иттилоотии Тоҷикистон ва таваҷҷуҳи бештари онҳо ба рӯйдодҳои ин кишвари минтақаи Осиёи Марказӣ таҳлил кардем. Ба масъалаи фазои иттилоотии Тоҷикистон, нақши воситаҳои ахбори оммаи хориҷӣ дар он, вазъи мавҷудияту фаъолияти онҳо таваҷҷуҳ намуда, дар робита ба ин дар бораи ҳадаф ва вазифаҳои расонаҳои байналмилалӣ дар минтақаҳои алоҳида, нақши онҳо дар фазои иттилоотии кишварҳои мушаххас изҳори назар шудааст. Маълум мегардад, ки ҳар як расона бо ҳадафи мушаххасе таъсис дода мешавад ва вобаста ба шакли таъсис мазмуну муҳтавои хоси худро пайдо мекунад. Аз ҷумла, расонаҳои байналмилалӣ низ бо назардошти ҳамин гуна омилҳо таъсис ёфтаву амал мекунанд.

Баррасиҳои мо гувоҳи он аст, ки на он ҳама маълумоте, ки расонаҳои байналмилалӣ доир ба моҳияти фаъолияти худ ва шакли идориву маъмурии худ маълум менамоянд, дурусту воқеӣ аст. Инро мо дар мисоли яке аз расонаҳои байналмилалии дар миқёси кишварҳои Осиёи Марказӣ нуфуздошта – радиои «Озодӣ», бештар мушоҳида мекунем, ки чунин хусусиятро ба дигар расонаҳои байналмилалӣ низ нисбат додан мумкин аст.

Ҳамин тавр, маълум мегардад, ки расонаҳои байналмилалӣ дар фазои иттилоотии кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ нақши муассир доранд ва аз онҳо ба таври фаровон истифода мешавад. Ҳамчунин, баррасиҳо далели онанд, ки ин минтақа чун аз нигоҳи сиёсӣ ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи кишварҳои абарқудрат қарор дорад, бо ҳамин назардошт, расонаҳои байналмилалӣ низ ба рӯйдодҳои он ҳамеша мутаваҷҷеҳ ҳастанд ва онҳоро бо ҷузъиёт инъикос менамоянд.

# БОБИ III
# ВАЗИФА ВА ҲАДАФҲОИ БАРНОМАҲОИ ШИРКАТИ РАДИО ВА ТЕЛЕВИЗИОНИ «МАВҶИ ОЛМОН»

## 3.1. Ҳадаф ва вазифаҳои барномасозӣ дар ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон»

Фаъолияти расонаи як кишвар дар кишвари дигар дар асоси созишномаҳои дутарафа бо риояи талаботи меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон ва журналистика сурат мегирад. Ҳамин аст, ки баъди соҳибистиқлол гардидан дар Тоҷикистон расонаҳои чанд кишвар, бо шумули Федератсияи Русия, ИМА, Британияи Кабир, Эрон ва ғайра ба фаъолияти расмӣ оғоз карданд. Ин, аз як тараф, як ҷузъи ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардидани Чумҳурии Тоҷикистон бошад, аз тарафи дигар, эҳтироми Тоҷикистон ба озодии сухан ва додани имконият ба ҷомеа дар гирифтани иттилоъ аз сарчашмаҳои гуногун мебошад.

Профессор Иброҳим Усмон дар китоби худ «Таҳкими сулҳ ва таҳаввулоти Тоҷикистон» чунин менависад: «Яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи замони ҳозира ин аст, ки журналист бояд ба мавзуъҳои беруна таваҷҷуҳ кунад. Дар замони Шуравӣ матбуоти тоҷик, журналистикаи тоҷик мавзуъҳои берунаро, асосан, дар иртико ба хабарнигоронҳои марказии шуравӣ, ба мисли ТАСС, АПН ва дигарҳо менавишт, яъне журналистикаи тоҷик моли худашро надошт. Имрӯз бошад, барои журналистони тоҷик навиштани материали худ ҳам дар мавзуи хориҷӣ на фақат имкон дорад, балки аз заруриятҳои касбӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамчунин, тақиқи ин соҳа аз ҷониби олимони ҷавон ҳам, яъне соҳаи донистани хориҷи кишвар, муҳити хориҷи кишвар аз вазифаҳои муҳим аст» [103, с. 625].

Дар шароити муосир расонаҳои байналмилалӣ дар фазои иттилоотии ҷаҳон нақши муассир дошта, торафт мавқеи худро дар ин самт таҳким мебахшанд. Аз ҷумлаи чунин васоити ахбори байналмилалӣ ширкати

радиову телевизиони «Мавҷи Олмон» (Deutsche welle) мебошад. «Мавҷи Олмон» (Deutsche welle) яке аз 3 шабакаи иттилоотии Аврупо ба ҳисоб меравад. «Соли 1929 дар Вустерхаузен, наздикии Берлин радиои «Мавҷи Олмон» фаъолияти худро оғоз кард, ки вазифааш омодасозии барномаҳо барои немисҳои хориҷ аз Олмон зиндагидошта буд» [76, с. 408].

Тавре зикраш рафт, таърихи таъсиси «Мавҷи Олмон» ба охири солҳои 20-уми асри 20 мерасад.

То соли 2018 «Мавҷи Олмон» 1500 корманд ва 1500 фрилансар (ҳамкорони ғайриштатӣ) дошт. Дар 60 кишвари ҷаҳон намояндагӣ дорад. Дар шаҳрҳои Бонн ва Берлин маркази асосӣ ва студияҳои телевизион қарор доранд. Ба «Мавҷи Олмон» 157 миллион нафар ба воситаи радио, интернет ва телевизион дастрасӣ доранд. Тавассути сомонаи иттилоотӣ www.dw.com бо 30 забон, аз ҷумла англисӣ, испанӣ, португалӣ, французӣ, олмонӣ, юнонӣ, албанӣ, булғорӣ, босниягӣ, сербӣ, македонӣ, хорватӣ, полякӣ, руминӣ, русӣ, украинӣ, чинӣ, арабӣ, ҳиндӣ, индонезиягӣ, банғолӣ, дарӣ, пашту, урду, туркӣ, форсӣ ва ғайра иттилоот пахш карда мешавад.

«Мавҷи Олмон» дар 4 кишвари хориҷӣ бунгоҳ (бюро) дорад. Ин бунгоҳҳо бо таҷҳизоти телевизонӣ ва студиявӣ таъмин буда, дар шаҳрҳои Брюссел (Белгия), Москва (Федератсияи Русия), Вашингтон (ИМА), Буэнос-Айрес (Аргентина) қарор доранд. Яъне ин бунгоҳҳо бо назардошти фарогирии минтақаҳои гуногуни олам таъсис дода шудаанд [167].

Дар ҷаҳони имрӯза ВАО-и байналмилалӣ аз чанд паҳлу таҳаввул дидаанд. Дар баробари буҳрони иқтисодии ҷаҳонӣ, ширкатҳои BBC (Би-Би-Си) ва «Мавҷи Олмон» низ, ки аз таъсирноктарин расонаҳои ҷаҳон ба ҳисоб мераванд, буҳрони молиявӣ доранд.

Бо таъсири ин буҳрон дар соли 2011 масъулини «Мавҷи Олмон» дар фаъолияти худ ислоҳот ворид сохта, тағйироти назаррас карданд. Дар натиҷаи ислоҳот пахши мавҷҳои кӯтоҳи радио аз 260 соати ҳаррӯза то ба 55 соати ҳаррӯза кам гардид. Дар баробари ин, барномаҳои «Мавҷи Олмон» бо забонҳои англисӣ, испанӣ, арабӣ ва олмонӣ зиёд шуданд. Барои

дохили кишвар дар сомонаи интернетӣ ахбор ва барномаҳои мустақим вобаста ба манотиқи Олмон интихобан равон карда мешавад.

Лоиҳаҳои асосии ширкати «Мавҷи Олмон» низ дар асоси нақша роҳандозӣ мегарданд. «Мавҷи Олмон» дар 3 лоиҳаи асосӣ барномаҳои радиову телевизионро омода сохта, гирди ин аҳдоф амалӣ мегардонад:

1. Тарғиби сиёсати Олмон.

2. Тарғиби муколамаи ҳамдигарӣ барои табодули афкор дар байни фарҳангҳои гуногун.

3. Тарғиби забони олмонӣ [167].

Тавре маълум аст, расонаҳо ҳамеша талош мекунанд, ки хостаҳои аудиторияро дар фаъолияти хеш амалӣ созанд. Ба ин хотир аудиторияи расонаҳои байналмилалӣ ба таври мунтазам мавриди пажуҳиш қарор мегирад. Натиҷаҳои яке аз райъпурсиҳои афкори омма аз 3 ВАО-и аврупоӣ [37], ки дар як ҳафта аз тарафи бинандагон пазируфта мешаванд, чунин аст [Ҷадвали №1]:

Ҷадвали №1

| ***Мавҷи Олмон*** | ***BBC*** | ***АЕФ*** |
|---|---|---|
| 337 миллион | 418 миллион | 90 миллион |

[Сарчашма: натиҷаи таҳқиқи довталаби дараҷаи илмӣ].

Дар ҷараёни таҳқиқ ба мо маълум шуд [Ҷадвали №2], ки «Мавҷи Олмон», BBC (British Broadcasting Corporation) ва АЕФ (France Medias Monde) асосан ба забонҳои хориҷии зерин пахш мегарданд:

Ҷадвали №2

*Забонҳои хориҷӣ*

| ***Мавҷи Олмон*** | ***BBC*** | ***АЕФ*** |
|---|---|---|
| Англисӣ | Англисӣ | Франсузӣ |
| Испанӣ | Арабӣ | Англисӣ |
| Олмонӣ | Форсӣ | Арабӣ |
| Арабӣ | | |

[Сарчашма: натиҷаи таҳқиқи довталаби дараҷаи илмӣ].

Аудиторияи «Мавҷи Олмон», агарчи нисбат ба BBC (British Broadcasting Corporation) маҳдуд аст, барномаҳои худро ба забонҳои зиёд пахш мекунад. «Мавҷи Олмон» бо 30 забон, BBC бо 28 забон ва АЕФ (France Medias Monde) бо 13 забон барномаҳои худро пешниҳод мегардонад. «Мавҷи Олмон» ба воситаи телевизион, радио ва интернет барномаҳояшро пахш мекунад ва барои кишварҳои рушдкунанда академияи таълимӣ дорад. Дар ин академия рӯзноманигорон маҳорат ва касбиятро меомӯзанд. Ҳамчунин дар ин академия як гуруҳ мутахассисони олмонӣ нақшаву барномаҳои стратегии ширкати «Мавҷи Олмон» ба назардошти таҷриба ва таҳлили фаъолияти пешина баррасию пешниҳод мешаванд. Академия натиҷанокӣ, маҳорати касбӣ ва зарфияти зеҳнии ҳар як корманди эҷодиро низ мавриди таҳлил қарор медиҳад.

Аслан, ҳадафи Академияи «Мавҷи Олмон» таълими босифати журналистон тавассути ташкили курсу семинарҳои омӯзишӣ, омӯзонидани анъанаву арзишҳои фарҳангии миллатҳои гуногун ва мусоидат ба мутобиқшавии журналистон дар муҳити корӣ дар кишварҳои фаъолияткунанда, таъмини дастрасии расонаҳо ба иттилои дурусту воқеӣ, тарзи ҷобаҷогузории кадрҳо тавассути риояи талаботҳои гендерӣ, инчунин афзалият додан барои рушди касбии ҷавонону бонувон, фаъолияти илмию таҳқиқӣ ва омӯзиши бозори иттилоот тавассути мониторингу назарпурсиҳо, мусоидат ба рушди шаклҳои нави фаъолияти воситаҳои ахбори омма ва ғайра мебошад. Дар таърихи фаъолияти худ Академияи «Мавҷи Олмон» беш аз 18 ҳазор мутахассисонро барои фаъолият дар расонаҳои давлатҳои Аврупои Шарқӣ ва кишварҳои рӯ ба рушд омодаву аз курсҳои таълимию такмили ихтисос гузаронидааст.

Дар доираи яке аз лоиҳаҳои Академияи «Мавҷи Олмон» барномаи «Муттаҳидшавии журналистон дар марзи Тоҷикистону Қирғизистон» амалӣ гардид. Тибқи ин барнома журналистони ду кишвар роҷеъ ба мушкилоти ҷойдоштаи марзӣ табодули андеша карданд. Журналистон ба мусолиҳа расиданд, ки дар матлабҳои худ барои оромию субот ва ҳалли мусолиматомези баҳсҳои марзӣ мусоидат менамоянд. Аз натиҷаҳои

Лоиҳаи мазкур «Роҳнамо барои журналистон ва муҳаррирони ВАО оид ба масъалаҳои марзӣ» таҳия карда шуд. Дар ин раҳнамо маводди Лоиҳа, аз ҷумла таҳқиқоту мониториг, мубоҳисаҳо, тренингҳо, вохӯриҳо истифода гардиданд.

Ҳамчунин, бо пешниҳоди ин академия ширкати «Мавҷи Олмон» аудиторияи худро тавсеа бахшида, робита бо корбаронро афзоиш медиҳад.

Буҷети солонаи «Мавҷи Олмон» сол то сол бо сабабҳои буҳрони иқтисодии ҷаҳонӣ кам мешавад. Масалан, соли 2012 буҷеташ 273 миллион евро буд, ки нисбат ба соли 2011 хеле кам аст.

«Мавҷи Олмон» дар Аврупои шарқӣ нисбат ба шабакаи ВВС хеле фаъол аст. Хизматрасонии «Мавҷи Олмон» дар кишварҳои Аврупои шарқӣ ба забонҳои албанӣ, босниягӣ, булғорӣ, хорватӣ, македонӣ, полякӣ, руминӣ, русӣ, сербӣ ва украинӣ сурат мегирад.

Ин, аз як тараф, ҷиддияти робитаҳои Олмон бо кишварҳои Аврупои шарқиро нишон диҳад, аз тарафи дигар, бозгӯйи он аст, ки Олмон таърихан бо ин кишварҳо муносибатҳои сиёсиву фарҳангӣ дорад.

Яке аз махсусиятҳои «Мавҷи Олмон» дар он аст, ки пахши барномаҳои «Мавҷи Олмон» дар кишварҳои исломӣ зиёд гардидааст. Масалан барномаҳои «Мавҷи Олмон» бо забонҳои дарӣ, пашту, форсӣ, туркӣ, урду ва ғайра мавриди қабули аудиторияи васеъ мебошанд.

Яке аз хусусиятҳои фарққунандаи ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон» дар шароити пуртазоду ноороми ҷаҳони муосир он аст, ки ба амнияти кормандонаш дар тамоми олам таваҷҷуҳи махсус дорад. Яъне ҳамчун корфармо талош мекунад, ки дар минтақаҳои хатарнок амнияти кормандонаш таъмин бошад. Агар хурдтарин хатаре ба ҷони кормандон таҳдид намояд, «Мавҷи Олмон» аз инъикос ва баррасии мавзуъ ё рӯйдод даст мекашад. Аз ин хотир, кормандони ширкати «Мавҷи Олмон» ба минтақаҳои даргир қариб намераванд ё раванд ҳам бо риояи талаботҳои бехатарӣ гузориш омода месозанд.

Стратегияиояндаи «Мавҷи Олмон» низ бо назардошти талаботи ҷаҳони муосир тарҳрезӣ шудааст. Мисли ВВС «Мавҷи Олмон» тағйироти

хизматрасониро дар сатҳи олӣ баррасӣ кардааст. «Мавҷи Олмон» барои нуфузи оянда стратегияи дуқабатаро таҳия кардааст:

1. Таркиби глобалӣ.

2. Равиши минтақавӣ.

Мақсади ин тағйирот тарғиби имиҷи мусбати Олмон мебошад, ки аз интихоби забонҳои байналмилалӣ маълум аст. Ин забонҳо олмонӣ, англисӣ, испанӣ ва арабӣ мебошанд. Аз соли 1992 «Мавҷи Олмон» хизматрасонии телевизиониро бо забонҳои англисӣ, олмонӣ, испанӣ оғоз кард.

Баъд аз фоҷиаи 9-уми сентябри соли 2001 дар ИМА дар соли 2002 барномаҳо бо забони арабӣ илова гардиданд. Солҳои 2000-ум хизматрасонии «Мавҷи Олмон» чунин буд, ки барномаҳои забонҳои хориҷӣ танҳо аз як чанд соат иборат буд, аммо тибқи стратегияи нав барномаҳо дар ҳар чор шабака бо забони худашон пахш карда мешаванд.

Ҳадафи ин бо шабакаҳои ҷаҳоние, мисли BBC ва CHH нишон додани рақобат мебошад. Мақсади шабакаи арабӣ тавассути барномаҳои махсус таваҷҷуҳи қавмҳои кишварҳои арабиро ҷалб кардан аст. Маводди ин барномаҳо иборат аз табодули афкор, омезиши фарҳангҳои гуногун дар Олмон ва кишварҳои шарқии Аврупо мебошад. Дар ин барномаҳо озодии баён ва озодии дин дар кишварҳои демократӣ изҳор кардаву таблиғ мешавад ва тавассути ин гуна мавзуъҳо кишварҳои арабизабонро ба сохти давлатдории ҷумҳуриявӣ тарғиб мекунанд [167].

Ҳадафи тағйирот дар сатҳи минтақавӣ он аст, ки Олмон дар Иттиҳоди Аврупо аз нуқтаи нигоҳи иқтисодӣ ва сиёсӣ бузургтарин кишвар буда, бо аъзои Иттиҳоди Аврупо ва кишварҳои собиқ шуравӣ ҳамкори наздик мебошанд. Барои ин кишварҳо, ки дар минтақаҳои наздики Олмон ҷойгир ҳастанд, барномаҳоеро омода месозанд, ки тариқи ВАО-и ин гуна кишварҳо бо забони худашон пахш карда мешаванд. Бо истифода аз ин усулҳо муносибатҳои дуҷонибаро наздик месозанд.

«Мавҷи Олмон» соли 2012 дар лоиҳаи барномаҳои худ тағйироти зиёд ворид кард. Акнун «Мавҷи Олмон» чунин барномаҳоеро омода

месозад, ки таваҷҷуҳи аудиторияро дар кишварҳои хориҷӣ ҷалб карда, ба он таъсир расонанд. Ҳадафи интихоби забонҳои хориҷӣ дар барномаҳои «Мавҷи Олмон» ин густариши тарғибот дар кишварҳои осиёӣ ва арабӣ мебошад, зеро «Мавҷи Олмон» дар фазои иттилоотии Аврупо бо BBC ва АЕФ дар рақобати сахт қарор дорад.

Аммо бояд гуфт, ки дар барномаҳои «Мавҷи Олмон» риояи усулҳо ва этикаи касбии рӯзноманигорон нисбат ба дигар ВАО-и ҷаҳонӣ бартарӣ доранд. Яъне, дар барномаҳои «Мавҷи Олмон» ба касбият ва арзишҳои журналистӣ эҳтиром гузошта мешавад. Ин ҳама нишонаи он аст, ки расонаҳои байналмилалӣ дар муборизаҳои иттилоотӣ дар баробари иҷрои вазифаҳои аслии худ талош мекунанд, ки фаъолияти худашонро саривақт ба талаботи замон мувофиқ созанд.

Масъалаи дигар ин аст, ки таъсир ба афкор тавассути радиову телевизион ҳамеша тавассути барномаҳо сурат мегирад. Танҳо он барномаҳое таъсиргузор мешаванд, ки, мувофиқи завқи аудитория дар сатҳи баланди касбӣ бо назардошти талаботи аудитория омода гарданд.

Ба таври дигар, маҳз барномаи ҷолиб ҳам писанди аудитория мегардад ва ҳам таъсиргузор мегардад. Ин таъкид ба ҳама шаклҳои барномаҳо ва ҳама жанрҳои воситаҳои электронии ахбори омма тааллуқ дорад. Профессор М.А. Муқимов чунин андеша дорад: «ВАО новобаста ба муҳтаво, шакл, намуд ва аудиторияи худ бунёдан ниҳоди сиёсӣ маҳсуб мешавад, зеро вай хусусияти таъсиррасонӣ ба тафаккури ҷомеа дорад» [61, с. 251]. Аммо, пеш аз ҳама, вазифаи асосии журналистика ба аудитория додани иттилоъ дар бораи вазъияти рӯз аст ва табдил ёфтани инъикосу пешниҳоди навигариву рӯйдодҳои тоза тавассути жанрҳои хабарӣ ба фаъолияти ҳарлаҳзаинаву ҳамарӯзаи кормандони расонаҳо бархоста, аз ҳамин рисолати журналистика мебошад.

Дар ин замина агарчи фикру мулоҳизоти муҳаққиқон гуногун бошад ҳам, дар умум, ҳама муҳаққиқон ин рисолати асосии журналистикаро эътироф мекунанд.

Муҳаққиқони тоҷик А. Саъдуллоев ва М. Шоев навигариро маънидод карда, таъкид месозанд, ки «... ҳар чизи наве, ки дар маҳал ё дар миқёси бузург шуҳрат пайдо мекунад, медонанд ва таъкид мекунанд, ки комёбию нокомиҳои ташкилотҳои давлатӣ, сиёсӣ, корчаллонӣ, бозаргонӣ, ҷамъиятӣ ва намояндагони онҳо бо ном нюсмейкерҳоро ба вуҷуд меоранд, намоиши симои шахсиятҳои бузург ҳангоми амале, кашфиёте дар ин ё он соҳа метавонанд ба навигарӣ пайванд дода шавад» [88, с. 37].

Яке аз расонаҳои байналмилалие, ки дар пешниҳоди навигариву рӯйдодҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ пешдастӣ дорад, ин ширкати радиову телевизиони «Мавҷи Олмон» (Deutsche welle) мебошад. Ин ширкат дар олами иттилоот яке аз расонаҳоест, ки фаъолияташ эътимодбахш ва ба меъёрҳои касбиву этикӣ ҷавобгӯ мебошад.

Пеш аз ҳама, ин расона ба сарчашмаҳои муътамад, тавозуни андешаҳо, беғаразӣ, касбият, эҳтироми мухотабон ва амсоли ин такя мекунад. Ҳамин аст, ки тавре болотар ҳам зикраш рафт, ба «Мавҷи Олмон» 157 миллион нафар ба воситаи радио, интернет ва телевизион дастрасӣ доранд. Тавассути сомонаи иттилоотӣ www.dw.com бо 30 забон иттилоот пахш карда мешавад ва аз мушоҳидаҳо бармеояд, ки хонандаи зиёди худро дорад.

Бо фарқ аз расонаҳои байналмилалии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Федератсияи Русия, Британияи Кабир, Фаронса ширкати «Мавҷи Олмон» талош мекунад, дар ҷангҳои иттилоотӣ камтар иштирок дошта бошад. Маълум аст, ки расонаҳои кишварҳои мазкур ҳангоми аз рӯйдодҳои Шарқи Наздик гузориш додан, ҳатман ба созмонҳое мисли «Ихвон-ал-муслимин», «Ҳизб-ут–таҳрир», «Ал-Қоида» ва ғайра ишора мекунанд, аммо дар гузоришҳои «Мавҷи Олмон» ба ин созмон ишорае карда намешавад. Зеро ҷанги иттилоотӣ ба принсипҳои касбии журналистика мувофиқ нест ва дар он ҳатман дурӯғ истифода мешавад. Инчунин, аслҳои журналистӣ – айният, воқеият, беғаразӣ, тавозуни андешаву назарҳо дар ҷангҳои иттилоотӣ ба эътибор гирифта намешаванд. Ҳамчунин меъёрҳои байналмилалии одоби касбии журналист, аз ҷумла ҳуқуқи шаҳрвандон ба

иттилои дуруст, инъикоси холисонаи рӯйдод, шарафмандии касбии журналист, эҳтироми арзишҳои умумибашарӣ ва гуногунфарҳангӣ, мубориза алайҳи ҷанг ва дигар мусибатҳое, ки ба инсоният таҳдид мекунанд, дар ин муборизаҳо риоя намешаванд ва расонаҳо чун силоҳ истифода мегарданд.

Дар инъикоси навигариву воқеоти кишварҳои Осиёи Марказӣ ин расона талош мекунад, ки принсипи беғаразиро риоя карда, рӯйдодҳои муҳимтаринро бо назардошти таваҷҷуҳи аудиторияи худ пешниҳод кунад, яъне иттилоеро пахш мекунад, ки дар ин ё он сатҳ ба Иттиҳоди Аврупо рабт дорад.

Тавре маълум аст, Олмон дар Иттиҳоди Аврупо аз нуқтаи нигоҳи иқтисодӣ ва сиёсӣ бузургтарин кишвар аст. Иттиҳоди Аврупо чандин барномаву лоиҳаҳоеро роҳандозӣ кардааст, ки ба минтақаи Осиёи Марказӣ нигаронида шудаанд. Аз ҷумла, Иттиҳоди Аврупо ва Осиёи Марказӣ таваҷҷуҳи тарафайнро дар робитаҳои наздиктарини сиёсӣ ва иқтисодӣ зоҳир карданд. Ҳамкориҳои Италияву Амрико ҳамкорӣ дар сатҳи минтақавӣ ва миллӣ мавҷуд аст.

Кумак барои рушди идоракунии хуб, таҳсилоти олӣ, таҳсилоти касбӣ ва омӯзиш, мусоидат ба рушди иқтисодӣ, энергияи устувор, устувории экологӣ ва об, инчунин, дар мубориза бар зидди таҳдидҳо ва мушкилоти умумӣ нигаронида шудааст. Иттиҳоди Аврупо нақшаи зеринро барои рушди рӯзноманигорӣ амалӣ мегардонад:

– Нақши ВАО барои инъикоси беҳтари муҳити зист ва захираҳои табиӣ дар Осиёи Марказӣ.

– Барои рушди касбии мутахассисон ва иқтидори техникии ВАО-и маҳаллӣ дар самти таҳияи иттилооти босифат ва инъикоси баҳсҳо дар бораи захираҳои табиӣ.

– Мусоидат намудан ба ҳамкории минтақавӣ оид ба иттилоот ва коммуникатсия, мубодила ва паҳн намудани иттилоот дар бораи рӯйдодҳои сарҳадӣ.

– Барои таҳия намудани воситаҳо ва платформаҳои устувор барои ҳамкории байниминтақавӣ дар сатҳи маҳаллӣ ва истеҳсоли маводди воситаҳои ахбори омма [165].

Ҳамчунин, Иттиҳоди Аврупо чанд лоиҳаро бо кишварҳои минтақа дар самти идораи сарҳад амалӣ месозад, ки дар самти суботи минтақа нақши муҳим доранд. Аз ҷумла, мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводди мухаддир душвории асосии панҷ кишвари Осиёи Марказӣ (Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон, Ӯзбекистон) мебошад. Иттиҳоди Аврупо барои ҳалли ҳар ду масъала тавассути ду барномаи солонаи минтақавӣ: «Барномаи идоракунии сарҳад дар Осиёи Марказӣ» (BOMCA), ки таҷдид ва ислоҳоти идоракунии сарҳадро дар панҷ мамлакати Осиёи Марказӣ дастгирӣ менамояд; барномаи «Осиёи Марказӣ дар соҳаи маводди мухаддир» (КБСС), ки ба кишварҳои Осиёи Марказӣ нигаронида шуда, барои коҳиш додани талабот ва гардиши ғайриқонунии маводди мухаддир равона гардидааст.

Ин ҳамкориҳо ва раванди иҷрои лоиҳаҳо ба таври доимӣ мавриди инъикос дар барномаҳои «Мавҷи Олмон» (Deutsche welle) мегарданд. Ба гунаи мисол чанд намуна аз хабару гузоришҳоро ин ҷо таҳлил менамоем:

Иттиҳоди Аврупо ва Осиёи Марказӣ: Ҳамкорӣ дар самти муҳити зист ва об. 24-уми январ дар Тошканд Конфронси 6-уми сатҳи баланди Иттиҳоди Аврупо оид ба ҳамкории муҳити зист ва об оғоз ёфт. Намояндагони кишварҳои Осиёи Марказӣ – Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон, намояндагони созмонҳои экологии кишварҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо, аз ҷумла Италия, Фаронса, Британияи Кабир, Латвия, Словакия, Венгрия, Чехия, Руминия, сохторҳои махсуси СММ, коршиносони Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд иштирок доранд.

Раиси Кумитаи давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон оид ба экология ва ҳифзи муҳити зист Баҳром Кучаров, муовини сардори Хадамоти амалиётии берунии Аврупо Филипп Ван Амерсфорт, намояндаи Вазорати ҳифзи

табиат, замин ва баҳри Италия Маслимо Кожонон ва дигарон дар маросими ифтитоҳи чорабинӣ суханронӣ карданд.

Дар чорабинӣ натиҷаҳои фаъолияти платформаи ҳамкории Иттиҳоди Аврупо – Осиёи Марказӣ дар самати муҳити зист ва об барои солҳои 2015-2018 пешниҳод гардид. Дар ҷаласаҳои марбутаи конфронс масъалаҳои беҳтар намудани вазъи экологӣ ва иҷтимоию иқтисодии минтақаи баҳри Арал, дастгирии Фонди бисёрҷонибаи амниятии инсонӣ дар минтақаи баҳри Арал, рушди минбаъдаи шарикии минтақавӣ дар доираи чорабиниҳои Фонди байналмилалии наҷоти Арал, ҷалби кумаки берунии молиявӣ ва техникӣ муҳокима карда шуд.

Пешниҳодҳо оид ба кам кардани таъсири тағйирёбии иқлим, коҳиш додани ифлосшавии муҳити зист, ҷалби сармоя барои дастгирии иқтисоди сабз баррасӣ шуда, самтҳои афзалиятноки ҳамкорӣ миёни Иттиҳоди Аврупо ва Осиёи Марказӣ муайян карда шуданд [166].

Ин як хабари васеъ аст, ки аз як чорабинии минтақавӣ дар самти ҳифзи муҳити зист иттилоъ медиҳад. Хабари дигар доир ба инъикоси мавзуи муҳимми байналмилалӣ – пешгирии паҳншавии экстремизм ва терроризм мебошад:

Ҳамчунин, дар мавзуи иқтисод чандин гузоришҳои «Мавҷи Олмон» (Deutsche welle) дар қолаби маводди мултимедиавӣ пахш гардидаанд. Аз ҷумла, гузорише бо номи «Муҳоҷирони корӣ бо марзҳои пӯшида мубориза мебаранд» омодаву пахш шудааст, ки ба ҳамин мавзуи мубрам – муҳоҷирати меҳнатӣ бахшида шудааст. Ин гузориш аз он ҷиҳат қобили таваҷҷуҳ аст, ки дар замони пандемия таҳия гардида буд.

Аз сабаби пандемияи Ковид-19 фаъолияти ҷомеаҳои гуногун ба мушкилот дучор шудааст. Иқтисодиёт коҳиш ёфтаву марзҳо баста шуданд. Қисмате аз муҳоҷирони кории Тоҷикистон, ки дар Федератсияи Русия фаъолият доштанд, дар ватан бозмонданд, зеро имкони сафар маҳдуд гардид. Дар ин гузориш журналист ба се шаҳрвандони Тоҷикистон, ки касбу кори гуногун доранд, дар бораи вазъи иқтисодӣ савол медиҳад ва шаҳрвандон ҷавоб медиҳанд, ки гирифтори мушкилоти иқтисодӣ шудаанд.

Ҳамин мавзуъ – муҳоҷирати меҳнатӣ дар гузоришҳои дигар низ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Гузориши журналист Юрий Решетов ба унвони «Муҳоҷирони меҳнатӣ бармегарданд» ҳамин мавзуъро фарогир аст. Дар гузориш қайд мешавад, ки бӯҳрони иқтисодии Русия ба бисёр муҳоҷирони меҳнатӣ аз Осиёи Марказӣ зарбаи сахт мезанад. Садҳо ҳазор тоҷикон маҷбур шуданд, ки ба ватани худ баргарданд, аксар вақт дасти холӣ ва ноумедӣ. Мушаххасан аз Ҷамшед ном муҳоҷир ёд оварда мешавад.

Солҳои зиёд Ҷамшед барои таъминоти ҳамсар ва чаҳор фарзандаш дар сохтмонҳои Русия кор мекард. Аммо вақте Русия қонунҳои муҳоҷиратро сахттар кард, аксари муҳоҷирони меҳнатӣ дигар пазируфта нашуданд. Ҷамшед маҷбур шуд, ҳамроҳ бо даҳҳо ҳазор ҳамватанонаш ба Тоҷикистон баргардад. Баъзеҳо бидуни шуғл ва дурнамои номаълум, бархеи дигар радикал мешаванд ва пайравони гурӯҳҳои террористии Давлати Исломӣ мешаванд. Ҷамшед ҳеҷ фикри пайвастан ба ДОИ-ро надорад. Вай мекӯшад, ки ҳамчун як марди рӯзгордида дар пойтахт – Душанбе коре ёбад. Ҳар рӯз як муборизаи нав барои дарёфти маблағи кофӣ барои хӯрондани оилааш мебошад.

Гузориши дигар, ки ба мавзуи фарҳанг иртибот дорад, «Сафар тавассути Осиёи Марказӣ» мебошад. Дар ин гузориш Комил Пичевояк, як филмсози Полша ҳамроҳи се дӯсташ тавассути Россия ва Осиёи Марказӣ ба Муғулистон мегузарад. Ин филмсоз дар ин минтақаҳо бо мошини куҳнаи Фиет-126 сафар менамояд. Дар ин филм табиат, фарҳанг ва анъанаҳои мардуми Осиёи Марказӣ нишон дода мешавад. Гузориш хеле боҳунарона, хайрхоҳона, самимӣ ва табиӣ омодаву пахш гардидааст.

Гузориши дигар ба мавзуи кишоварзӣ таалуқ мегирад, ки чунин унвон дорад: «Чиниҳо барои замин пардохт намекунанд». Аз сарлавҳаи гузориш бармеояд, ки барои Олмон ҳузури Чин дар кишварҳои Осиёи Марказӣ хуш нест. Ва ҳамин шева дар гузориш то охир эҳсос мешавад. Замин барои кор – Чин хоҷагиҳои Тоҷикистонро идора мекунад.

Дар Тоҷикистон чандин сол деҳқонон бо техникаи кӯҳна дар заминҳои камҳосил кор мекарданд. Аммо ҳоло онҳо аз Чини ҳамсоя дар

шакли ноу-хау ва технология кумак мегиранд. Дар минтақаи Ёвон, ки дар 60-километрии пойтахт – Душанбе ҷойгир аст, чиниҳо заминҳои киштро аз мақомоти минтақа иҷора гирифтаанд. Ягона шарт ин аст, ки ҳосил бояд дар Тоҷикистон фурӯхта шавад. Ҷуворимакка ва пахта зироатҳои асосӣ мебошанд.

Дар ин гузориш коргарону деҳқонони Тоҷикистон ва якчанд шаҳрванди Чин дар як замини кишоварзӣ назди Ёвон нишон дода мешаванд, ки онро обод карда истодаанд. Дар ин гузориш мусоҳиб аз деҳқони тоҷик мепурсад, ки шумо ба ҳамкории шаҳрвандони хитоӣ розӣ ҳастед? Деҳқон ҷавоб медиҳад, бале, инҳо музди кор хуб медиҳанд ва сари вақт онро пардохт мекунанд. Мо бо ҳамкории ширкатҳо ва шаҳрвандони хитоӣ розӣ ҳастем ва тарафдор ҳастем.

Баъдан мусоҳиб чандин ҷумла илова мекунад, ки дар Тоҷикистон чиниҳо барои ободии ин сарзамин саҳми бузург доранд. Тоҷикистон ба чиниҳо ҳамкории наздик дорад ва Тоҷикистон мехоҳад, ки чиниҳо барои обод кардани заминҳои кишоварзӣ техникаи нав биёранд. Дар ҳамин ҷо як шаҳрванди Тоҷикистон, ки аз ҳамин минтақа аст, суҳбат мекунад ва гуфт, ки хитоиҳо ба мо фоида меоранд. То соли 2020 аҳолии Тоҷикистон 10 миллион мешавад ва барои хӯрондани ин аҳолӣ замини зиёд дорем, аммо ҳанӯз ҳамаи ин заминҳо обод нестанд ва азхуд карда нашудаанд. Хитоиҳо моро кумаки техникӣ мерасонанд, ки мо ин заминро обод кунем ва мусоҳиб дар охир илова мекунад, ки хитоиҳо натанҳо нақшаи ободии замини Тоҷикистон доранд, балки инҳо барои оянда нақша доранд, ки дар Тоҷикистон заводу фабрика ҳам созанд. Ҳукумати Тоҷикистон ва ҳукумати Чин ҳамкорӣ дар соҳаҳои зиёд дорад.

Аз як тараф, сарлавҳаи гузориш баҳсбарангез бошад, аз паҳлуи дигар, дар гузориш имкон дода шудааст, ки деҳқонони тоҷик аз манфиатбахш будани ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии мардумии Чин сухан гӯянд.  Ин аз риояи меъёрҳои касбӣ аз ҷониби «Мавҷи Олмон» дарак медиҳад.

Тавре дар боло ишора гардид, «Мавҷи Олмон» (Deutsche welle) дар Осиёи Марказӣ ба масъалаи марз таваҷҷуҳи хосса дорад. Дар гузориши «Оши палов рӯзноманигорони Кирғизистон ва Тоҷикистон дар минтақаи назди марзӣ муттаҳид мекунад» чунин мавзуъ баррасӣ мешавад. Таъкид мегардад, ки рӯзноманигорон ва шаҳрвандоне, ки дар ду тарафи марзи байни Кирғизистон ва Тоҷикистон зиндагӣ мекунанд, анъана, фарҳанг ва хӯроквории муштарак доранд. Ҳангоми пухту паз онҳо масъалаҳои муштараки ин ду кишварро бо якдигар таҳлилу баррасӣ мекунанд. Вазъият солҳо боз дар минтақаи наздисарҳадии Қирғизистон ва Тоҷикистон пуршиддат буд. Аз 970 километри марз тақрибан дар 500 километр баҳси марзӣ вуҷуд дорад, гоҳе даргириҳо байни шаҳрвандон ва ё марзбонони ҳарду кишвар сар мезанад.

Аммо он чизе, ки дар тӯли се соли охир беҳтар шудааст, вазъият дар минтақа мебошад. Аз соли 2015 инҷониб рӯзноманигорони қирғиз ва тоҷик якҷоя кор карда, дар бораи вазъи марз гузориш медиҳанд. Рӯзноманигорони ҳарду кишвар якдигарро мешиносанд, дар таҳияи гузоришу хабарҳои нав ҳамкорӣ мекунанд. Дар нишасти наздикии шаҳри Ботканди Ҷумҳурии Қирғизистон на танҳо рӯзноманигорон аз ҳарду кишвар, балки аъзои ҷомеаи шаҳрвандӣ низ ширкат варзиданд. Онҳо якҷоя вазъиятро муҳокима карданд ва барои боз ҳам беҳтар шудани вазъият дар марз кадом чораҳо андешидаву амалӣ шаванд, суҳбат карданд. Ин мубодилаи афкор таваҷҷуҳро ба як ҳамсояи дигари минтақа – Узбекистон низ ба бор овард. Бори аввал ду хабарнигор аз вилояти Андиҷони Ҷумҳурии Узбекистон ба як чорабинӣ пайвастанд.

Ин гузориш то андозае нишон медиҳад, ки Олмон барои оромию субот дар марзи ин кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳавасманд аст.

Журналистон барои пешгирии паҳншавии экстремизм ва терроризм дар Осиёи Марказӣ кӯшиш мекунанд.

Лабораторияи аввалини минтақавии инноватсионии «STORYCRAFT – Innovate, Бозӣ, Иштирок», ки дар Бишкек дар таърихи 24 то 26-уми сентябр баргузор гардид, нишон дод, ки роҳи сулҳу субот дар Осиёи

Марказӣ беҳбудии ҳамкории байниминтақавӣ дар ҳамаи сатҳҳои ҷомеа мебошад.

Рӯзи 24-уми сентябр беш аз 50 нафар мутахассисони воситаҳои ахбори оммаи Осиёи Марказӣ, фаъолони ҷамъиятӣ ва мутахассисони IT ҷамъ омада, барои пешгирии паҳншавии ифротгароӣ дар Осиёи Марказӣ роҳҳои навро ҷустуҷӯ намуданд. Ин чорабинӣ дар асоси фаъолияти ҳафтаҳо баргузор шуд. Барои амалишавии идеяҳои навтарин дар ин самт додани грантҳо то 14 000 евро ба анҷом расиданд. Бо вуҷуди ин, якчанд лоиҳаҳои хуби якҷояи мутахассисони маҳаллӣ ва байналхалқӣ барои таҳияи маводди мултимедиявии фарогири пешгирии экстремизм (PVE) ҷой доштанд.

*Талабот барои пешгирӣ:* Забони иттилои ВАО дар бораи пешгирии экстремизм (PVE) дар як вақт ба ақидаҳои бештар дар соҳаи пешгирии радикализатсия меояд. Директори минтақавии барномаи муколамаи Аврупо ва Авруосиё Ҷуллиан Мс Кормак (Gillian Mc Cormack) қайд мекунад, ки дар айни замон мавзуъҳои омӯзишии журналистӣ дар минтақа вуҷуд дорад. «Ҳеҷ мутахассисе нест, ки битавонад ба андозаи кофӣ ба шумо пуштибонии молӣ, ҳирфаӣ ё фаннӣ кунад, то мутахассиси хуби соҳа шуда тавонед дар мавзуи хос бипардозед», – қайд кард ӯ.

Интернюс – ташкилоти байналхалқии ғайритиҷоратӣ бо таърихи тулонӣ дар Осиёи Марказӣ мебошад, ки дар баъзе кишварҳо таҷрибаи 20-сола дорад. Консепсияи лабораторияи инноватсионӣ якҷоя бо шарикони Иттиҳоди Аврупо баъди таҳлилҳои пешазинтихоботӣ нишон дод, ки ҳарчанд ҳамкории ҳамаҷонибаи пешгирии экстремизм (PVE) дар сатҳи ҳукумат вуҷуд дорад, ВАО ва ҷомеаи шаҳрвандӣ хеле камфаъолиятанд. Илова бар ин, сармоягузориҳои давлатӣ аксар вақт барои тадбирҳои қатъӣ зидди терроризм ва гурӯҳҳои террористӣ нигаронида шудаанд, дар ҳоле, ки захираҳои нисбатан каме барои дастгирии иқдомҳо ё пешгирикунанда равона кардан имкон дорад.

Яке аз нигарониҳои асосӣ ин аст, ки захираҳои кофӣ барои кор бо гурӯҳҳои осебпазире, ба монанди ҷавонон, ки аксар вақт созмонҳои

террористиро ҳадаф қарор медиҳанд, бахшида шудааст. «Имрӯз гурӯҳҳои террористӣ барои ҷавонон паёмҳои асосиро таҳия мекунанд ва медонанд, ки ҷавонон кадом воситаҳоро барои шиносоӣ бо ин паёмҳо истифода мебаранд, масалан, маблағҳои зиёд дар воситаҳои ахбори омма истифода мешаванд», - мегӯяд Фарҳод Раҳматов, директори лоиҳаи Осиёи Марказӣ зимни мусоҳиба. Умедворем, ки платформаи навтаъсис барои ҳамкориҳои сарҳадии байнидавлатӣ дар самти назорат ва тафтиши усулҳои ифротгаро ҷавонон имкон медиҳад.

Кор дар ҳамкорӣ дар марҳилаи сарҳадӣ дар рӯзноманигорӣ: Дар роҳнамо барои иштирок дар лабораторияи инноватсионӣ имконият дода шуд, ки гурӯҳҳояшонро худашон ташкил диҳанд ва аз даҳ гурӯҳе, ки дар чорабинӣ ширкат варзиданд, иштирокчиёни чанд кишвари Осиёи Марказиро шомил намуда ба анҷом расониданд. Масалан, рӯзноманигори тоҷик Хуршед Улмасов аз дастаест, ки аъзои он аз Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва Қирғизистон мебошанд. Вай боварӣ дорад, ки ҳамкории байнимарзӣ дар пешгирии паҳншавии экстремизм дар минтақа ҳатмист. «Мо дар лоиҳаҳои худ агар танҳо бо кишварҳоямон кор кунем, хеле маҳдуд ҳастем, Ҳамсоягони мо монанди мо мушкилот доранд ва таҷрибаи якдигар ба осонӣ интиқол дода мешавад. Мо бояд ба якдигар кумак кунем ва хатоҳоро такрор накунем. Мо ҳама журналистон ҳастем ва мо бояд якҷоя кор кунем. Дар байни мо риштаи бародарӣ ва хоҳарӣ вуҷуд дорад» [163].

Дастаи Хуршед Улмасов дар мавзуи саводнокии ВАО ҳамчун омили пешгирикунандаи экстремизм ва терроризм кор мекунад. Нақшаи се лоиҳаи мултимидеявӣ ва тарҳрезии ба мислии дарахтони мевадиҳанда сурат мегирад: «Мо мехоҳем, ки мисли дарахтон кӯдаконро якҷоя парвариш намоем. Дар баробари нашъунамо эҳтиёҷоти зеҳнӣ ва руҳии онҳо низ меафзояд. Агар шумо дарахтро нигоҳубин накунед, ӯ хушк хоҳад шуд. Ҳамин тавр, агар шумо писари худро фаромӯш кунед, ҳатто мушоҳида намекунед, ки ӯ дар муҳити бад парвариш ёфта истодааст» [163].

Журналист Саида Солеҳанова мегӯяд, ки интихоби мавзуи лоиҳа дар бораи ҷавонон аз сатҳи касбият ва таҷрибаи шахсӣ иборат аст: «Мо ба ин

мавзуъ майл дорем, зеро, пеш аз ҳама, мо падару модар ҳастем. Мо бо ҳамин мушкилоти фарзандони худ дучор мешавем ва мефаҳмем, ки волидайни дигар низ дар чунин вазъиятанд». [163]

Аз таҳлил ва баррасии ин хабар ва гузориш бармеояд, ки расонаҳои муътамад талош мекунанд, ки барномаҳоро бо маҳорати баланди касбӣ дар мавзуъҳои ҷолиб таҳия созанд.

Хабари дигар чунин унвон дорад: «Тоҷикистон рӯзноманигор Хайрулло Мирсаидовро озод кард»

Ҷумҳурии Тоҷикистон Хайрулло Мирсаидов, рӯзноманигор ва ҳаҷвнигори маъруфро озод кард. Созмонҳои мудофеи ҳуқуқи башар иддао карданд, ки пирӯзӣ ба даст овардаанд, аммо худи Мирсаидов ваъда додааст, ки то замони пурра озод шуданаш мубориза хоҳад бурд.

Додгоҳи таҷдиди назар Хайрулло Мирсаидовро рӯзи чаҳоршанбе пас аз коҳиши ҳукмаш то ҷаримаи ҳудуди 80 000 сомонӣ (8 500 доллар, 7 300 евро) озод кард. Мирсаидов соли гузашта боздошт шуда, нуҳ моҳи ҳукми 12 соли зиндонро, ки моҳи июл бо иттиҳоми тасарруфи маблағ ва додани шаҳодати бардурӯғ содир шуда буд, адо карда буд. Ӯ ҳар ду иттиҳомро рад мекунад.

Додгоҳ, ҳамчунин, ҳаҷвнигор ва хонаводаи ӯро муваззаф кардааст, ки 13 000 доллари изофӣ пардохт кунанд, то ба давлат пули гӯё тасарруфшударо ҷуброн кунанд. «Ин қарори ғайриқонунист, мо муборизаро идома медиҳем», – гуфт Мирсаидов ба DW: «Ман бо қарори додгоҳ комилан розӣ нестам, зеро ин маънои ду соли кори ҷамъиятӣ ва ҷаримаи калонро дорад. Ман ин қарорро ғайриқонунӣ медонам. Барои ҳамин боз шикоят хоҳем кард» [169].

Вақте аз ӯ пурсида шуд, ки дарояндаи наздик чӣ кор карданӣ аст, гуфт, «9 моҳ мешавад, ки хешу табор ва дӯстонамро надидаам. Ҳоло истироҳат мекунам ва саломатиамро барқарор менамоям, зеро дар ин муддат асабҳоям махсусан сахт осеб дидаанд. Баъдан мехоҳам аз болои қарори суд шикоят барам».

Мирсаидов то соли 2012 ба ҳайси хабарнигори мустақили DW кор карда буд [169].

Дар ин хабар низ ҳамон хусусияти фаъолияти «Мавҷи Олмон» ба назар мерасад, ки ба рӯйдодҳо то ҳадди имкон муносибати мунсифона сурат мегирад. Масалан, дар ин ҷо, ба назари мо, унвони хабар баёнгари ҳамин мавқеъ аст. Яъне, барои хабарнигори DW, ки дар ин маврид гузориш додааст, озод шудани хабарнигор Хайрулло Мирсаидов мавзуи аввалиндараҷа аст ва ҳамин аст, ки ӯ хабари худро чунин унвон кардааст.

Мавриди таъкид аст, ки баъди ба даст овардани Истиқлол таҳаввулоти зиёде дар сиёсат, иқтисод ва иҷтимоиёти ҷомеаи Тоҷикистон ба вуқуъ пайваст. Маълум аст, ки Тоҷикистон аз нигоҳи захираҳои энергетикӣ кишвари бой ба ҳисоб меравад.

Ҳукумати кишвар дар доираи ҳазорсолаи нав бо мақсади поён бурдани сатҳи камбизоатӣ ва пешрафти иқтисодии кишвар бунёди як қатор корхонаҳои истеҳсолӣ ва силсиланеругоҳҳои барқи обиро ба роҳ мондааст ва маҳз бо талошҳои роҳбарияти давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон, хусусан, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон як қатор иқдомҳо дар ин самт амалӣ шуда истодаанд. Аз ҷумла, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ҳама сафарҳои хориҷии хеш барои муаррифии захираҳои энергетикии кишвар ва ҷалби сармоя дар сохтмони неругоҳҳо ҳуҷҷату шартномаҳоро ба имзо мерасонад.

Ин мавзуъ, яъне ҷалби сармоя ба сохтмони неругоҳҳои барқи обӣ аз мавзуъҳоест, ки пайваста радиои «Мавҷи Олмон» мавриди иттилодиҳию баррасӣ қарор медиҳад. Масалан, рӯзи 27 январи соли 2007 дар барномаи иттилоотӣ роҷеъ ба сафари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии  мардумии Чин сухан меравад. Зикр мешавад, ки зимни ин сафар қарордод дар бораи сохтмони як неругоҳи барқи обӣ дар дарёи Зарафшон аз тарафи ширкати чинии «Синехидро» ба имзо расидааст. Мувофиқи қарордоди пешина, бунёди ин неругоҳ бояд моҳи марти соли 2007 оғоз мегардид. Аммо бинобар мухолифати кишвари

ҳамсоя оғози сохтмон ба таъхир андохта шуд. Аммо раиси ширкати «Барқи тоҷик» Шарифхон Самиев изҳор медорад, ки дер ё зуд мухолифати кишвари ҳамсоя поён меёбад, зеро бунёди ин неругоҳ ба манфиати кишвари ҳамсоя низ мебошад. Радиои «Мавҷи Олмон» ба ин мавзуъ бозгашта, борҳо онро ба баррасӣ гирифтааст. Бояд гуфт, ки дар ин маврид мавқеи радио мунсифона, беғаразона буда, талош шудааст, ки мавзуъ дар доираи тавозуни мавқею андешаҳо муҳокима гардад. Аммо эҳсос мешавад, ки маводди радио дар баррасии мавзуъ ба ҳалли мусолиматомези масъала барои пешрафти иқтисодии минтақа нигаронида шудаанд. Аз ҷумла, дар мавриди ба таъхир афтодани бунёди НБО-и Роғун борҳо иттилоъ пахш намудааст.

Инъикоси ҳамкориҳои Покистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар соҳаи энергетика дар мисоли CASA-1000 яке аз муҳимтарин масъалаҳои равобити кишварҳои алоҳидаи минтақа мебошад, ки дар барномаҳои радиои «Мавҷи Олмон» матраҳ гардидааст. Рӯзи 12-уми майи соли 2016 бо ташрифоварии Навоз Шариф, сарвазири Покистон ва сарварони кишварҳои Қирғизистон, Афғонистон ва Тоҷикистон ба лоиҳаи CASA-1000 якҷоя асос гузоштанд. Ин лоиҳа натанҳо байни ин ду кишвар балки бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ ҳамкории навро оғоз мекунад.

Ин лоиҳа соли 2009 тарҳ ёфта буд, аммо бо сабабҳои гуногун амалӣ гардонда нашуд. Баъд аз таъхир имсол ҳар чаҳор кишвар ба қарор омаданд, ки ин лоиҳа амалӣ карда шавад.

Ин аввалин тарҳе маҳсуб хоҳад ёфт, ки нерӯи барқро аз Тоҷикистону Қирғизистон ба Афғонистону Покистон интиқол медиҳад. Аз ин лиҳоз нақшаи мазкур тарҳи марказӣ буда, пас аз амалишавиаш он метавонад барои дигар нақшаву лоиҳаҳо ҳиссагузорӣ намояд. CASA-1000 муҳиммияти бештар барои Покистон дорад, зеро ин кишвар феълан ба камбуди нерӯи барқ рӯ ба рӯст. Аз ин сабаб мардуми Покистон ба ин тарҳ зиёдтар эҳтиёҷ доранд, то ҳукумати Покистон тавонад, ки ба ин васила ҳам истеҳсолоти саноатию кишоварзиро рушд диҳад ва ҳам шаҳрвандонро бо барқ таъмин намояд.

Дар ин баробар Афғонистон ҳам ба CASA-1000 хеле зиёд эҳтиёҷ дорад, зеро тамоми ноқилҳои тарҳи мазкур аз қаламрави он мегузараду барои гирифтани маблағи ҳаққи транзитӣ дар ин самт манфиатдор аст. Ҳаҷми умумини барқе, ки тариқи CASA-1000 интиқол дода мешавад, 1300 мегаваттро ташкил хоҳад дод, ки аз нишондод 1000 мегаватт ба Покистон ва 300 мегаватт ба Ҷумҳурии Афғонистон расонида мешавад. Аз ҷониби дигар, ин тарҳ яке аз манбаҳои муҳимми даромади Тоҷикистону Қирғизистон ҳам хоҳад шуд. Зеро Тоҷикистону Қирғизистон дорои захираҳои бойи об буда, қувваи барқи аз лиҳози экологӣ тозаву ба муҳит безарарро истеҳсол мекунад. Аз ин лиҳоз амалишавии лоиҳаи мазкур ҳам ба манфиати муҳити зисту ҳам ба манфиати молии ҳар чор давлат хоҳад шуд.

Мушаххас ва муайян аст, ки иқтидорҳои Тоҷикистон ва Қирғизистон дар истеҳсоли нерӯи барқ дар фасли тобистон зиёд мебошанд. Дар баробари ин талаботи Афғонистон ва Покистон дар ин давра паст нашуда, баръакс, талабот ба нерӯи барқ афзоиш меёбад. Талаботи Покистон ба нерӯи барқ дар фасли тобистон то 20 гигаватт арзёбӣ мегардад, ки ин бениҳоят ҳаҷми калон мебошад. Лоиҳаи CASA-1000 дар баробари он ки нерӯи барқро аз минтақаи Осиёӣ Марказӣ ба минтақаи Осиёи Ҷанубӣ интиқол медиҳад, як заминаи мусоидро барои татбиқи минбаъдаи чунин лоиҳаҳо мегузорад ва бо ин васила қадамҳои минбаъдаи Тоҷикистон осонтар мешаванд ва имкониятҳои содиротии ин кишвар рӯз аз рӯз афзоиш хоҳад ёфт.

Аз нуқтаи назари тиҷоратӣ ин лоиҳа мукаммал аст. Ҳамаи тарафҳо аз ин лоиҳа манфиат мегиранд. Хатти интиқолии ҳозиразамон ва пурманфиати CASA-1000 имконияти ин минтақаро тағйир дода, барои ташкили бозори минтақавии нерӯи барқ дар Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ қадами муҳим ба шумор меравад. Лоиҳаи CASA-1000 мураккаб, вале иҷрошаванда аст. Он имконият фароҳам меорад, ки интиқоли барқи аз ҷиҳати экологӣ тоза норасоии барқро дар минтақаи Осиёи Ҷанубӣ ба низом дарорад ва ҳам ба рушди иқтисодӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ

мусоидат намояд. Тавассути ин лоиҳа дар минтақа муносибатҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ низ мустаҳкам мегарданд. Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қирғизистон, Покистон ва Афғонистон шурои байниҳукуматӣ ташкил додаанд, ки дар асоси он Лоиҳаи CASA-1000 бояд дар амал татбиқ карда шавад. Лоиҳаро аз ҷиҳати молиявӣ Бонки ҷаҳонӣ, Бонки исломии рушд, Бонки аврупоии сармоягузорӣ, Бонки аврупоии таҷдид ва рушд, Агентии рушди байналхалқии ИМА, Департаменти давлатии ИМА, Вазорати ҳамкориҳои байналмилалии Британияи Кабир, Агентии рушди байналмилалии Австрия ва дигар ташкилотҳои байналмилалӣ дастгирӣ менамоянд. Аз рӯйи асосноксозии техникӣ маблағи Лоиҳа соли 2011-ум 900 миллион доллари ИМА муайян гашта буд, ки вобаста ба тағйироти қурби асъор он алҳол як миллиарду ҳаштоду шаш миллион доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.

Ин яке аз аввалин ва муҳимтарин тарҳҳоест, ки метавонад аз имкониятҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ бозгӯӣ намояд. Тоҷикистону Қирғизистон дорои захираҳои бойи обианд ва метавонанд тамоми Осиёи Марказиро бо об таъмин намоянд. Акнун барои Тоҷикистону Қирғизистон зарурат пеш меояд, ки барои оқилонаву дуруст истифода бурдани ин бойигарӣ муосиртарин техникаву технологияро рӯйи кор биёранд. Аз ин лиҳоз Лоиҳаи CASA-1000 дар баробари он, ки азим аст, ҳамчунин муҳим ва саривақтӣ аст.

Баррасии муфассали Лоиҳаи CASA-1000 аз тарафи Радиои «Мавҷи Олмон» бори дигар нишон медиҳад, ки инъикоси мавзуъҳои иқтисодӣ ва ҳамкориҳо дар самти энергетика барои ин радио авлавият доранд.

Ҳамин тавр, маълум мегардад, ки барномаҳои «Мавҷи Олмон» ба талаботи замон мувофиқ буда, пеш аз ҳама, манфиат ва таваҷҷуҳи аудиторияи худашро фаро мегиранд. Ин барномаҳо дар баробари пешниҳоди иттилои гуногун дар бораи рӯйдод ва навигариҳои кишварҳои хориҷӣ, барои ҷалби сайёҳон, тарғибу ташвиқи сиёсат, фарҳанг ва ҳунар (санъат)-и Иттиҳоди Аврупо ва Олмон нақши калон мебозанд.

Хулоса, дар фасли мазкур ҳадаф ва вазифаҳои барномасозӣ дар ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон» таҳқиқ шуда, асосан, ба он таваҷҷуҳ шуд, ки дар ин ширкат ба шаклу услуби барномасозӣ ва тарзи пешниҳод чӣ гуна муносибат мешавад ва барои ҷалби бештари аудитория аз кадом имкониятҳо истифода мегардад. Дар ҳамин маврид чанд мисол ҳам баррасӣ карда шуд ва ҳамзамон, доир ба нақши муассири ин расонаи байналмилалӣ дар фазои иттилоотии олам изҳори назар шуд.

## 3.2. Ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон» – сарчашмаи маълумот барои расонаҳои дигар

Аз аввалин хусусиятҳои расонаҳои байналмилалист, ки онҳо барои ҳама навъи воситаҳои ахбори оммаи дигар чун манбаи муътамади иттилоот шинохта мешаванд ва аз маводди онҳо фаровон истифода мешавад.

Ҷанбаи дигар, ки нуфузи расонаҳои байналмилалиро баёнгар аст, аз ҷониби бахшҳои алоҳидаи расонаҳои байналмилалии дигар мавриди истинод қарор гирифтани матолиби онҳо мебошад. Яъне, расонаҳои байналмилалии ба ҳамдигар вобаста ба нахустин будани сарчашмаи иттилоъ ба маводди якдигар муносибат мекунанд ва аз қавли он хабар медиҳанд.

Аз ҳамин нуқтаи назар, мо маводди ширкати телевизион ва радиои «Мавҷи Олмон»-ро мавриди баррасӣ қарор медиҳем ва чун сарчашмаи маълумот будани онро барои расонаҳои дигар дар муҳиту фазои иттилоотии Тоҷикистон баррасӣ менамоем.

Воситаҳои ахбори оммаи расмии Тоҷикистон низ аз «Мавҷи Олмон» чун сарчашмаи боэътимод истифода мебаранд. Ва ин истифодабарӣ вақте сурат мегирад, ки матлаби «Мавҷи Олмон» ба мавқеи расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ аст. Аз ҷумла, нашрияи расмии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - «Народная газета» дар шумораи №1, аз 4 январи соли 2017 бо

номи «Демарши белорусӣ-қирғизӣ: Ҳамоиши ИИАО аз рӯи сенария баргузор нашуд» мақолаи калонҳаҷми таҳлилиеро нашр кардааст [170].

Дар ин мақола сухан дар бораи саммити Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё (ИИАО), ки рӯзи 26 декабри соли 2016 дар шаҳри Санкт-Петербург баргузор гардид, меравад. Ин мақола аз панҷ зерсавҳа иборат аст, ки паҳлуҳои гуногуни муносибатҳои байниҳамдигарии иқтисодии давлатҳои узви ин созмон – Арманистон, Белорус, Қазоқистон, Қирғизистон ва Федератсияи Русияро дар давоми 2 соли фаъолият фаро мегиранд. Мавқеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аввал дар муносибат ба узвияти ин созмон маълум аст ва ин мавқеъ ҷавобгӯи манфиатҳои иқтисодии Тоҷикистон аст. Яъне таҷриба ва бурду бохтҳои кишварҳои узви ин созмонро омӯхта, баъдан Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибаташро ба ин созмон муайян мекунад.

Гузашти вақт нишон дод, ки ин мавқеи Ҳукумати Тоҷикистон дурандешона ва дурусту созгор ба манфиатҳои иқтисодии мамлакат будааст. Дар ин матлаб ҳамоиши мазкур таҳлил гардида, дар ҳошияи он ба муаммову мушкилоти муносибатҳои давлатҳои узв ишора мешавад. Нахуст дар қабули Кодекси гумруки Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё баҳсҳо сурат гирифтанд. Ҳарчанд Президенти Федератсияи Русия ин Кодексро тавсиф кардаву кори анҷомдодаи Гурӯҳи кориро баҳои баланд дод, аммо ба он Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Алмосбек Отамбоев имзо нагузошт. Зеро, ба қавли Алмосбек Отамбоев, дар он бандҳои ба ҳам муқобил ва номувофиқ дучор мешаванд. Ин бандҳо «дар оянда метавонанд ба манфиати баъзе кишварҳо бартарӣ дода, ҳамкориҳои мамлакатҳои ИИАО халал расонанд» [170]. «Мавҷи Олмон» андешаи коршиносони соҳа, муовини директори Институти кишварҳои ИДМ Владимир Жарихин ва сариқтисодчии Бонки рушди Авруосиё Ярослав Лисоволикро меорад, ки қабули Кодекси гумрук монеаҳои зиёдеро аз байн бурда, гардиши молро дар байни мамлакатҳо боло мебарад.

Дар ҳамоиш Президенти Белорус Александр Лукашенко иштирок накард ва сабабашро низ расман шарҳ надод. Ин аллакай набудани мавқеи

ягона дар байни мамлакатҳои узви созмонро нишон медиҳад. Зерсавҳаҳои мақола бо номи «Минуси як» ва «Минуси якуним» аз ҳамин мазмун бар меоянд.

«Мавҷи Олмон» аз қавли Владимир Жарихин зикр мекунад, ки ҳамагуна ҳамкориҳои иқтисодӣ дар пасманзари худ ҳамкориҳои сиёсиро дорад. Бо ин сабаб, баъзе кишварҳои Иттиҳоди давлатҳои муштаракулманофеъ ба узвият дар ИИАО аз пасманзари манфиатҳои сиёсӣ нигариста, то андозае онро маҳдудияти Истиқлолияти давлатӣ меҳисобанд. Ҳамчунин баъзе коршиносон, аз ҷумла раиси Шурои назоратии Институти демография, муҳоҷират ва рушди минтақаҳо Юрий Крупнов андеша доранд, ки «мухолифати калидии ИИАО дар он аст, ки ин созмони ҳамгироӣ шакли ҳуқуқии болоӣ дорад. Барои гардиши озоди молҳо бояд монеаҳои маъмуриро аз байн бардошта, дар айни замон робитаҳои дуҷонибаи мамлакатҳои узви созмонро бояд нигоҳ дошт. Вагарна мухолифатҳо идома меёбанд.» Ба қавли Юрий Крупнов, «ҷангҳои гӯштию ширӣ»-и Белорусу Русия ва Украина, «баҳсҳои тиҷоратӣ»-и Қирғизистону Қазоқистон нишони он ҳастанд, ки баъзан ҳамкорӣ бо баъзе кишварҳои беруна нисбат ба мамлакатҳои ИИАО бештар фоидаоваранд [170].

Аз таҳлили муфассали ин мақола бармеояд, ки ҳама андешаву мавқеъҳои дар мақола овардашуда заминаи воқеӣ дошта, ба мавқеи расмии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ ҳастанд. Ин бори дигар нишон медиҳад, ки «Мавҷи Олмон» новобаста аз он, ки як расонаи ғарбист, рӯйдодҳоро то андозае дар такя ба воқеият холисона инъикосу таҳлил менамояд.

Ҷолиб аст, ки матлаби «Мавҷи Олмон» (Deutsche Welle (DW) барои Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон – «Ховар» манбаи иттилоот гардидааст: *Меркел ҳамлаи Германияи фашистиро ба ИҶШС «мояи шармандагӣ» номид [151].*

Дар идома зикр мешавад: Ҷумҳурии Федеративии Германия масъулияти доимии худро барои ҷиноятҳои вобаста ба ҳамлаи

Германияи фашистӣ ба Иттиҳоди Шуравӣ 22 июни 1941 эътироф мекунад. Тавре АМИТ «Ховар» бо истинод ба «Мавҷи Германия» (Deutsche Welle (DW) иттилоъ медиҳад, дар ин бора канслери Германия Ангела Меркел дар зернавишти видеои худ, ки рӯзи шанбеи 19 июн интишор ёфтааст, изҳор доштааст. Ин мурочиатнома ба 80-умин солгарди ҳуҷум ба ИҶШС бахшида шудааст.

«Барои мо, немисҳо, ин мояи шармандагӣ аст» – таъкид кардааст сарвари ҳукумати Германия. Миллионҳо одамон, хусусан, дар қаламравҳое, ки имрӯз марбути Россия, Украина ва Белорус, инчунин, кишварҳои Балтика мебошанд, ҳалок шуданд, – зикр кардааст вай. Набояд фаромӯш кард, ки «мо дар назди миллионҳо қурбониён ва наслҳои онҳо қарздор ҳастем», – илова кардааст канслер.

Дар ҳамин ҳол, канслери федералӣ ёдовар шудааст, ки сарфи назар аз ҳодисаҳои даҳшатноки ҷанг бисёриҳо ба Берлин дасти оштӣ дароз карданд. Германия барои ин миннатдории амиқро ҳис мекунад, илова кардааст вай.

Ангела Меркел сиёсати Президенти Иттиҳоди Шуравӣ Михаил Горбачёвро ба таври хос зикр кардааст, ки ба шарофати он Германия дар соли 1990 тавонист бо роҳи осоишта муттаҳид шавад ва аз он вақт равобити шаҳрвандиро байни ду кишвар рушд диҳад [151].

Канслери Германия дар зернавишти видеоии худ ба рӯйдодҳои чанде пештар дар фазои пасошуравӣ низ дахл кардааст. Вай бо таассуфи зиёд гуфтааст, ки «фаъолияти ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Россия, инчунин, дар Беларус вақтҳои охир маҳдуд карда шудааст – гузашта аз ин, ғайриимкон шудааст».

«Вақте ки тазоҳургарони осоишта ва намояндагони номатлуби оппозитсиюн (ба мақомот – шарҳи АМИТ «Ховар») паси панҷара меафтанд, ин дар муносибатҳои мо таъсири сангин мегузорад», — иброз доштааст сарвари ҳукумати Германия. Ба гуфтаи вай, ғасби Қрим аз сӯи Россия ва дастгирии ҷудоихоҳон дар шарқи Украина – нақзи ҳуқуқи

байналмилалӣ мебошад. Меркел мутмаин аст, ки ин барои Германия ва инчунин, барои тамоми Иттиҳоди Аврупо қобили қабул нест.

Дар ҳамин ҳол канслер таъкид кардааст, ки Федератсияи Россия ва Германия аз ҷиҳати таърихӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ бо ҳам вобастагӣ доранд. «Барои мо муколама бо Россия зарур аст», – хулоса кардааст Ангела Меркел.

80 сол пеш, қӯшунҳои вермахт ба қаламрави Иттиҳоди Шуравӣ ҳамла карданд ва яке аз ҷангҳои миқёсан бузургтаринро дар таърихи башарият оғоз бахшиданд. Коршинос оид ба таърихи Аврупои Шарқӣ Франк Голчевский пештар зикр намуда буд, ки ҷанг бо ИҶШС он замон барои аксар олмониҳо ҳодисаи ногаҳонӣ буд [151].

Тавре дар оғози ин фасл зикр намудем, яке аз хусусиятҳои асосии расонаҳои байналмилалӣ он аст, ки аз онҳо на танҳо расонаҳои ба истилоҳ, мустақил, балки расонаҳои ҳукуматӣ низ ба сифати сарчашмаи иттилоъ истифода баранд.

Дар ин намуна ҳам ҳамин ҳолат ба мушоҳида мерасад. Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон аз матлаби «Мавҷи Олмон» ба сифати сарчашмаи итилоот истифода мебарад ва ба он истинод ҳам мекунад (тавре АМИТ «Ховар» бо истинод ба «Мавҷи Германия» (Deutsche Welle (DW) иттилоъ медиҳад...).

Бамаврид аст бигӯем, ки истифода аз маводди агентиҳо ва расонаҳои байналмилалӣ шаклҳои гуногун дорад. Мо дар мисоли таҳқиқоте, ки вобаста ба расонаҳои байналмилалӣ – радиоҳои «Озодӣ ва «BBC» аз ҷониби муҳаққиқ Ҷовид Муқим сурат гирифтаанд, мушоҳида карда метавонем, ки дар онҳо зикр мешавад, матбуоти мустақили Тоҷикистон солҳо қабл қариб нисфи саҳифаҳои худро, асосан, бо маводди радиои «Озодӣ» пур мекарданд, аммо дар аксар ҳолат сарчашмаи иттилоот зикр намешуд ва хонандаи ноогоҳ онро маводди худи ҳафтанома гумон мекард.

Ба ҳамин монанд, дар расонаҳо чунин ҳолатҳо мушоҳида мешаванд, ки баъзан сарчашмаи иттилоъ ва ҳатто муаллифи матлабҳо зикр намешаванд. Аз нигоҳи касбӣ, як камбудии ҷиддии фаъолият ба шумор

меравад. Аммо махсусан масъулони радиои «Озодӣ» ҳавасманди ин амал ҳастанд, зеро барои онҳо муҳим ҳарчи бештар паҳн гардидани маълумоти пешниҳоднамудаи онҳост, агар дар ин самт ҳолатҳои нақзи муқаррароти касбию қонунӣ ба мушоҳида расад ҳам, онҳо инро нодида мегиранд. Барои ҳамин ҳам ҳолатҳое, ки болотар зикраш рафт, зиёд ба мушоҳида мешуду имрӯз низ ба чашм мерасад.

Чунин ҳолат дар мисоли маводди «Мавҷи Олмон» (Deutsche Welle (DW) ҳам вуҷуд дорад, аммо ҳадафи мо дар ин фасл инъикосу баррасии матолибест, ки дар онҳо ба сарчашмаи аслӣ – «Мавҷи Олмон» истинод шудааст.

Дар ҳамин хабаре, ки «Ховар» нашр кардааст, мувофиқ омадани мавқеъҳо ба мушоҳида мерасад, яъне суханони канслери Олмон ба он мавқее, ки Тоҷикистон дар муносибатҳои байналмилалӣ ва пеш аз он, дар сиёсати хориҷии худ дорад, мувофиқат мекунад, чун Тоҷикистон ҳам замоне ҷузъе аз ИҶШС иштирокчии он ҳодисоти бузурги ҷаҳонӣ буд ва чунин мавқеъгирӣ ба тасаввуроте, ки дар бораи он ҳодисот дар Тоҷикистон ҳаст, мувофиқат мекунад, аз ин рӯ, дар «Ховар» ба суханони канслери Олмон мутаваҷҷеҳ шуда, онҳоро пурра нашр менамояд.

Ба назари мо, ин хабари Дойче Велле (DW) барои «Ховар» низ як фурсати муносиби изҳори назар доир ба рӯйдодҳои нозуки сиёсати ҷаҳонӣ низ гардидааст. Мо дар назар дорем онро, ки доир ба сиёсатҳои дохилӣ ва хориҷии Русия, асосан, муносибатҳои он бо Украина дар расонаҳои ҳукуматии Тоҷикистон қариб ки матлабе ба нашр намерасад ва дар ин хабари муфассале, ки аз «Мавҷи Олмон» иқтибос гардидааст, ишораҳо ба ин мавзуъ ҳам пурра оварда шудааст, ки як навъ ифодагари мавқеи хабарнигорони ин агентӣ ҳам буда метавонад.

Агар ин тавр намебуд, ба ин мавзуъҳо дахл нашуда, танҳо бо қисмати хабар: «дар ҳамин ҳол, канслер таъкид кардааст, ки Федератсияи Россия ва Германия аз ҷиҳати таърихӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ бо ҳам вобастагӣ доранд. «Барои мо, чун stop-baldness.net, муколама бо Россия зарур аст» [151] иктифо мешуд, зеро чунин ҳолат дар таҷрибаи иқтибосовариҳо зиёд

ба назар мерасад, ки танҳо қисмати зарурӣ ва ба мавқеи худ мувофиқ интихоб карда шуда, қисматҳои дигар сарфи назар мешаванд.

Хабари дигар аз сомонаи pressa.tj аст:

*Русҳо «Штирлитси тоҷик»-ро кино мекунанд.*

Дар Русия дар бораи Раҳим Бурҳонов, фарзанди маорифпарвари шинохтаи аввали асри 20 Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим ва ҷосуси машҳури Шуравӣ, ки ӯро ҳатто «Штирлитси тоҷик» ҳам ном мебаранд, филм мегиранд [155].

Аз нигоҳи аввал ва аз унвони матлаб чунин бармеояд, ки он ба Русия алоқаманд аст ва бояд сухан атрофи Русия ва сарчашмаҳои русӣ бошад. Бинобар сабаби аз нигоҳи мо ҷолиб будани мавзуъ ва ҳам барои он ки ба «Мавҷи Олмон» робитаи бештар доштани матлаб возеҳтар гардад, овардани матни пурраи онро лозим медонем:

Бархе қисматҳои ин филмро дар кони «Заполярная» дар Воркута ба навор мегиранд. Раҳим Бурҳонов, ки дар солҳои ҷанги дуюми ҷаҳон дар Олмони фашистӣ ҳамчун ҷосус ифои вазифа мекард, баъди ҷанг бо туҳмат маҳкум ба зиндон шуда, дар Воркута адои ҳукм кардааст.

Баъди раҳо шуданаш аз зиндон ва сафед шуданаш Раҳим Бурҳонов ба Душанбе баргашт ва дар Донишкадаи омӯзгорӣ кафедраи забони немисиро таъсис дод. Ӯ соли 1973 даргузашт.

Муаллифи филм дар бораи «Штирлитси тоҷик» Евгений Кожокин, вакили собиқи парлумони Русия ва раҳбари Пажуҳишгоҳи таҳқиқоти стратегии он кишвар мебошад.

Мунзим – падари Раҳим Бурҳонов – сафири Ҷумҳурии Бухоро дар Олмон буд ва аз ин рӯ, писари ӯ дар кӯдакиаш дар Олмон ба воя расида, забони немисиро мисли забони модарӣ хуб медонист. Ба ин далел, дар солҳои ҷанги дуюми ҷаҳон ӯро бо супориши роҳбарияти Иттиҳоди Шуравӣ ба Олмони фашистӣ фиристоданд, то дар бораи нақшаҳои Олмони фашистӣ маълумот ҷамъ биорад. Ӯ ба сафи роҳбарони СС роҳ ёфт ва дар баҳори соли 1945 ҳатто рутбаи штурбанфюрер (майор)-и СС-ро ба даст овард. Раҳим Бурҳоновро бисёриҳо бо қаҳрамони машҳури филми «17

лаҳзаи баҳор» Макс Отто фон Штирлитс монанд мекунанд ва ҳатто прототипи Штирлитс ва «Штирлитси тоҷик» меноманд, вале баъди ҷанг ӯро ноодилона ба хиёнат айбдор карда, 10 сол зиндон карданд.

Раҳим Бурҳонов 29 июни соли 1909 дар Бухоро дар хонаводаи маорифпарвари машҳури ибтидои асри 20 Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим ба дунё омадааст. Падари ӯ асосгузори нахустин мактаби ҷадид дар Бухоро ва асосгузору роҳбари ҳаракати ҷавонбухориён ё ҷадидон буд, ки барои ислоҳот дар низоми пӯсидаи давлатдорӣ ва маорифи аморати Бухоро мубориза мебурд.

Раҳим Бурҳонов дар солҳои 20 дар Олмон таҳсил кардааст. Бино ба гузориши «Мавҷи Олмон» (Deutsche Welle) Раҳим Бурҳонов аз ҷумлаи ҷавонону наврасоне буд, ки Ҷумҳурии халқии шуравии Бухоро барои таҳсил ба Олмон фиристод. Аммо профессор Манфред Лорентс ва Александр Ҳайзер, ду тоҷикшиноси шинохтаи Олмон менависанд, ки сабаби дар Олмон зиндагӣ ва таҳсил кардани Раҳим Бурҳонов ин буд, ки падараш Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим дар солҳои 20 ба ҳайси сафири Ҷумҳурии Бухоро дар Олмон кор мекард.

Шерзод Бурҳонов, набераи Раҳим Бурҳонов, дар суҳбат бо «Мавҷи Олмон» гуфт: «Ӯ дар ҷумҳурии Веймар забони олмониро омӯхт. Раҳим Бурҳонов дар Берлин дар манзили донишманди шинохта Рейҳардт зиндагӣ мекард. Ӯ сипас таҳсилашро дар шаҳри Кеслин дар Померания идома дод. Шояд шавқаш ба забоншиносӣ, шояд часпу талоши худи ӯ буд, ки дар се сол на фақат забони олмониро комилан омӯхт, балки анъанаҳо ва фарҳанги мардуми Олмонро низ аз худ кард». [155]

Баъди бозгашт ба СССР Раҳим Бурҳонов рабфаки Ленинград, Донишкадаи хоҷагии халқи ба номи Плеханови шаҳри Маскав ва Академияи низомии муҳандисии ба номи Куйбишевро хатм кард.

Дар пайи хатми таҳсил Раҳим Бурҳонов ба Душанбе баргашт ва дар Донишкадаи омӯзгорӣ ба ҳайси устод ба фаъолият пардохт. Аммо соли 1943, дар айни авҷи Ҷанги Бузурги Ватанӣ Бурҳоновро ба хидмати ҳарбӣ даъват карданд. Дониши хуби забони олмонӣ сабаб шуд, ки ӯро на ба

ҷабҳаи ҷанг, балки ҳамчун ҷосуси Шуравӣ ба ақибгоҳи душаман бифиристанд.

Манфред Лоренс ва Александр Хайзер менависанд: «Интихоби мақомоти амнияти СССР беҳуда набуд. Тарҷумаи ҳоли ҷолиби Бурҳонов худ баёнгари аҳволи ӯ буд. Ӯ на фақат забонҳои немисиву англисиро хуб медонист, балки ҳаёти иҷтимоиву сиёсии Олмони он давронро низ хуб мефаҳмид. Худи тарзи зиндагии ӯ низ мисли як олмонӣ буд. Чунин сифатҳое, чун дақиқӣ, поквиҷдонӣ ва боадабӣ аз хосиятҳои табиати Бурҳонов буд. Ин ҳама ба мақомоти амниятӣ далели кофӣ медод, ки ӯро ба сафи худ ҷалб кунанд, хусусан, дар он солҳои сахти ҷанг» [155].

Баъди тамринҳои махсус Раҳим Бурҳоновро аз марз гузаронда, ба ақибгоҳи душман партофтанд. Вазифаи ӯ даромадан ба боварии мақомоти Олмони фашистӣ ва барқарор кардани роҳҳои робита барои ирсоли маълумот аз фармондеҳии Олмони фашистӣ ба мақомоти Шуравӣ буд. Раҳим Бурҳонов бояд аз ҷумла маълум мекард, ки роҳбарони Олмони фашистӣ дар мавриди Осиёи Марказӣ чӣ нақша доранд?

Муаррихи тоҷик Сайфулло Муллоҷонов дар суҳбат бо «Мавҷи Олмон» дар ин бора гуфт: «Шоҳидон мегӯянд, дониши комили забони немисӣ ба ӯ имкон дод, ки ба ситоди идораи ҷосусии фашистон ворид шавад ва ба мақомоти ҷосусии Шуравӣ дар бораи нақшаҳои Вермахт маълумот диҳад. Бурҳонов Штирлитси тоҷик буд» [155].

Бурҳонов дар Олмони фашистӣ то ба рутбаи штурмбанфюрер расид ва ғалаба бар фашизмро дар бемористони Карлсбад (ҳоло шаҳри Карлови Вари дар Чехия) пешвоз гирифт.

Ӯро барои хидмати ҷасуронааш дар ақибгоҳи душман бо ордени Байрақи Сурх ва чандин медал сарфароз гардониданд, вале баъди чанде бо туҳмат ба хиёнат айбдор карда, зиндониаш карданд.

Раҳим Бурҳонов ҳатто дар зиндон, ки ҳукмашро дар Воркутаи иқлимаш қаҳратун адо мекард, ором наменишаст. «Мавҷи Олмон» менависад: «Дар зиндони Воркута Бурҳонов ду китоб навишт: Луғати муколамавии тоҷикиву немисӣ ва «Фонетикаи забони немисӣ». Ба ҷойи

қоғаз ӯ қоғази ресептҳои тиббиро истифода мебурд ва ба ҷои муқова – пайтобаҳои куҳнаро».

Танҳо дар соли 1956, баъди мурдани Иосиф Сталин, Раҳим Бурҳонов аз маҳбас озод шуд ва ба Душанбе баргашта, дар Донишкадаи омӯзгорӣ кафедраи забони немисиро таъсис дод.

Ӯ дар солҳои поёни умраш ба навиштани муҳимтарин асари зиндагии худ – «Луғати немисӣ ба тоҷикӣ» сар кард. Ба гуфтаи набераaш, шабҳо то соати се рӯйи ин луғат кор мекард ва субҳ алакай соати 6 мехесту ба кор мерафт.

Раҳим Бурҳонов соли 1973 дар синни 64 аз олам чашм пӯшид. Умр даст надод, ки ӯ «Луғати немисӣ ба тоҷикӣ»-и навиштаашро чоп кунад. Ин китобро танҳо баъди 30 соли даргузашти Раҳим Бурҳонов шогирдаш Хайрулло Сайфуллоев ҳамроҳ бо профессори Донишгоҳи Гумболдти Берлин Лутс Жеҳак бо такмил ва иборат аз 55 ҳазор калима нашр карданд [155].

Тавре аз ин матлаб дида мешавад, ҳарчанд сухан дар бораи он аст, ки русҳо дар бораи Штирлитси тоҷик филм гирифтан мехоҳанд, аммо маълумоти асосие, ки доир ба ин қаҳрамон оварда мешавад, дар такя ба маълумоти «Мавҷи Олмон» тазаккур меёбад.

Ин матлаб ҳам бори дигар ҳамон афкоре, ки дар фасли пешин доир ба моҳияту мақсади фаъолияти ширкати телевизион ва радиои «Мавҷи Олмон» тазаккур ёфта буд, собит менамояд, ки барои Дойче Велле (DW) мавзуъҳои мамнуъ вуҷуд надорад ва он қариб ҳама мавзуъ ва масъалаҳоро ба таври аксаран воқеӣ пешниҳод мекунад.

Расонаи дигаре, ки дар фазои иттилоотии Тоҷикистон ҳузури фаъол дорад, ширкати «Азия–плюс» мебошад, ки баробари ҳафтанома шабакаи радио ва сомонаи худро дорад ва дар маводди худ ба расонаҳои бонуфузи хориҷию байналмилалӣ истинод карда, назари коршиносонаро низ пешниҳод менамояд.

Аз ҷумла, дар чунин мавод, ки аз ҷониби коршиносони масоили сиёсӣ таҳия мешавад, ба маводди «Мавҷи Олмон» ҳам бештар таваҷҷуҳ мешавад. Ба гунаи мисол якчанд намунаҳоро тазаккур медиҳем.

*Як ҳафтаи ҷаҳон: Муносибати воқеии Чин бо Осиёи Марказӣ ва масъалаи садоқат ба ватан дар Русия*

*Соҳибихтиёрии кишварҳои собиқи Иттиҳоди Шуравӣ ҳақиқӣ нест — ин фикри шахсии сафири Чин аст, аммо он дар Вазорати корҳои хориҷӣ ва умуман роҳбарияти Чин то чӣ андоза роиҷ аст?*

*Шарҳи рӯйдодҳои асосии байналмилалии ҳафтаи сипаришуда, ки ба минтақаи Осиёи Марказӣ дахл доранд – аз моҷароҳои дипломатӣ то мушкили муҳоҷирати корӣ ва шаҳрвандӣ [161].*

Дар ин сарлавҳа ва зершарҳи он, ки ба рӯйдодҳои муҳимми байналмилалӣ дар давоми ҳафта ва инъикоси онҳо аз ҷониби расонаҳои кишварҳои алоҳида ва ҳам расонаҳои байналмилалӣ бахшида шудааст, чанд хабар батафсил тазаккур меёбад, ки мо ба хабаре, ки, асосан, ба «Мавҷи Олмон» истинод шудааст, таваҷҷуҳ мекунем: «Ҳафтгонаи Бузург»: тартиботи ҷаҳонӣ зери хатар аст?

Рӯзи 17 апрел вазирони хориҷаи кишварҳои G7, ки ба он Олмон, Фаронса, Италия, ИМА, Британияи Кабир, Канада ва Ҷопон шомиланд, дар як гирдиҳамоии серӯза дар Ҷопон гирдиҳам омаданд. Ёдрас мекунем, ки Ҳафтгонаи бузург («Гурӯҳи ҳафт», G7) як маҳфили ғайрирасмии байналмилалист, ки Британияи Кабир, Олмон, Италия, Канада, Фаронса, Ҷопон ва ИМА, яъне кишварҳои аз ҷиҳати технологӣ ва иқтисодӣ пешрафтаро муттаҳид мекунад.

Ин дафъа мавзуи аслии баҳс мушкили ҳифзи тартиботи ҷаҳонӣ буд, ки ба гуфтаи иштирокчиёни ҳамоиш, ба далели ҷанг дар Украина ва афзоиши ташаннуҷ дар атрофи Тайван зери хатар қарор дорад.

Ба навиштаи нашрияи олмонии Frankfurter Allgemeine, намояндагони кишварҳои G7 бо назардошти, пеш аз ҳама, Русия ва Чин, ҳушдор додаанд, ки аз ҳар гуна кӯшиши тағйири низоми байналмилалӣ бо зӯр пешгирӣ шавад.

Дар мулоқот аҳаммияти сулҳу субот дар гулӯгоҳи Тайван тасдиқ шуда, аз вазъи баҳри Чини Шарқӣ ва Чини Ҷанубӣ, инчунин масъалаҳои марбут ба Шинҷону Тибет изҳори нигаронӣ карда шуд.

Вазири корҳои хориҷии Ҷопон дар ин робита гуфт: «Мо ҳама гуна кӯшиши якҷониба бо роҳи зӯрӣ тағйир додани вазъи мавҷударо рад хоҳем кард». Ба навиштаи ин нашрия, Чин саъй дорад мавқеи қудрати худро дар минтақа, аз ҷумла аз лиҳози иқтидори ҳарбӣ густариш диҳад.

Дар фаҳмиши ҷомеаи ҷаҳонӣ «тартиботи ҷаҳонӣ»-и муосир ба ду принсип асос ёфтааст.

Якум, дар асоси принсипи дахлнопазирии сарҳадҳои байнидавлатӣ, ки баъд аз ҷанги дуюми ҷаҳон ва пошхурии Иттиҳоди Шуравӣ муқаррар карда шудаанд.

Аз ин нуқтаи назар, бозбинии сарҳадҳои муқарраршуда ва эътирофшудаи байналмилалӣ ғайри қобили қабул дониста мешавад, зеро он ҳатман боиси ҷангу низоъҳои нав хоҳад шуд.

Дуюм, аз рӯйи принсипи баробарӣ дар назди ҳуқуқи байналмилалӣ, ки ба кишварҳо бо назардошти таҳриму инзиво имкон намедиҳад, ки ба ҳамсояҳои заифтар ҳамла кунанд ва онҳоро забт кунанд.

Пас аз пошхурии Иттиҳод ва таъсиси ИА дар ҷаҳони Ғарб эътиқоди умумӣ вуҷуд дошт, ки минбаъд қитъаи Аврупо аз низоъҳо озод хоҳад буд ва низоъҳои бузурги сермиллат паси сар шуданд. Ин ба «демилитаризатсия (ғайринизомӣ кардан)-и Аврупо дар солҳои 1990 ва 2000-ум оварда расонд, вақте ки аксарияти кишварҳои узви ИА хароҷоти низомии худро пайваста кам мекарданд.

Аз ин лиҳоз, кишварҳои G7 ҷанги Украина ва сиёсати Чинро нисбат ба Тайван маҳз кӯшиши бознигарии марзҳо медонанд, ки тартиботи муқарраршудаи ҷаҳониро зери хатар мегузорад.

Аз рӯйи ин мантиқ, агар имрӯз ба Русия иҷоза дода шавад, ки Украинаро бидуни ҷазо ишғол ва нобуд созад, пас пагоҳ Чин бо Тайван ҳамин тавр рафтор мекунад ва рӯзи дигар ҳар давлати сеюм боз ҳақ хоҳад

дошт, ки бо ҳамсояҳо ё рақибони заифтараш чунин муносибатро раво донад – он гоҳ тамоми тартибот ва суботи ҷаҳонӣ аз байн меравад.

Чунин вокуниши якдилонаи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳамлаи Русия ба Украина, чунин миқёси таҳримҳои зидди Русия ва чунин гуфтаву изҳороти шадид дар робита ба мушкили Тайван аз ҳамин ҷост.

Дар ин робита, нишасти Ҷопон бори дигар бояд «азми қатъии кишварҳои G7-ро барои нигоҳ доштани тартиботи байналмилалӣ бар асоси волоияти қонун» нишон медод.

Дар ҳамин ҳол, Чин ва Русия ҳар кадом ба ин нишаст ба таври худ посух доданд: Флоти Укёнуси Ором, ба навиштаи DW, дар ҳамин вақт дар наздикии соҳилҳои Ҷопон машқҳои густарда анҷом медод.

Дар робита ба Чин, Ван Венбин, сухангӯйи вазорати хориҷаи Чин гуфт, ки «вохӯрии вазирони хориҷаи G7 ба корҳои дохилии Чин дағалона дахолат карда, Чинро бадқасдона туҳмат ва бадном кардааст» ва «баёния худбинӣ, таассуб ва хоҳиши барқасдонаи муҳосира ва боздошти Чинро аз ҷониби ин гурӯҳ инъикос мекунад» [161].

Тавре дида мешавад, ҳарчанд дар ин шарҳ аз чанд расонаи дигар ҳам иқтибос шудааст, аммо, ба назари мо, маълумоти муҳим навиштаи «Мавҷи Олмон» аст, ки чун натиҷаи бархӯрд оварда шудааст ва чун авҷи ҳодисот дониста мешавад.

Матлаби дигар ҳам, ки чун матлаби пештар ба қалами сиёсатшинос Парвиз Муллоҷонов тааллуқ дорад, ба шарҳи ҳаводиси ҷаҳон бахшида шудааст: Як ҳафтаи ҷаҳон: Ғарб ба Украина аслиҳаи ҳамлакунанда медиҳад. Шаҳрвандони Тоҷикистон (мисли дигар сокинони Осиёи Марказӣ) бо дарёфти шаҳрвандии Русия, хатари ба таври оммавӣ пур кардани сафҳои сафарбаршудагонро ба ҷанг дар Украина доранд [160].

Интиқоли бастаи нави аслиҳа ба Украина, «ҷанги изҳорот ва қонунҳо» байни Иттиҳоди Аврупо ва Русия, «иттиҳоди газӣ» байни Маскав ва Остона ва даъвати Бастрикин барои фиристодани шаҳрвандони нави Русия ба ҷанг – ин ва дигар хабарҳо дар шарҳи ҳаводиси байналмилалии ҳафтаи гузашта.

*Вохӯрӣ дар Рамштайн.*

Ҷаласаи ҳаштуми кишварҳои иттифоқчӣ ба унвони «Рамштайн»-ро, ки барои баррасии масъалаҳои кумаки ҳарбӣ ба Украина ба таври мунтазам баргузор мешавад, метавон яке аз рӯйдодҳои муҳимтарини сиёсии ҳафтаи гузашта донист.

Таваҷҷуҳ ба ин вохӯрӣ ба ду омил асос ёфтааст: аввалан, он ба ибтидои соли 2023 рост омада, қарорҳои қабулшуда ҳаҷми кумаки низомиро ба Украина ҳадди ақал ба муддати ним соли наздик муайян мекунад.

Сониян, ин мулоқот дар як марҳалаи гардиш дар ҷанги Русияву Украина, дар пасманзари набардҳои шадид дар Донбасс ва гузоришҳо дар бораи ҳамлаи густардаи артиши Русия дар моҳҳои феврал-март сурат гирифт.

Тавре ки BBC хабар медиҳад, натоиҷи ин дидор, воқеан, қобили таваҷҷуҳ будааст – кишварҳои ширкаткунанда дар бораи бастаи кумаки чандмиллиарддолларии низомӣ ба Украина барои чанд моҳи оянда ба мувофиқа расиданд.

Ҳамин тариқ, ИМА ба Украина ба маблағи 2,5 млрд доллар аслиҳа, аз ҷумла мошинҳои зиреҳпӯши пиёдагарди (БМП) Bradley, мошинҳои вазнини зиреҳпӯши Stryker, мушакҳои зиддитанкии TOW, мошинҳои фармондеҳию ситодӣ, мошинҳои зиреҳпӯши MRAP, 350 ҷипҳои HMMWV интиқол медиҳад.

Дигар кишварҳо ваъда доданд, ки мошинҳои зиреҳпӯш барои неруҳои пиёдагард, тӯпҳои гуногун, низомҳои дифои зиддиҳавоӣ, чархболу мушак ва дигар муҳиммоти ҷангӣ медиҳанд. Дар ҳамин ҳол, ҷонибҳо бобати интиқоли танкҳои вазнин ба Украина ба истисноли 12 танки «Challenger»-и истеҳсоли Британия, ба созиш расида натавонистанд.

Яке аз масъалаҳои муҳимми вохӯрӣ таъмини Украина бо танкҳои Леопарди истеҳсоли Олмон буд. Дигар кишварҳо ба интиқоли он омодаанд, лекин барои ин розигии Олмон лозим аст. Канслери Олмон

Олаф Шолтс ҳоло бо сабаби ташдиди хатар ба амният дар минтақа интиқоли онро рад мекунад.

Ба иттилои «Мавҷи Олмон» (DW), вазири нави мудофиаи Олмон Борис Писториус санҷиши парки танкҳои Leopard-ро супориш дода, изҳор доштааст, ки «агар бо иттифоқчиён созиш ҳосил шавад», қарор зуд қабул мешавад. Ин ҷо сари ИМА сухан меравад, ки онҳо ҳам ба ҳалли масъалаи таъмини Украина бо танкҳои «Абрамс» розигӣ намедиҳанд.

Натиҷаҳои ҳамоиши Рамштайн гувоҳи онанд, ки Ғарб ба интиқоли яроқи ҳамлакунанда, ки пештар аз он худдорӣ мекард, оғоз намуд. Ба эҳтимоли зиёд, интиқоли танкҳо ҳам ба наздикӣ сурат мегирад.

Дар ин ҳошия, ба иттилои РБК-Украина изҳороти роҳбари Сарраёсати иктишофии Вазорати дифои Украина қобили таваҷҷуҳ мебошад, ки гуфтааст, оид ба интиқоли танкҳо ба Украина созиш ҳосил шуда, дар марҳилаи ҳозира гуфтушунидҳои дар хусуси чӣ гуна пешниҳод кардани маълумот ҷараён доранд.

Илова бар ин, рӯзи якшанбе DW изҳороти вазири корҳои хориҷии Олмон Анналена Бербокро дар бораи монеа эҷод накардани Олмон ҷиҳати интиқоли танкҳои Леопард аз Лаҳистон (Полша) ба Украина нашр кард.

Тааҷҷубовар нест, ки дар Маскав ба натиҷаҳои форум дар Рамштайн вокуниши манфӣ ба бор омад. Бино ба маълумоти газетаи «Ведомости», сухангӯйи ВКХ Русия Мария Захарова вохӯрии Рамштайнро «иғвогарии ошкорои Ғарб» унвон кард, ки ногузир ба афзоиши қурбониён ва шиддат гирифтани вазъияти хатарнок оварда мерасонад».

Ҳафтаи гузашта равобити Русия ва Аврупо пас аз қарори Парлумони Иттиҳоди Аврупо (ИА) дар бораи ташкили суди Аврупо «барои баррасии ҷиноятҳои ҷанги Русия дар Украина бадтар шуд».

DW ҳамчунин хабар медиҳад, ки додгоҳ бояд салоҳияти тафтиши фаъолияти на танҳо Владимир Путин, балки Александр Лукашенко ва шарикони ӯро дар Беларус дошта бошад [160].

Дар ҳамин ҳол, Владимир Путин, президенти Русия, ба Думаи давлатӣ пешниҳод кард, ки созишномаҳои байналмилалии Шурои

Аврупоро бо санаи пешин бекор кунад. Гап сари он аст, ки 16 марти соли 2022 Шурои Аврупо Русияро барои ҳамлаи низомӣ ба Украина аз узвияташ хориҷ кард.

Аз ин намуна ҳам чунин бармеояд, ки дар шарҳи муҳимтарин хабари ин ҳафта низ истиноди аслӣ ба «Мавҷи Олмон» (DW) ва дар муқоиса ба сарчашмаҳои дигар ба он бештар таваҷҷуҳ зоҳир гардидааст.

Дар баробари ин, расонаҳои фазои иттилоотии Тоҷикистон, инчунин, бахши тоҷикиии радиои «Озодӣ» низ дар матолиби худ ба «Мавҷи Олмон» (DW) истинод мекунад, ки чанде аз онҳоро зикр менамоем.

*Тоқаев монд.*

Сиёсати Қазоқистон бо Тоҷикистону дигарон чӣ хоҳад шуд?

Қосимҷомарт Тоқаев дар интихоботи зудҳангоми 20-уми ноябр, ки ба хулосаи нозирони байнулмилалӣ бе рақобати воқеӣ гузашт, дигарбора раиси ҷумҳури Қазоқистон интихоб шуд. Вай ба иҷрои дурнамои сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвараш 7 сол муҳлат дорад.

Ин интихоботи дувуми сиёсатмадори 69-сола дар се соли охир аст. Ба иттилои расмӣ, Қосимҷомарт Тоқаев дар сабқат бо рақибони заифи худ 81 дарсади раъйи интихобкунандаҳоро ба даст овард. Нозирону мухолифон шубҳа карданд, аммо ҳеҷ ноороми иҷтимоӣ дар пай надошт.

Пас аз тазоҳуроти густурда бо талафоти зиёд дар моҳи январи имсол, ба назар мерасад, ҷомеаи Қазоқистон барои пазируфтани ҳукумати такфардии Тоқаев ба унвони сиёсатмадори мустақил ва бидуни ҳимояти Нурсултон Назарбоев омодаанд.

Тоқаев дар рӯзи интихобот таъкид кард, ки дар Қазоқистон ислоҳоти сиёсӣ идома хоҳад дошт, рӯйи пайдо шудани чеҳраҳои нав дар порлумон ҳисоб мекунад ва сиёсати бисёрҷонибаи Қазоқистонро идома медиҳад. «Бо дар назар гирифтани мавқеи геополитикии Қазоқистон, доштани 300 миллиард доллар дар иқтисоди мо ва бо ин ки дар бозори мо ширкатҳои фаромарзии азим кор мекунанд, Қазоқистонро лозим аст, сиёсати хориҷии чандҷонибаро рӯйи даст бигирад», – гуфт Тоқаев.

Баёнияи Қосимҷомарт Тоқаев дар шаҳри Санкт-Петербург дар мавриди ба расмият нашинохтани давлатҳои худхонда дар қаламрави Украина боиси вокунишҳои ҷаҳонӣ ва мавриди қабули ҷомеаи Қазоқистон гардид. Аммо аён аст, ки ин баёния ба идомаи ҳамкорӣ бо Русия таъсири хосе надошт.

«Қазоқистон тамоми кӯшиши худро барои рушди бештари равобит бо шарики стратегии доимӣ бо Русия, шарикии стратегии абадӣ бо Чин, шарикии стратегӣ бо Амрико, ҳамкории ҳамаҷониба бо кишварҳои бародари Осиёи Марказӣ ва, албатта, бо Туркия ва ҳамаи кишварҳои Осиё ва Ховари Миёна ба кор хоҳад гирифт», – иқтибос овардааст радиои «Мавҷи Олмон» (DW) аз суҳбати пешазинтихоботии Тоқаев [133].

Дар хабари дигар низ сарчашмаи асосии маълумот «Мавҷи Олмон» (DW) дониста мешавад:

*Аз Сиан то Берлин.*

Сабаби таваҷҷуҳ ба Тоҷикистон ва ҳамсояҳояш чист? Дар пасманзари ҷанги Русия дар Украина кишварҳои Осиёи Марказӣ мавриди таваҷҷуҳи бесобиқаи бозигарони ҷаҳонӣ ва минтақавӣ қарор гирифтаанд.

Шаҳри Берлин бори аввал рӯзи 29-уми сентябр мизбони сарони кишварҳои Осиёи Марказӣ дар қолаби C5+1 буд. Даҳ рӯз пеш аз он дидори мушобеҳ бо Ҷо Байден, раисиҷумҳури Амрико дар Ню-Йорк гузашт.

Натиҷаи ин нишаст баёнияе буд, ки аз эҷоди «шарикии стратегии минтақавӣ» байни Олмон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ хабар дод.

Сарони кишварҳои минтақа тааҳҳуди худро ба усули «эҳтиром ба ҳокимият, Истиқлол ва тамомияти арзии ҳамаи кишварҳо» ва ҳамчунин «мамнуияти таҳдид ба истифода аз зӯр» эълон карданд. Агарчи калимаи «Украина» дар санад вуҷуд надошт, бо таваҷҷуҳ ба ҷанги Русия дар ин кишвар ба назар мерасад, ки ин паём ба Маскав фиристода шуд.

Ҷонибҳо ба зарурати тақвияти ҳамкорӣ бо Олмон дар заминаҳои рушди барқи сабз, соҳибкории хусусӣ, таҳкими робитаҳои тиҷоратиро ба воситаи «даҳлези мобайнӣ» ва ғайра таъкид карданд.

Ба навиштаи «Мавҷи Олмон», таваҷҷуҳи ин кишвар ба Осиёи Марказӣ, воқеан, пас аз таҷовузи Русия ба Украина аҳаммият пайдо кард: «Олмон аз назари кумакҳои низомӣ ба Украина пас аз Амрико дар ҷойи дуюм қарор дорад ва ба эҷоди эътилофи бузурги байналмилалӣ аз ҳисоби кишварҳое моил аст, ки таҷовузи Русияро маҳкум ва аз сиёсати таҳримҳо алайҳи Маскав ҳимоят мекунанд».

«Дар айни ҳол, барои Берлин маҳкумияти ошкори ҷанги Русия алайҳи Украина тавассути раҳбарони Осиёи Марказӣ муҳим нест, балки суханҳои пушти дарҳои бастаи онҳо муҳим аст» [133], – навишт манбаъ.

Гузориши танқидӣ дар бораи артиши Украинаро месанҷанд. Гузориши созмони Amnesty International дар бораи сӯиистифодаи низомиёни украинӣ аз макотиб ва манзилҳои зисти сокинонро коршиносони байналмилалӣ месанҷанд.

Дар ин бора «Мавҷи Олмон» хабар додааст. Ҳомиёни ҳуқуқ дақиқ карданианд, ки чаро ин гузориш вокуниши манфӣ ба бор овард. «Мо мехоҳем фаҳмем, ки чаро чунин шуд ва аз ин бояд дарс гирем» [139],— гуфтанд дар ин созмон.

Гузориши Amnesty International дар расонаҳои Русия зиёд бозтоб ёфт ва баъдан, созмон таассуф хӯрд, ки дар он гузориш таҷовузи Русияро маҳкум накардааст. Дар гузориши ин созмон аз рӯзи 4-уми август гуфта мешуд, ки низомиёни украинӣ дар мактабу хонаҳои сокинон пинҳон мешаванд ва ҷони одамони одиро бо ин корашон дар хатар мегузоранд. Ин гузориш хашми мансабдорони украиниро ба бор овард ва созмонро ба ҷонибдории Русия муттаҳам карданд.

Агнесс Каламар, раҳбари Amnesty International, гуфт, ки ҳадафи онҳо чунин набуд, балки мехостанд, Русия ва Украина ҷони мардуми одиро дар хатар нагузоранд.

Ба ин монанд, дар чанд хабари дигари радиои «Озодӣ» ҳам сарчашмаи асосии маълумот «Мавҷи Олмон» дониста мешавад: Лукашенко аз Олмон хост, ҳудуди 2 ҳазор муҳоҷирро қабул кунад.

Олмон даъвати Минскро дар бораи қабули 2 ҳазор муҳоҷире, ки дар як урдугоҳи муваққатӣ дар марзи Белорус бо Лаҳистон қарор доранд, рад кард. Бино ба иттилои «Мавҷи Олмон», намояндаи расмии ҳукумати Олмон 22-юми ноябр гуфтааст, ин кишвар ва Иттиҳоди Аврупо наметавонанд пешниҳоди раҳбари Белорус Александр Лукашенкоро пазиранд [142].

Дар Олмон 1,2 миллион коргар намерасад. Агентии федеролии меҳнат дар Олмон аз норасоии 70 навъи мутахассисон дар ин кишвар хабар додааст. Ба навиштаи хабаргузории «Мавҷи Олмон», дар ин кишвар 1,2 миллион коргар намерасад.

Маркус Йергер, як мақомдори Олмон гуфтааст, ки норасоии коргарон ва мутахассисон ба иқтисод зиён мерасонад. Ӯ даъват кардааст, ки аз кишварҳои дигар бояд мутахассисонро бештар барои кор даъват кунанд. «Дар Олмон омӯзонидани 390 касб ҷараён дорад, вале касбомӯзон кам ҳастанд», – гуфтааст ӯ.

Ба иттилои Донишгоҳи иқтисодии Олмон, дар ин кишвар бештар коргарон дар соҳаи иҷтимоӣ намерасанд. Дар Олмон ба муҳандисони сохтмон, устоҳои таъмири таҷҳизоти хонаҳо ва ронандаҳои мошинҳои боркаш аз ҳама бештар ниёз будааст [142].

Ҳамин тавр, маълум мегардад, ки ширкати телевизион ва радиои «Мавҷи Олмон» ҳамчун як расонаи бонуфузи байналмилалӣ дар муҳити иттилоотии ҷаҳон мавқеи устувор дорад ва ҳамчун сарчашмаи иттилоъ барои расонаҳои дигар дониста мешавад.

Дар ин баробар, бахши тоҷикии радиои «Озодӣ», ки яке аз расонаҳои фазои иттилоотии Тоҷикистон дониста мешавад, дар матолиби худ ба «Мавҷи Олмон» ҳамчун сарчашмаи иттилоъ мутаваҷеҳ мешавад. Ҳарчанд ин як падидаи маъмулист, ки расонаҳои байналмилалӣ ба якдигар истинод мекунанд, вале аз ҷониби расонае ҳамчун «Озодӣ», ки дар тамоми ҷаҳон маъруфият дорад, таваҷҷуҳ намудан ба матолиби «Мавҷи Олмон» далели мавқеи устувор доштани он дар фазои иттилоотии олам аст.

Агар дар расонаҳои дохилии Тоҷикистон, ки чанд намуна аз иқтибосовариҳои онҳо зикр шуд, таваҷҷуҳ намудан ба «Мавҷи Олмон» ҳамчун сарчашмаи маълумот як амали маъмулӣ бошад (чун дар аксар кишварҳо чунин ҳолат ба назар мерасад, ки агентиҳои ҷаҳонӣ ва расонаҳои байналмилалӣ ҳамчун сарчашмаи маълумот دониста мешаванд), пас, ба он истинод намудани расонаҳои дигар аз аломатҳоест, ки нишони мавқеи устувори «Мавҷи Олмон» дар саросари ҷаҳон ҳамчун расонаи таъсиргузор мебошад.

Хулоса, дар фасли дуюми боби мазкур ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон» ҳамчун сарчашмаи маълумот барои расонаҳои дигар мавриди баррасӣ қарор гирифт. Дар ин фасл баррасии мисолҳо, асосан, аз расонаҳои дохилии Тоҷикистон сурат гирифтааст, ки дар матолиби онҳо ба «Мавҷи Олмон» ҳамчун сарчашмаи аслии маълумот ишора шудааст. Маълум мегардад, ки ширкати «Мавҷи Олмон» баробари он ки бевосита дар фазои иттилоотии Тоҷикистон мавқеъ дорад, яъне ба он таваҷҷуҳ ҳаст, боз дар баробари ин, дар ҷомеаи иттилоотии кишвар ҳам ба он диққат дода мешавад ва аз матолибаш ба сифати сарчашма истифода мегардад. Дар мисоли як намуна ба назар мерасад, ки матолиби ин ширкат барои расонаҳои ҳукуматии кишвари Тоҷикистон низ сарчашмаи иттилоот будааст ва мавридҳои истинод ба он ҳам ба мушоҳида мерасад. Маълум мегардад, ки ба мисли дигар расонаҳои байналмилалӣ, «Мавҷи Олмон» барои расонаҳои мустақили фазои иттилоотии Тоҷикистон ҳамчун манбаи иттилоъ шинохта мешавад ва аз матолиби он истифода мегардад.

# ХУЛОСА

Фаъолияти расонаҳои байналхалқии кишварҳои абарқудрат дар кишварҳои дигар аз нишонаҳои демократия ва риояи ҳуқуқи шаҳрвандон ба гирифтани иттилои алтернативӣ мебошад. Ҳамчунин набояд фаромӯш кард, ки ин расонаҳо сиёсату манфиатҳои давлату ҳукумати худро ифода карда, дар ташаккули афкори ҷомеаи кишварҳое, ки фаъолият менамоянд, нақши назаррас мегузоранд.

Ба шарофати истиқлоли давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баробари ВАО-и гуногунмоликияти ватанӣ фаъолият доштани намояндагиҳои расонаҳои хориҷӣ (аз ҷумла «Озодӣ», Би-Би-Си, «Мавҷи Олмон» ва ғайра), аз як тараф, ба шартномаҳои байналхалқию байнидавлатӣ рабт дошта бошад, аз паҳлуи дигар, нишонаи эътирофи арзишҳои умумибашарие мисли озодии баён ва дастрасӣ ба иттилоот аз ҷониби Давлату Ҳукумати Тоҷикистон мебошад. Ҳамчунин, ин амал бозгӯйи узви фаъоли ҷомеаи ҷаҳонӣ буда, дар роҳи эъмори ҷомеаи демократӣ устувор будани Ҷумҳурии Тоҷикистонро нишон медиҳад.

Фаъолият доштани расонаҳои байналмилалӣ дар Тоҷикистон ба пешрафти журналистикаи тоҷик низ мусоидат менамояд. Рақобати солим дар пешниҳоди иттилоии саривақтии дуруст, гирифтани малакаву маҳорати касбӣ аз ҳамкорони хориҷӣ, омӯзиши усулҳои муосири омодасозии маводди журналистӣ ва таҷрибаи истифодаи технологияи нави иттилоотӣ дар фаъолияти амалӣ боиси рушди касбияти кормандони воситаҳои ахбори омма мегардад. Созмонҳои байналмилалии журналистӣ ҳар сол вазъи риояи ҳуқуқи одамонро дар иттилоъгирӣ ва озодии баён дар кишварҳои олам омӯхта, таҳлил мекунанд. Дар ин таҳлилҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқоиса бо бисёр кишварҳои олам ва аз ҳама давлатҳои Осиёи Марказӣ болотар аст. Зеро Ҳукумати Тоҷикистон пайваста ба муаммоҳои фаъолияти журналистон таваҷҷуҳ ва нақши онҳоро дар пешрафти ҷомеаву ислоҳи камбудиҳо эътироф менамояд. Аз қонунгузории ҷиноятӣ ба қонунгузории граждани гузаронидани моддаҳои 135 ва 136-и

Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармони №622-и Президенти мамлакат аз 7-уми феврали соли 2009 «Дар бораи вокуниши шахсони мансабдор ба маводди танқидию таҳлилии воситаҳои ахбори омма», Амри Президент (аз 4-уми марти соли 2005) «Дар бораи нишастҳои матбуотӣ», ба таври танатанавӣ ҷашн гирифтани Рӯи матбуоти тоҷик, Рӯзи кормандони радио ва телевизион гувоҳи ин таваҷҷуҳ ва эътироф мебошанд. Ҳамаи ин комёбиҳо натиҷаи сиёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон мебошанд.

Дар шароити муосир, ки замони бошиддат доман паҳн кардани раванди ҷаҳонишавӣ мебошад, тамоми муносибатҳои ҷамъиятӣ ба таҳаввулоту дигаргуниҳо дучор гардидаанд. Дар ин миён, ин раванд ба рушд ёфтани соҳаҳо низ муосидат мекунад ва боиси дигаргун гардидани онҳо аз ҳар нигоҳ низ мегардад.

Дар мисоли расонаҳо ин дигаргуниҳо бениҳоят ҷиддӣ ҳастанд, зеро асри навро асри иттилоот ном мебаранд, ки давоми бештар аз бист соли садаи XXI ин ҳақиқат ошкортар гардида истодааст.

Ҳарчанд масъалаи муҳиммияти иттилоот ҳамеша дар madди назар буду ҳаст, аммо дар замони муосир инқилобҳои техникӣ иттилоъро ба муҳимтарин унсури идоракунанда табдил доданд.

Ин ҳақиқат аз таърихи рӯзноманигории ҷаҳон ва кишварҳои алоҳида маълум аст, ки ҳамеша дар ҳама маврид ба расонаҳо таваҷҷуҳ буд ва барои рушду пешрафти онҳо ба қадри имкон кӯшиш карда мешуд, вале дар замони имрӯз ин нақшу мавқеъ ниҳоят муассир аст, ки онро дар фаъолияти ҳамарӯзаи расонаҳои байналмилалӣ ва агентиҳои иттилоотии ҷаҳонӣ мушоҳида мекунем.

Иттилоот ҳамчун муҳимтарин абзор дар сиёсату амнияту иқтисод ва ҳамин тавр, тамоми соҳаҳо дониста мешавад. Ин аст, ки дар муҳити иттилоотии олам барои бештар фаро гирифтани ҳудуду мавзеъҳо кишварҳои абарқудрат ва таъсиргузор ҳамаҷониба кӯшиш менамоянд. Ин кӯшишҳо бо роҳҳои таъсис додану тавсеа бахшидани доираи фаъолияти агентиҳои иттилоотӣ ва расонаҳои байналмилалӣ амалӣ карда мешаванд.

Кори диссертатсионии мо низ бо назардошти ҳамин нуктаҳо ва бо фарогирии мақсаду вазифаҳои мушаххас сурат гирифт.

Барномаву гузоришҳои «Мавҷи Олмон», пеш аз ҳама, манфиат ва таваҷҷуҳи аудиторияи худашро фаро мегиранд. Ин матлабҳо дар баробари пешниҳоди иттилои гуногун дар бораи рӯйдод ва навигариҳои кишварҳои хориҷӣ, барои ҷалби сайёҳон, тарғибу ташвиқи сиёсат, фарҳанг ва ҳунар (санъат)-и Иттиҳоди Аврупо ва Олмон нақши калон мебозанд.

Дар натиҷаи муқоисаи барномаҳои радиои «Озодӣ» ва «Мавҷи Олмон», маълум гардид, ки на ҳама маълумоте, ки расонаҳои байналмилалӣ доир ба моҳияти фаъолият ва шакли идориву маъмурии худ медиҳанд, дурусту воқеӣ аст. Инро дар мисоли яке аз расонаҳои байналмилалии дар миқёси кишварҳои Осиёи Марказӣ нуфуздошта – радиои «Озодӣ», бештар мушоҳида кардан мумкин аст.

Ширкати телевизион ва радиои «Мавҷи Олмон» ҳамчун як расонаи байналмилалӣ дар фазои иттилоотии ҷаҳон мавқеи устувор дорад ва ҳамчун сарчашмаи иттилоъ барои расонаҳои дигар дониста мешавад. Аз ҷумла расонаҳои дигари байналмилалие монанди радиоҳои «Озодӣ», Би-Би-Си ва баъзе воситаҳои ахбори Тоҷикистон дар матолиби худ ба «Мавҷи Олмон» ҳамчун сарчашмаи иттилоъ мувоҷеҳ мешавад. Ҳарчанд ин як падидаи маъмулист, ки расонаҳои байналмилалӣ ба якдигар истинод мекунанд, вале аз ҷониби расонае ҳамчун «Озодӣ», ки дар тамоми ҷаҳон маъруфият дорад, таваҷҷуҳ намудан ба матолиби «Мавҷи Олмон» далели мавқеи устувор доштани он дар фазои иттилоотии олам аст. Инчунин, ВАО-и Тоҷикистон (нашрияҳои «Народная газета», «Азия-плюс», агентии «Ховар» ва ғайра) низ баъзан аз барномаву гузоришҳои «Мавҷи Олмон» истифода менамоянд. Ин матлабҳо ба мавқеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, нишон медиҳанд, ки «Мавҷи Олмон» новобаста аз он, ки як расонаи ғарбист, рӯйдодҳоро то андозае дар такя ба воқеият холисона инъикосу таҳлил менамояд.

Ба ин тариқ, омӯзишу таҳқиқ, таҳлили мавзуи мазкур имкон дод, ки мо ба чунин натиҷаҳо расем:

1. Расонаҳои иттилоотии ҷаҳонӣ, ки ба кишварҳои алоҳида тааллуқ доранд, чанд марҳилаи инкишофро паси сар намуда, бо назардошти манфиатҳои геополитикии мамлакатҳои абарқудрат ба онҳо таваҷҷуҳ хос зоҳир гардида, барои тавсеаи фаъолияти онҳо шароит ва имкониятҳо фароҳам оварда шудааст [1-М].

2. Раванди инкишофи расонаҳои иттилоотӣ манфиатдор будани ҳукуматҳои кишварҳои бузургро дар самти кӯшишҳо барои идоракунии иттилоот дар минтақаҳои мухталифи ҷаҳон возеҳ менамояд [3-М].

3. Нақши расонаҳои байналмилалӣ дар фазои иттилоотии кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, таъсиргузор буда, ҳадафашон ифодаи манфиатҳои кишварашон мебошад [6-М].

4. Ҳар як расонаи байналмилалӣ бо ҳадафи мушаххасе таъсис дода мешавад ва вобаста ба шакли таъсис мазмуну муҳтавои хоси худро пайдо мекунад [4-М].

5. На он ҳама маълумоте, ки расонаҳои байналмилалӣ доир ба моҳияти фаъолияти худ ва шакли идориву маъмуриашон маълум менамоянд, дурусту воқеӣ аст [7-М].

6. Таъсиси ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон» ҳадафҳои хос дошта, шаклу услуби барномасозӣ, тарзи пешниҳоди матлабҳо ва истифодаи имкониятҳо барои ҷалби аудитория аз дигар расонаҳо фарқ дорад [2-М].

7. Расонаҳои байналмилалӣ аз муҳимтарин унсурҳои сиёсии муборизаи байни кишварҳои абарқудрат ба шумор мераванд ва ба мавҷудияти онҳо аҳаммияти махсус зоҳир мегардад [1-М].

8. Ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон» ҳамчун сарчашмаи маълумот барои расонаҳои хориҷии дигар, аз ҷумла радиои «Озодӣ» хизмат менамояд [8-М].

9. Дар баъзе матолиби расонаҳои дохилии Тоҷикистон, аз ҷумла расонаҳои ғайриҳукуматӣ низ, ба «Мавҷи Олмон» ҳамчун сарчашмаи аслии маълумот ишора шудааст [5-М].

10. Ҳамчунин, баррасиҳо далели онанд, ки Осиёи Марказӣ чун аз нигоҳи сиёсӣ ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи кишварҳои абарқудрат қарор дорад, бо ҳамин назардошт, расонаҳои байналмилалӣ низ ба рӯйдодҳои он ҳамеша мутаваҷҷеҳ ҳастанд ва онҳоро бо ҷузъиёт инъикос менамоянд [7-М].

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро дар самтҳои зерин истифода бурдан мумкин аст:

1. Нуктаҳо ва натиҷаҳои таҳқиқотро кормандони радио метавонанд дар фаъолияти ҳаррӯзаи худ мавриди истифода қарор диҳанд, зеро он таҳлилу баррасии фаъолияти расонаҳои байналмилалист.

2. Роҳбарияти радиоҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд натиҷаҳои кори диссертатсиониро дар мудирияти фаъолияти радио, вобаста ба роҳҳои самараноки ҳамгиро кардани онҳо ба хотири таъсир ба афкори ҷомеа дар татбиқи сиёсати Давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода баранд.

3. Натиҷаҳои кори диссертатсионӣ метавонанд ба самаранокии таблиғ ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар самти муносибат бо воситаҳои электронии ахбор мусоидат кунанд. Барои муқовимат ба таҳмили андешаву афкори ба манфиатҳои милливу ахлоқии ҷомеаи Тоҷикистон бегона зарур аст, ки воситаҳои ахбори оммаи миллӣ, хосса радиову телевизион ҳам, аз нигоҳи молиявӣ бештар дастгирӣ ёфтаву таъмин шаванд ва ҳам доираҳои расмӣ дар додани иттилоъ ба расонаҳои ватанӣ бартарӣ диҳанд.

4. Омӯзгорон дар кори амалии худ ҳангоми таҳияи барномаҳои нави таълимӣ дар факултет ва шуъбаҳои журналистика, омӯзиши курсҳои махсус дар ин мавзуъ метавонанд, аз маводди диссертатсия истифода намоянд, махсусан, онҳое, ки ба ҷанбаҳои сиёсии фаъолияти радио ва телевизион таваҷҷуҳ доранд.

5. Маводди таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонад ҳангоми навиштани корҳои курсӣ ва хатми донишҷӯёни тахассуси журналистикаи байналхалқӣ, радиову телевизион, инчунин, дигар рисолаҳои илмӣ истифода шавад.

6. Ин таҳқиқот, ки ба таърихи пайдоиш ва ташаккули шабакаҳои радио ва телевизионии байналхалқӣ, агентиҳои итттилооти хориҷӣ низ дахл мекунад, барои таҳқиқҳои дигар замина буда метавонад.

7. Натиҷаҳои кори диссертатсионӣ метавонанд на танҳо барои фаъолияти шабакаҳои радио ва телевизион, балки барои сохторҳои муайяни давлатӣ, ки ба ташкилу беҳтарсозии тарғибу ташвиқ дар ҷомеа машғул ҳастанд, мавод диҳад, зеро истифода аз усулҳои муосири таъсиргузорӣ ба афкор ба хотири ҳимояи манфиату арзишҳои милливу давлатӣ баманфиат хоҳад буд.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

## А) РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

### I. Санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ:


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) [Матн]. – Душанбе, 2016. – 136 с.
2. Қонуни ҶТ «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ» [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1996, №24, мод. 408; соли 1998., №10. мод.76; соли 1999, №6, мод. 166; соли 2000, №11, мод. 521; соли 2001, №7 , мод. 481; соли 2004, №2, мод. 39; соли 2006, №4, мод. 197, ҚҶТ аз 22.07.2013 с. №1014; аз 2.01.2019 с., №1572.


### II. Адабиёти илмӣ:


3. Агеенко, Ф. Л. Агентство Франс Пресс – АФП [Текст] / Ф. Л. Агеенко // Словарь собственных имён русского языка. Ударение. Произношение. Словоизменение. – М.: Мир и Образование; Оникс, 2010. – С. 59.
4. Азимов, А. Публитсистика ва замони муосир [Матн] / А. Азимов. – Душанбе: Дониш, 2004. – 204 с.
5. Азимов, А. Таърихи ташаккули радиои тоҷик [Матн] / А. Азимов. – Душанбе: Матбуот, 2005. – 24 с.
6. Азимов, А. Маҳорати таҳлилгарии журналисти телевизион [Матн] / А. Азимов. – Душанбе, 2013. – 84 с.
7. Артемов, В., Семенов, В. Би Би Си: История, аппарат, методы радиопропаганды [Текст] / В. Артемов. – М.: Искусство, 1978. – 256 с.
8. Асрори сухан (маҷмуаи мақолаҳо) [Матн]. – Хуҷанд, 2017. – 334 с.
9. Бакшин, Э.Г. Основы журналистики [Матн] / Э.Г. Бакшин. – М.: Наука, 2009. – 272 с.
10. Бобоев, Д., Ҳайдаров, С. Техника ва рӯзноманигорӣ [Матн] / Д. Бобоев, С. Ҳайдаров. – Душанбе: Пойтахт, 2018. – 132 с.

11. Бобоев, Д. Махсусияти кор дар ВАО-и навин ва классик [Матн] / Д. Бобоев. – Душанбе, 2018. – 124 с.
12. Брусницын, Н. А. Информационная война и безопасность [Текст] / Н. Брусницын. – М.: Вита-Пресс, 2001. – 279 с.
13. Ворошилов, В.В. Журналистика. Базовый курс [Текст] / В.В. Ворошилов. –СПб.: Изд-во Михайлова В.А., 2004. – 700 с.
14. Воситаҳои ахбори омма ва армонҳои миллӣ [Матн]. – Душанбе, 2015. – 158 с.
15. Гавра, Д. П. Основы теории коммуникации [Текст] / Д. П. Гавра. – СПб., 2011. – 282 с.
16. Голядкин, Н. А. История отечественного и зарубежного телевидения: Учеб. пособие для студентов вузов [Текст] / Н. А. Голядкин. – М.: Аспект Пресс, 2004. – 190 с.
17. Гулов, С. Амвоҷи сухан [Матн] / С. Гулов. – Душанбе, 2005. – 96 с.
18. Гулов, С., Раҳмонова, Ҷ. Воситаҳои ахбори омма оё оина буданд [Матн] / С. Гулов, Ҷ. Раҳмонова // Меваи Истиқлол (маҷмуаи мақолаҳо). – Душанбе: Озар, 2006. – 54 с.
19. Гулов, С. Нақши радиову телевизион дар фазои иттилоотии Тоҷикистон [Матн] / С. Гулов // Васоити электронии ахбор ва ормонҳои миллӣ (Маҷмуаи мақолаҳо). – Душанбе: Баҳманрӯд, 2015. – С 40-42.
20. Гулов, С., Ҷумъаев, М. Муқаддимаи журналистика [Матн] / С. Гулов, М. Ҷумъаев. – Душанбе, 2016. – 176 с.
21. Давронов, Д. Ҷаҳони муосир: мавқеи садо ва симо [Матн] / Д. Давронов, Ҷ. Раҳмонова. – Душанбе, 2007. – 156 с.
22. Дар моварои сухан (маҷмуи мақолаҳои илмӣ) [Матн]. – Душанбе, 2018. – 196 с.
23. Журналистика дар Тоҷикистон (маълумотномаи касбӣ барои журналистон) [Матн]. – Душанбе, 2006. – 136 с.
24. Журналистика ва замони муосир (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ) [Матн]. – Душанбе, 2013. – 128 с.

25. Журналистикаи байналхалқӣ (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ) [Матн]. – Душанбе: Озар, 2008. – 64 с.
26. Журналистикаи байналхалқӣ – II (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ) [Матн]. (маҷмуи мақолаҳо). – Душанбе: Озар, 2009. – 116 с.
27. Журналистикаи байналхалқӣ – IV (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ) [Матн]. (маҷмуи мақолаҳо). – Душанбе: Озар, 2012. – 136 с.
28. Журналистикаи байналхалқӣ – V (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ) [Матн]. (маҷмуи мақолаҳо). – Душанбе: Озар, 2013. – 144 с.
29. Журналистикаи байналхалқӣ – VI (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ) [Матн]. (маҷмуи мақолаҳо). – Душанбе, 2014. – 144 с.
30. Журналистикаи байналхалқӣ – VII (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ) [Матн]. (маҷмуи мақолаҳо). – Душанбе, 2015. – 128 с.
31. Журналистикаи байналхалқӣ – IX (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ) [Матн]. (маҷмуи мақолаҳо). – Душанбе, 2017. – 180 с.
32. Журналистикаи байналхалқӣ – X (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ) [Матн]. – Душанбе, 2019. – 184 с.
33. Журналистикаи тоҷик дар шароити ҷаҳонишавӣ (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ) [Матн]. – Бохтар, 2022. – 190 с.
34. Журналистикаи тоҷик ва масъалаҳои низоми нави ҷаҳон (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ) [Матн]. – Душанбе, 2004. – 88 с.
35. Замони муосир ва журналистика (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ) [Матн]. – Душанбе, 2011. – 166 с.
36. Зарубежная печать: Краткий справочник. Газеты. Журналы. Информационные агентства [Текст] / гл. ред. С. А. Лосев. — М. : Политиздат, 1986. – 526 с.
37. Засурский, Я.Н. Телерадиоэфир: История и современность [Текст] / Я.Н.Засурский. – М., 2005. – 239 с.
38. Камолиддинов, Б. Сухан аз баҳри дигарон гӯянд [Матн] / Б. Камолиддинов. – Душанбе, 2001. – 171 с.
39. Камолиддинов, Б. Сухан гуфтиву дурр суфтӣ ё рӯ ба рӯ бо микрофон [Матн] / Б. Камолиддинов. – Душанбе, 2007. – 96 с.

40. Кембелл, Роберт. Ташкили кори шуъбаи ахбор [Матн] / Роберт Кембелл. – Душанбе, 2010. – 87 с.
41. Қуддус, Ҷ. Жанрҳои журналистикаи телевизион [Матн] / Ҷ. Қуддус. – Душанбе, 2003. – 162 с.
42. Қутбиддин, Б. Воқеияти тасвир [Матн] / Б. Қутбиддин. – Душанбе, 2014. – 124 с.
43. Қутбиддин, Б. Роҳ ба сӯйи эҷод [Матн] / Б. Қутбиддин. – Душанбе, 2015. – 108 с.
44. Қутбиддинов, Б. Хосияти публитсистика [Матн] / Б. Қутбиддинов, Ҷ. Раҳмонова. – Душанбе, 2018. – 164 с.
45. Лемешко, Ю. Г., Лютова, Ю. А. Специфика функционирования информационного агентства «Синьхуа» в эпоху глобализации [Текст] / Ю. Г. Лемешко, Ю. А. Лютова // Вестник Амурского государственного университета. Сер. гуманитарные науки, 2012. – №58. – С. 10-13.
46. Deutsche Welle сегодня [Электроний ресурс] // Телеспутник, 1999 // URL: www.dw.com.
47. Манонова, М. Нақши наворбардор дар фаъолияти телевизионӣ [Матн] / М. Манонова // Васоити электронии ахбор ва ормонҳои миллӣ (маҷмуаи мақолаҳо). – Душанбе: Баҳманрӯд, 2015. – С 137-141.
48. Матвеева, А.Г. Дойче Прессе-Агентур [Текст] / А.Г. Матвеева // Большая Российская энциклопедия: в 30 т. – М.: Большая российская энциклопедия, 2007. — Т. 9. – 766 с.
49. Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе, 2021. – 12 с.
50. Мирзоалӣ, С. Равзанаи иттилоотӣ [Матн] / С. Мирзоалӣ. – Душанбе, 2007. – 65 с.
51. Мирзоалӣ, С. Хабар: аз Машриқ то ба Мағриб [Матн] / С. Мирзоалӣ. – Душанбе, 2009. – 196 с.
52. Мирзоалӣ, С. Журналистикаи байналхалқӣ дар замони муосир [Матн] / С. Мирзоалӣ. – Душанбе, 2018. – 92 с.

53. Муқим, Ҷ. Мақоми жанрҳо дар радиои «Озодӣ» [Матн] / Ҷ. Муқим. – Душанбе: Сино, 2000. – 55 с.
54. Муқим, Ҷ. «Мавҷи Олмон» – шабакаи байналхалқӣ [Матн] / Ҷ. Муқим // Дар моварои сухан. (Маҷмуаи мақолаҳо). – Душанбе, 2005. – С. 43-46.
55. Муқим, Ҷ. Сиёсат ва ҷанги иттилоотӣ [Матн] / Ҷ. Муқим. – Душанбе, 2006. – 71 с.
56. Муқим, Ҷ. Радиои Би-Би-Си: дирӯз ва имрӯз [Матн] / Ҷ. Муқим. – Душанбе, 2006. – 124 с.
57. Муқим, Ҷ., Нӯъмонов, А. Дастур барои радиожурналистони ҷавон [Матн] / Ҷ. Муқимов, А. Нуъмонов. – Душанбе: Озар, 2008. – 96 с.
58. Муқим, Ҷ. Мусоҳиба ва техникаи таҳияи он. Дастури таълимӣ [Матн] / Ҷ. Муқим. – Душанбе: Озар, 2013. – 160 с.
59. Муқим, Ҷ. Расонаҳои ҷаҳонии тарғиботии ИМА [Матн] / Ҷ. Муқим. – Душанбе, 2021. – 177 с.
60. Муқим, Ҷ. Журналистикаи мултимедиявӣ. Дастури таълимӣ [Матн] / Ҷ. Муқим. – Душанбе: Озар, 2016. – 128 с.
61. Муқимов, М. А. Нақши ВАО дар низоми нави ҷаҳонӣ [Матн] / М.А. Муқимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2018. – №2. – С. 251-255.
62. Муқимов, М.А. Нақши Радиои «Озодӣ» дар фазои иттилоотии Тоҷикистон [Матн] / М. А. Муқимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2018. – №3. – С. 268-273.
63. Муллоев Ш.Б. Жанрово-тематическое своеобразие таджикской публицистики времен Великой Отечественной Войны (1941-1945) [Текст] / Ш. Муллоев. – Душанбе, 2015. – 302 с.
64. Муродов, М. Луғати мухтасари истилоҳот ва мафҳумҳои рӯзноманигорӣ [Матн] / М. Муродов. – Душанбе, 2011. – 145 с.
65. Муродов, М. Асосҳои эҷоди журналистӣ [Матн] / М. Муродов. – Душанбе, 2014. – 255 с.

66. Мухторӣ, Қ. Хадамоти матбуотӣ ва робита бо ҷомеа [Матн] / Қ. Мухторӣ. – Душанбе, 2015. – 128 с.
67. Мухтори, К. Социальная коммуникация и СМИ: формирование общественного мнения [Текст] / К. Мухтори. – Душанбе, 2021. – 140 с.
68. Муъминҷонов, З. Жанрҳои хабарии журналистикаи телевизион [Матн] / З. Муъминҷонов. – Душанбе, 2011. – 66 с.
69. Нуралиев, А. Журналистикаи советии тоҷик [Матн] / А. Нуралиев, А. Саъдуллоев, И. Усмонов, У. Гулмуродов. – Душанбе, 1989. – 147 с.
70. Нуралиев, А. Таърихи журналистикаи кишварҳои хориҷӣ [Матн] / А. Нуралиев. – Душанбе: Сурушан, 2001. – 224 с.
71. Нуралиев, А. Асосҳои ҳуқуқии журналистика [Матн] / А. Нуралиев. – Душанбе: Деваштич, 2005. – 203 с.
72. Ҳайдаров, Ф. Равзанаи нигоҳ [Матн] / Ф. Ҳайдаров, С. Гулов, Б. Қутбиддинов [Матн]. – Душанбе, 2015. – 138 с.
73. Орифова, М. Особенности развития жанров в региональных телекомпаниях Республики Таджикистан [Текст] / М. Орифова. – Душанбе, 2010. – 192 с.
74. Полетаев, Э. Рӯзноманигории байналхалқӣ [Матн] / Э. Полетаев. – Душанбе, 2005. – 300 с.
75. Прохоров, Е.П. Свобода СМИ в журналистской деятельности [Текст] / Е. П. Прохоров. – М., 2001. – 351 с.
76. Радиожурналистика [Текст] / Под ред. А. А. Шерель. – М., Издательство Московского университета, 2000. – 480 с.
77. Раҳмон, Э. ВАО – муҳофизи манфиатҳои миллӣ: Суханронии Президент дар маросими ифтитоҳи муассисаҳои давлатии телевизиони «Варзиш», «Синамо» ва «Академияи воситаҳои ахбори омма» [Матн] // [Манбаи электронӣ]: http://www.prezident.tj/node/10829
78. Раҳимҷонов, Х.У. Меъёрҳои этикаи касбӣ дар журналистикаи тоҷик [Матн] / Х.У. Раҳимҷонов. – Душанбе: Ирфон, 2018. – 184 с.
79. Саибназарбекова, Ш.М. Концепция вещания и программная политика радио «Мир» [Текст] / Ш.М. Саибназарбекова // Актуальные

проблемы журналистики (Сборник научных статей) . – Душанбе, 2013. – С. 123-135.
80. Саидзода, З. Густариши ахлоқи миллӣ – посух ба паёмадҳои манфии ҷаҳонишавӣ [Матн] / З. Саидзода. – Душанбе, 2013. – 258 с.
81. Саидзода, З. Тоҷикистони муосир: масъалаҳои мубрами Истиқлоли миллӣ [Матн] / З. Саидзода. – Душанбе, 2016.
82. Сафарова, М. Шоу-барномаҳои телевизионӣ ва муаммои ҳаёти ҷавонон [Матн] / М. Сафарова // Васоити электронии ахбор ва ормонҳои миллӣ (маҷмуаи мақолаҳо). – Душанбе: Баҳманрӯд, 2015. – С. 25-26.
83. Сафарова, М. Телевидение и аудитория [Текст] / М. Сафарова. – Душанбе: Кайҳон, 2016. – 102 с.
84. Сафарова, М. Таъсири телевизион ба афкори умум [Матн] / М. Сафарова. – Душанбе, 2018. – 172 с.
85. Саъдуллоев, А., Гулов, С. Жанрҳои журналистикаи радио Қ. 1 [Матн] / А. Саъдуллоев, С. Гулов. – Душанбе, 1997. – 48 с.
86. Саъдуллоев, А., Гулов, С. Жанрҳои журналистикаи радио. Бахши дуюм: Жанрҳои таблиғӣ-публитсистӣ [Матн] / А. Саъдуллоев, С. Гулов. –Душанбе: Эҷод, 2005. – 96 с.
87. Саъдуллоев, А., Шоев, М. Асосҳои журналистикаи телевизион [Матн] / А. Саъдуллоев, М. Шоев. – Душанбе, 2005. – 60 с.
88. Саъдуллоев, А., Шоев, М. Асосҳои журналистикаи телевизион. Бахши дуввум бо тағйиру иловаҳо [Матн] / А. Саъдуллоев, М. Шоев. – Душанбе, 2010. – 110 с.
89. Саъдуллоев, А. Наҷвои наҷотофарин [Матн] / А. Саъдуллоев. – Душанбе, 2008. – 88 с.
90. Сохибназарбекова, Р. Журналистика СНГ. Учебное пособие [Текст] / Р. Сохибназарбекова. – Душанбе: РТСУ, 2018. – 141 с.
91. Сохибназарбекова, Ш.М. МТРК «МИР» объединяет русскоязычное простарнство СНГ [Текст] / Ш.М. Сохибназарбекова // Актуальные проблемы журналистики (сборник научных статей). – Душанбе, 2012.

92. Соҳибова, Б. Мусоҳиба дар телевизион: мақсад ва савол дар он [Матн] / Б. Соҳибова // Илм ва фановарӣ, 2013. – №4/1(105). – С. 78-82.
93. Стейнли, П. Гузориши телевизионӣ [Матн] / П. Стейнли. – Душанбе: Интернюс, 2013. – 32 с.
94. Султонов, М. Би-Би-Си [Матн] / М. Султонов // Энсиклопедияи Миллии Тоҷик. Ҷ. 2. – Душанбе: СИЭМТ, 2013. – С. 554.
95. Телерадиоэфир. История и современность [Матн] / Под редакции Я.Н.Засурского [Текст]. – М., 2005. – 239 с.
96. Усмонов, И.К. Назарияи публитсистика [Матн] / И. К. Усмонов. – Душанбе, 1999. – 100 с.
97. Усмонов, И. К. Воситаҳои ахбори омма ва сиёсати хориҷии Тоҷикистон [Матн] / И.К. Усмонов. – Душанбе: Сино, 2003. – 78 с.
98. Усмонов, И. Журналистика. Қ. 1 [Матн] / И. Усмонов. – Душанбе, 2005. – 480 с.
99. Усмонов, И. Журналистика. Қ. 2 [Матн] / И. Усмонов. – Душанбе, 2006. – 200 с.
100. Усмонов, И. Журналистика. Қ. 3 [Матн] / И. Усмонов. – Душанбе, 2008. – 448 с.
101. Усмонов, И. Жанрҳои публитсистика [Матн] / И. Усмонов. – Душанбе, 2009. – 139 с.
102. Усмонов, И. Журналистика. Қ. 4 [Матн] / И. Усмонов. – Душанбе, 2011. – 474 с.
103. Усмонов, И. К. Таҳкими сулҳ ва таҳаввулоти Тоҷикистон [Матн] / И.К. Усмонов. – Душанбе: 2016. – 627 с.
104. Фихтелиус, Э. Даҳ қоидаи журналистика (тарҷумаи Саломиён И.) [Матн] / Э. Фихтелиус. – Душанбе, 2010. – 136 с.
105. Франс Пресс (Большая российская энциклопедия: [в 35 т.] / гл. ред. Ю. С. Осипов ; 2004-2017, т. 33) [Текст] // Уланд — Хватцев. — М.: Большая российская энциклопедия, 2017. — С. 544.
106. Франция: Информационные агентства [Текст] // Страны мира сегодня: журн. — М.: ТАСС, 2014. — Т. 1: Европа (декабрь).

107. Хамидиён, И., Абдурахим, Б. Содержательное и жанровое многообразие на таджикском телевидение (монография) [Матн] / И. Хамидиён, Б. Абдурахим. – Душанбе, 2018. – 256 с.
108. Хоҷазод, С. Таърихи Радиои Тоҷикистон. Қ.1. [Матн] / С. Хоҷазод – Душанбе: Деваштич, 2006. – 144 с.
109. Хоҷазод, С. Таърихи Радиои Тоҷикистон. Қ.2. [Матн] / С. Хоҷазод – Душанбе: Деваштич, 2006. – 220 с.
110. Хоҷазод, С. Махсусияти жанрҳои радиои Тоҷикистон [Матн] / С. Хоҷазод. – Душанбе: Деваштич, 2010. – 152 с.
111. Хоҷазод, С. Таърихи телевизиони Тоҷикистон [Матн] / С. Хоҷазод – Душанбе, 2012. – 240 с.
112. Хоҷазод, С., Ализода, А. Х. Махсусияти жанрҳои радиоӣ [Матн] / С. Хоҷазод, А.Х. Ализода. – Душанбе: Балоғат, 2017. – 336 с.
113. Шоев, М., Гулов С. Телевизион ва имкониятҳои он [Матн] / М. Шоев, С. Гулов // Дар моварои сухан (маҷмуаи мақолаҳо). – Душанбе, 2005. – С. 26-31.
114. Эшматов, З. Таъсис ва ташаккули телевизиони Тоҷикистон [Матн] / З. Эшматов. – Душанбе, 2016. – 130 с.
115. Эшматов, З. Таджикское телевидение – от первых опытов до цифрового вещания. [Текст] / З. Эшматов. – Душанбе, 2024. – 198 с.

**III. Адабиёт бо забонҳои хориҷӣ:**

116. Becker, J., Salamanca, D. Der unsichtbare Spatankommling: Deutsche Welle-Fernsehen in Asien [Text] / J. Becker, D. Salamanca. – Berlin, 1998. – 218 p.
117. Deutsche Welle «Aus dem Tal der Ahnungslosen». Ideologic statt Kompetenz. Positional zu Genese und Qualitat des Berichtes «Der unsichtbare Spatankommling. Deutsche Welle-Femsehen in Asien» [Text]. – Koln, 1999. – 250 p.
118. Deutsche Welle. Deutsche Welle. Auslandsrundfunk der Bundesrepublik Deutschland [Text]. – Koln, o. J. – S. 7.

119. Deutsche Welle. Gesetz tiber die Rundfunkanstalt des Bundesrechts Deutsche Welle vom 16. Dezember 1997 [Text]. – Koln, 1998.
120. Everschor, F. Die Welt nach deutscher Art. Eine Beobachtung des Auslandsfernsehens der «Deutschen Welle» [Text] / F. Everschor. – Funk-Korrespondenz. Nr. 22/95. – S. 23-28.
121. Everschor F. Es herrscht eine grofie Kakophonie. Das Fernsehprogramm der Deutschen Welle zwischen Innovation und Politik. // Funk-Korrespondenz. Nr. 8/99. – S. 55-61.
122. Steininger, R. Langer Streit um kurze Welle. Der Auslandsrundfunk in den Anfangen der Bundesrepublik 1950-1953 [Text] / R. Steininger. – Berlin, o J. – S.172-173.
123. Zollner, O. Wie wichtig ist deutsches Auslandsfernsehen? Ubersicht liber die erreichten Zielgruppen von DW tv und seine Leistungen fur das Image Deutschlands [Text] / O. Zollner. – Koln, 2000. – S. 2.

**IV. Диссертатсияҳо ва авторефератҳо:**

124. Абдураҳимов, Б.А. Содержательная и жанровая палитра телевизионных передач (на примере таджикских государственных телевизионных каналов). Автореф. дис. канд. филол. наук [Текст] / Б.А. Абдурахимов. – Душанбе, 2017. – 23 с.
125. Муқимов, М. Воқеияти Тоҷикистони соҳибистиқлол ва проблемаҳои инъикоси он дар воситаҳои электронии ахбори хориҷӣ. Дисс. док. илм. филол [Матн] / М. Муқимов. – Душанбе, 2006. – 340 с.
126. Садуллаев, Дж.М. Межгосударственная телерадиокомпания «Мир» как новый тип межгосударственного средства массовой информации в контексте интеграционных процессов СНГ. Дисс. док. филол. наук [Текст] / Дж.М. Садуллаев. – Душанбе, 2013. – 313 с.
127. Сафарова, М.А. Телевидение и его психологическое влияние на общественное мнение (на примере государственных телевизионных каналов Таджикистана). Дисс. канд. филол. наук [Текст] / М.А. Сафарова. – Душанбе, 2018. – 202 с.

128. Сафаров, Х.Х. Место средств массовой информации России в информационном пространстве Республики Таджикистан. Дисс. канд. филол. наук [Текст] / Х.Х. Сафаров. – Душанбе, 2013. – 153 с.
129. Сохибова, Б.Н. Информация и ее интерпретация как фактор развития современного таджикского телевидения (на примере Первого канала телевидения Таджикистана и информационного канала «Джахоннамо»). Автореф. дис. канд. филол. наук [Текст] / Б.Н. Сохибова. – Душанбе, 2016. – 24 с.
130. Хоҷазод, С. Нақши радиои Тоҷикистон дар ташаккули афкори ҷомеа дар замони Истиқлол. Дисс. док. илм. филол. [Матн] / С. Хоҷазод. – Душанбе, 2015. – 311 с.
131. Эшматов, З.А. Становление и развитие таджикского телевидения (на примере Первого канала таджикского телевидения). Автореф. дис. канд. филол. наук [Текст] / З.А. Эшматов. – Душанбе, 2016. – 25 с.

## V. Манбаъҳои электронӣ:

132. Аз «девор»-и Шуравӣ то ҷангу сулҳи тоҷикон ва ифшогариҳо. 70 соли Озодӣ [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: https://www.ozodi.org/a/32714527.html. (Санаи дастрасӣ: 10.05.2022).
133. Аз Сиан то Берлин. Сабаби таваҷҷуҳ ба Тоҷикистон ва ҳамсояҳояш чист? [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: https://www.ozodi.org/a/32629127.html (Санаи дастрасӣ: 09.10.2023).
134. Ассошиэйтед Пресс (Дата обращения 15.04.2018) [Электронный ресурс] // Режим доступа: URL: https://tg.wikipedia.org/wiki/Ассошиэйтед_Пресс (Дата обращение: 15.04.2018).
135. Баҳси қатъи барномаҳои Би-Би-Си идома дорад [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: https://www.ozodi.org/a/604321.html (Санаи муроҷиат: 16.01.2021).

136. Баҳси қатъи барномаҳои Би-Би-Си идома дорад [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: https://www.ozodi.org/a/604321.html (Санаи муроҷиат: 15.04.2022).
137. Би-би-сӣ [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: https://tg.wikipedia.org/wiki/BBC (Санаи муроҷиат: 12.04.2022).
138. Гулзод, С. Истиқлолият ва рушди журналистикаи тоҷик [Манбаи электронӣ] / С. Гулзод // Низоми дастрасӣ: URL: https://tnu.tj/index.php/tj/isti-lolijat-va-rushdi-zhurnalistikai-to-ik/ (Санаи дастрасӣ: 21.05.2021).
139. Гузориши танқидӣ дар бораи артиши Украинаро месанҷанд [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: https://www.ozodi.org/a/31987301.html (Санаи дастрасӣ: 14.08.2022).
140. Дар бораи мо [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: https://www.bbc.com/tajik/institutional/2014/02/000000_about_us (Санаи муроҷиат: 12.04.2022).
141. Дар бораи Озодӣ [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: https://www.ozodi.org/p/4447.html (Санаи муроҷиат: 15.04.2022).
142. Дар Олмон 1,2 миллион коргар намерасад [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: https://www.ozodi.org/a/31526834.html (Санаи дастрасӣ: 24.10.2021).
143. Дидору гуфтушунидҳои раиси даврии САҲА дар Тоҷикистон [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: https://www.ozodi.org/a/604928.html (Санаи муроҷиат: 26.11.2022).
144. Дойче Прессе-Агентур [Электронный ресурс] // Режим доступа: URL: http://www.knowledge.su/d/doyche-presse-agentur (Дата обращения: 15.04.2018).
145. Информационное агентство Дойче Прессе-Агентур [Электроний ресурс] // Режим доступа: URL: https://prezi.com/dry-5qfps1io/deutsche-presse-agentur/ (Дата обращения: 15.04.2018).
146. Информационное агентство Исламской Республики [Электронный ресурс] // Режим доступа: URL: https://ru.wikipedia.org/wiki/

Информационное агентство Исламской Республики (Дата обращения: 16.04.2019).
147. Исрори Би-Би-Си ба номнависӣ ва такрори радди он [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: https://www.ozodi.org/a/606033.html (Санаи муроҷиат: 15.04.2022).
148. История развития Немецкого зарубежного радио [Электронный ресурс] // Режим доступа: URL: https://dzen.ru/a/Y8C8fxTy6SfCxtDa (Дата обращения: 15.04.2024).
149. Ихтисори кормандони Би-би-сӣ дар Тоҷикистон [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: https://sputnik.tj/20150331/1014967544.html (Санаи муроҷиат: 11.04.2019).
150. Лукашенко аз Олмон хост, ҳудуди 2 ҳазор муҳоҷирро қабул кунад [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: https://www.ozodi.org/a/31574427.html (Санаи дастрасӣ: 23.11.2021).
151. Меркел ҳамлаи Германияи фашистиро ба ИҶШС «мояи шармандагӣ» номид [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: https://khovar.tj/2021/06/merkel-amlai-germaniyai-fashistiro-ba-i-shs-moyai-sharmandag-nomid/ (Санаи дастрасӣ: 10.10.2019).
152. Нақши расона дар фарҳанги иҷтимоӣ [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: http://pitfi.tj/node/149 (Санаи муроҷиат: 15.01.2021).
153. Поёни фаъолияти сафҳаи сириллики бахши форсии Би-би-сӣ [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: https://www.bbc.com/tajik/institutional/2015/02/000000_tajik_service (Санаи муроҷиат: 15.04.2020).
154. Рейтер [Электронный ресурс] // Режим доступа: URL: https://ru.wikipedia.org/wiki/Рейтер (Дата обращения: 15.04.2018)
155. Русҳо «Штирлитси тоҷик»-ро кино мекунанд [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: https://pressa.tj/rus%D2%B3o-shtirlitsi-to%D2%B7ik-ro-kino-mekunand/ (Санаи дастрасӣ: 10.10.2019).
156. Синьхуа [Электронный ресурс] // Режим доступа: URL: https://ru.wikipedia.org/wiki/Синьхуа (Дата обращения: 15.04.2024)

157. Тааҷҷуб ва хашми Берлин: Русия фаъолияти «Мавҷи Олмон»-ро манъ кард [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: https://sputnik.tj/20220204/taajjub-khashm-berlin-rusiya-faoliyat-mavj-olmon-man-kard-1045500773.html (Санаи дастрасӣ: 04.02.2022).
158. ТАСС [Электронный ресурс] // Режим доступа: URL: https://ru.wikipedia.org/wiki/ТАСС (Дата обращения: 15.04.2024).
159. Франс Пресс [Электронный ресурс] // Режим доступа: URL: https://ru.wikipedia.org/wiki/ (Дата обращения 15.04.2018).
160. Як ҳафтаи ҷаҳон: Ғарб ба Украина аслиҳаи ҳамлакунанда медиҳад [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: https://asiaplustj.info/tj/news/world/20230125/yak-aftai-aon-arb-ba-ukraina-asliai-amlakunanda-mediad
161. Як ҳафтаи ҷаҳон: Муносибати воқеии Чин бо Осиёи Марказӣ ва масъалаи садоқат ба ватан дар Русия [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: https://asiaplustj.info/tj/news/world/20230427/yak-aftai-aon-munosibati-voeii-chin-nisbati-osiyoi-markaz-va-masalai-sadoat-ba-vatan-dar-rusiya
162. Central Asia and Europe [Electronic resource] // Database Name: URL: https://ec.europa.eu/europeaid/regions/central-asia-0_en (Date Accessed: 05.10.2019).
163. Central Asian journalists join [Electronic resource] // Database Name: URL: https://www.internews.org/news/central-asian-journalists-join-efforts-prevent-spread-violent-extremism (Date Accessed: 10.10.2019)/
164. DPA [Электронный ресурс] // Режим доступа: URL: https://ru.wikipedia.org/wiki/DPA (Дата обращения: 15.04.2024).
165. European commission report [Electronic resource] // Database Name: URL: https://ec.europa.eu/europeaid/regions/central-asia-0_en (Date Accessed: 05.10.2019).
166. European union and Central Asia environment and water cooperation [Electronic resource] // Database Name: URL:

http://uza.uz/en/society/european-union-and-central-asia-environment-and-water-cooper (Date Accessed: 06.10.2019).

167. Masayuki, Saito. International Broadcasters Confronted with Great Changes / Saito Masayuki [Electronic resource] // Database Name: URL: https://www.nhk.or.jp/bunken/english/reports/pdf/report_14030101-2.pdf (Date Accessed: 12.04.2020).

168. Reuters (news agency). Encyclopædia Britannica [Electronic resource] // Database Name: URL: https://www.britannica.com/topic/Thomson-Reuters (Date Accessed: 15.04.2018).

169. Tajikistan frees journalist Khayrullo Mirsaidov [Electronic resource] // Database Name: URL: https://www.dw.com/en/tajikistan-frees-journalist-and-comedian-khayrullo-mirsaidov/a-45188086 (Date Accessed: 10.10.2019).

**VI. Матбуоти даврӣ:**

170. Белорусско-кыргызский демарш: Саммит ЕАЭС прошел не по сценарию [Текст] // Народная газета. – 2017. – 4 января.

## Б) РӮЙХАТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

### I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Анҷум, М. Таъсис ва ташаккули шабакаи «Мавҷи Олмон» [Матн] / М. Анҷум // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – №3. – С. 282-285.

[2-М]. Анҷум, М. Мавзуъ ва мундариҷаи барномаҳои «Мавҷи Олмон» [Матн] / М. Анҷум // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – №5. – С. 327-330.

[3-М]. Гулов, С.Н., Анҷум, М. Фаъолияти расонаҳои байналмилалӣ дар Тоҷикистон» [Матн] / С.Н. Гулов, М. Анҷум // Паёми Донишгоҳи

миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. – №2. – С. 247-253.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[4-М]. Анҷум, М. Назаре ба барномаҳои «Мавҷи Олмон» [Матн] / М. Анҷум // Журналистикаи байналхалқӣ – 10 (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ). – Душанбе, 2019. – №10. – С. 173-175.

[5-М]. Анҷум, М. Махсусияти барномаҳои телевизиони «Мавҷи Олмон» [Матн] / М. Анҷум // Журналистикаи байналхалқӣ – XI (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ). – Душанбе, 2019. – №11. – С. 59-61.

[6-М]. Anjum, M.A. Rewiew of european media and Central Asia // Proceedings of the 8-th International Scientific and Practaical Conference, Scientific Research in XX1 Century (Ottawa, 06-08.03.2021) (Баррасии расонаҳои аврупоӣ ва Осиёи Марказӣ // Маводди конфронси 8-уми байналмилалии илмӣ ва амалии «Тадқиқоти илмӣ дар асри XX1» (Оттава, 06-08.03.2021)) / M. Anjum // Scientific Collection «INTERCONF», 2021. – №44. – С. 332-335.

[7-М]. Anjum, M.A. Features of DW tv programs // Proceedings of the 3rd International Scientific and Practical Conference Scientific Community: Interdisciplinary Research (Hamburg, Germany 16-18.03.2021) (Хусусиятҳои барномаҳои телевизионии «Мавҷи Олмон» // Маводди конфронси 3-юми байналмилалии илмӣ-амалии «Тадқиқоти байнисоҳавӣ» (Гамбург, 16-18.03.2021)) / M. Anjum // Scientific Collection «INTERCONF», 2021. – №45. – С. 190-194.

[8-М]. Anjum, M.A., Gulov, S. Activity of International Media in Tajikistan // Proceedings of the 7th International Scientific and Practical Conference (Umea, 19-20.04.2024) (Фаъолияти расонаҳои байналмилалӣ дар Тоҷикистон // Маводди конфронси 7-уми байналмилалии илмӣ-амалӣ. (Умеа, 19-20.04.2024)) / M. Anjum // Scientific Collection «INTERCONF», 2024. – №44. – С. 231-241.